ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 891. 550
ВБД 83. 3 Тоҷ
Қ – 53

ҚАҲОРЗОДА МЕҲРОҶИДДИНИ ВАЙСИДДИН

ҶАНБАҲОИ БАДЕӢ ВА ФАЛСАФИИ АШЪОРИ АСКАР ҲАКИМ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси
6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ
Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 3-6

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ 6-14

БОБИ I. ҶОЙГОҲИ АСКАР ҲАКИМ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК.....15-65

1.1. Марҳилаҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким 15-28

1.2. Муҳтаво ва сохтори ашъори ҷилдҳои I ва II «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким.....28-65

БОБИ II. МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ АШЪОРИ АСКАР ҲАКИМ.....66-116

2.1. Навовариҳои Аскар Ҳаким дар шеъри анъанавии муосир.....66-87

2.2. Ҷойгоҳи андешаҳои фалсафӣ дар ашъори Аскар Ҳаким 87-107

2.3. Мавқеи панду ахлоқ дар ашъори Аскар Ҳаким.....107-116

БОБИ III. ПОЭТИКАИ АШЪОРИ АСКАР ҲАКИМ.....117-166

3.1. Сабку услуб ва санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким.....117-140

3.2. Мақоми шеъри озод дар эҷодиёти Аскар Ҳаким.....140-151

3.3. Воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноии Аскар Ҳаким.....151-166

ХУЛОСА 167-170

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ 171-172

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (маъхазҳо).....173-187

ЗАМИМА

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Таҳлили мазмунҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, махсусиятҳои сабку услубӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким дар арзёбии ҷойгоҳи муаллиф дар адабиёти муосири тоҷик нақши муҳим дорад. Адабиёти шуравии тоҷик, аз ҷумла, назми он дар оғоз бо сабку услуби воқеиятнигорӣ (реализм), содабаёнӣ, тантана ва шиор маълум буд. Аз солҳои шастум то навадуми асри XX ин хусусият бо «таҳаррукоти ҷадид, зуҳури андешаҳои тоза ва марҳилаи бозгашт ба асолати хеш» [26, с. 73] пурра гардид. Ба махсусияти шеъри ин давра муҳаққиқ М. Шакурӣ чунин баҳо додааст: «аз даҳаи шасти садаи XX то ба имрӯз шеъри тоҷикии Фарорӯд шеъри таҳқиқӣ аст ва таҳқиқи бадеии он бештар таҳлилӣ ва гоҳе тасвирӣ мебошад» [165, с. 105-118]. Маҳз дар ҳамин марҳилаи ташаккули шеъри таҳқиқӣ дар нимаи аввали солҳои ҳафтодум як зумра шоирони навовар ба ҷодаи эҷод қадам гузоштанд, ки яке аз онҳо Аскар Ҳаким буд. Шеъри таҳқиқӣ бо кӯшиши онҳо такмил ва тақвият ёфт. Аз нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри гузашта ва аввали солҳои навадуми асри XX бошад, вобаста ба дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, озодбаёнӣ ва Истиқлоли давлатии кишвар ба шеъри таҳқиқии тоҷик оҳангҳои худшиносӣ, инқилобӣ, ҳатто, то андозае яъсу ноумедӣ илова гардиданд. Муҳаққиқ Х. Асозода ин равандро чунин шарҳ додааст: «Шеъри тоҷик аз солҳои 1985-1986 сар карда раванди инкишофи худро тағйир дод ва дар он тамоюлҳои нав падид омаданд» [28, с. 612]. Аз ҷумла, дар ин давра шеърҳои Аскар Ҳаким, ба вижа, дар силсилаи «Рӯзи умед» (солҳои 1987-1990) мазмуни тоза пайдо карданд. Баъди расидан ба оромии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз охири солҳои навадуми асри XX шеъри таҳқиқӣ ба марҳилаи нав ворид шуда, ба он мавзуи ҳувияти миллӣ ҳамроҳ гардид. Омӯзиши падидаи мазкур зимни таҳқиқи роҳи эҷодӣ ва такмилёбии сабку услуби хос, мавзуъҳои нав ва навовариҳо дар ашъори яке аз намояндагони асосии ин давр Аскар Ҳаким имконпазир мегардад, ки барои арзёбии дурусти вазъи шеъри муосири тоҷик кумак расонида метавонад. Зеро, пеш аз ҳама, «шеъри ин давра дар тарбияи насли

нави худогоҳ дар ҷомеаи имрӯзи мо аҳаммияти калони сиёсӣ ва амалӣ дошт ва дорад» [85, с. 13]. Ҳамчунин, омӯзиши фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким, хоса, дар даврони Истиқлоли давлатии кишвар нақши зиёиёни кишвар ва эҷодкорро дар барқарории сулҳу субот ва осоиштагию ҳамдигарфаҳмӣ баҳои арзанда хоҳад гузошт. Мавзуи ин диссертатсия барои муайян кардани махсусиятҳои ашъори шоирон дар ду даҳсолаи охири даврони шуравӣ ва давраи гузариш, ташаккули сабку услуби нав ва навовариҳо дар мазмуну мундариҷа, шакл ва сохтори шеър ба аҳаммияти калони илмӣ молик буда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, табияи маънаию ахлоқӣ ва фарҳангии шаҳрвандон кумак мерасонад. Ниҳоят, мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки он дар муайян намудан ҷанбаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ, панду насиҳатӣ ва воқеиятнигории ашъори Аскар Ҳаким таҳқиқи густарда ва аввалин ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Дар бораи хусусияти ашъори шоирони насли сеюми адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла, Аскар Ҳаким, дар давраи аввали фаъолияташон – аз солҳои шастум то навадуми асри гузашта, мазмуну мундариҷаи ашъори онҳо таҳқиқот анҷом ёфта бошанд ҳам, мавқеи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ба таври комил омӯхта нашудааст. Дар асарҳои муҳаққиқон М. Шакурӣ [154; 155], С. Табаров [121], Х. Шарифов [159; 160], Х. Асозода [28; 29, с. 39-79], А. Сатторов [116], А. Набавӣ [84, с. 218-230], А. Сайфуллоев [109, с. 200-206], Ю. Акбарзода [25; 26], М. Мирзоюнус [76, с. 124-134], С. Қосимов [66] ва дигарон зимни баррасии шеъри ин марҳила, ки метавон давраи гузариш номид, ба махсусиятҳои ашъор, сабку услуб ва корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким низ ишора гардидааст. Пажуҳишҳои ин муҳаққиқон то андозае хусусияти назариявӣ дошта, ҷанбаҳои амалӣ, аз ҷумла, навоварӣ, корбурди мазмунҳои фалсафӣ, устуравӣ, воқеиятнигорӣ дар ашъори шоир, махсусан, дар даврони Истиқлоли давлатии мамлакат таҳлилу баррасӣ нашудаанд. Бо назардошти ин, сарчашмаҳои дастраси илмиро ба ду қисмат ҷудо кардан мумкин аст:

1) Назариявӣ. Нахуст, осори адабиётшиносии классикии тоҷик, асару мақолаҳои муҳаққиқон ва шоирони муосир Т. Зеҳнӣ, [55], У. Тоиров, [123; 124; 126; 127], Р. Мусулмониён [83], Р. Ваҳҳобзода, [44; 45], М. Нарзиқул, [87, с. 65-75; 88; 89, с. 265-274; 90, с. 275-286], К. Насрулло [91, с. 175] оид ба шеършиносӣ, санъати шеър ва сувари хаёл мавриди истифода қарор гирифтанд. Ҳамчунин, худи Аскар Ҳаким муаллифи як қатор таҳқиқоти бунёдӣ оид ба ашъори шоирони муосир ва назарияи шеършиносӣ мебошад, ки аз онҳо низ босамар истифода шуд. Аскар Ҳаким дар чунин асарҳои илмӣ, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ раванд, навоварӣ ва бурду бохти ашъори шоирони ҳамасри худро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз ҷумла, дар рисолаи доктории ӯ масъалаҳои ҳалталаб ва муҳимми назарияи адабиётшиносӣ ва вижагиҳои ашъори ғиноии муосири тоҷик баррасӣ ва хулосабарорӣ гардидааст. Аз чунин таҳқиқоту рисолаҳои Аскар Ҳаким барои шинохти масъалаҳои муҳимми назариявии мавзуъ, аз ҷумла, оид ба шинохти шеъри ғиноӣ, фалсафӣ, қаҳрамони ғиноӣ, ҳикоят ва воқеиятнигорӣ дар шеър ва ғайра метавон дар кори амалӣ истифода бурд.

2) Асару мақолаҳое, ки ба таҳлили ашъори Аскар Ҳаким бахшида шудаанд. Чунин осору мақолаҳо зиёданд, зеро ашъори Аскар Ҳаким ҳанӯз аз солҳои ҳаштодуми асри ХХ таваҷҷуҳи донишмандони тоҷикро ҷалб кардааст. Бояд гуфт, ки аксари чунин осор – мақолаҳои таҳқиқотӣ, тақризу мусоҳиба, сарсуханҳои ба маҷмуаи ашъори Аскар Ҳаким бахшидашуда дар «Маҷмуаи осор»-и ҳафтҷилдаи шоир, ҷилди 7 [18] ва дар маҷмуае, ки ба муносибати 75-солагии шоир чоп шуд – «Паҳлуҳои як истеъдод» гирд оварда шудаанд [96]. Дар байни онҳо мақолаҳои Р. Ҳамзатов [149, с. 15-19], А. Раҳмонзода [103, с. 20-28], М. Диноршоев [53, с. 39-101], Ф. Раҳимӣ [98, с. 3-14], А. Сайфуллоев [109, с. 200-206], А. Абдуманнонов [20, с. 212-217], Б. Шарифзода [158, с. 102-123], М. Мирзоюнус [76, с. 124-134], А. Абдуллоев [19, с. 153-158], Ш. Раҳмонов [104, с. 195-197], Ҷ. Бақозода [34, с. 198-204], Н. Файзуллоев ва Н. Салимов [132, с. 207-211], А. Набавӣ [84, с. 218-230], Гулназар [48, с. 265-270], А. Қазва [62, с. 249-253], С. Сухоян [111, с. 271-279], А. Шеърдӯст [156, с. 284-

301], С. Саидов [120, с. 363-370], М. Аҷамӣ [33, с. 385-407], М. Меҳрдод [74, с. 421-426] бо муҳтавои илмии худ фарқ мекунанд. Махсусан, таҳқиқоти М. Диноршоев аҳаммияти калони илмию амалӣ дошта, дар он яке аз масъалаҳои муҳимми мавриди пажуҳиши мо – ҷойгоҳи фалсафа дар ашъори Аскар Ҳаким ба таҳқиқи ҳаматарафа фаро гирифта шудааст. Муҳаққиқ зимни алоқамандии шеър ба фалсафа ашъори Аскар Ҳакимро аз ҷиҳати инъикоси масъалаҳои фалсафӣ, назари шоир ба фалсафа, ҳикмат ба таҳқиқ гирифтааст.

Дар байни корҳои таҳқиқотии охирин метавон аз рисолаи номзадии Б. Раҳимзода «Аскар Ҳаким – шоир, мунаққид ва муҳаққиқи адабиёти муосири тоҷик» [97] ёдовар шуд, ки фарогири пурраи фаъолияти илмию эҷодии Аскар Ҳаким мебошад. Ҳадафи асосии муҳаққиқ баррасии фаъолияти илмӣ-адабиётшиносии Аскар Ҳаким буда, то андозае ба мақсади худ расидааст. Бо вуҷуди ин, дар кор оид ба мазмуну мундариҷа ва поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким ба таври умумӣ маълумот дода шуда, таҳқиқ кам ба назар мерасад. Ба андешаи мо, фаъолияти илмиву адабиётшиносии Аскар Ҳаким бояд амиқтар мавриди пажуҳиш қарор мегирифт, то ҳадафи асосӣ ба даст ояд. Дар кори зикршуда ба ҷойгоҳи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ҷо-ҷо ишора шуда, масъалаи воқеиятнигорӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки муҳтавои кори мо аз рисолаи Б. Раҳимзода фарқ дошта, агар дар пажуҳиши Б. Раҳимзода назари Аскар Ҳаким ба шеъру шоирӣ дар асоси таҳқиқоти назариявии ӯ мавриди баррасӣ қарор дода шуда бошад, дар кори мо моҳияти ашъор мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар зимн назари шоир ба ин масъала муайян карда хоҳад шуд.

Бо вуҷуди он ки оид ба даврабандии фаъолияти эҷодӣ ва махсусиятҳои ашъори шоир чунин як таҳқиқот анҷом дода шудааст, кофӣ нестанд. Дар бораи ҷойгоҳи мавзуъҳои фалсафӣ, ҳикмат ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким, ҳамчунин, ташаккули сабки эҷодӣ, навовариҳо дар эҷод ва пайвандии ашъори ӯ бо шоирони дигар таҳқиқоти густардаи илмӣ анҷом дода нашудааст. Баробари ин, дар ин кор таҳқиқи ашъори Аскар Ҳаким ҳамчун яке аз қисматҳои

асосии шеъри даврони муосири тоҷик ва хусусияти ба он алоқаманд роҳандозӣ хоҳад шуд.

Ҳамчунин, рӯзноманигорон Б. Қодирдухт, О. Нозир, Ш. Адҳамзод бо Аскар Ҳаким мусоҳиба ороста, ба бисёр масъалаҳои муҳимми фаъолияти эҷодии шоир, аз ҷумла, мавзую мундариҷаи ашъор, назари шоир ба шеъру шоирӣ, рӯйдодҳои муҳимми ҷомеа, ҳадаф ва дархостҳои шоир гуфтугӯ кардаанд. Масалан, ба масъалаи воқеиятнигорӣ ва сюужетнокӣ дар асари бадеӣ, аз ҷумла, шеъри ғиноӣ рӯ оварда, зикр кардаанд, ки бисёр лаҳзаҳои ҳаёти шоир дар ашъори ӯ тасвири бадеӣ ёфтааст. Дар ин бора худи Аскар Ҳаким низ дар мусоҳиба ва таҳқиқот то андозае маълумоти арзишманд додааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ ба барномаҳои давлатӣ, стратегияҳои миллӣ ва мавзуъҳои афзалиятноки илмӣ робитаи устувор дорад. Диссертатсия дар асоси барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шуда, дурнамои он дар доираи ҳамин барнома муайян гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади таҳқиқ арзёбии мавзую мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатии кишвар, баррасии ташаккули сабки шоирӣ, ҷанбаҳои фалсафӣ, ҳикмат, воқеиятнигорӣ дар давраи гузариш ва таҳқиқи навовариҳо дар осори шоир аст. Дар ин замина мазмуну мундариҷаи шеър дар солҳои охири даврони шуравӣ ва гузариш ба сабк ва услуби нав, саҳм ва аҳаммияти осори манзум дар давраи таҳаввулоти куллӣ дар ҷомеа, навовариҳои шаклӣ ва мазмунӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, таъсири мусбат ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа расонидаи шеъри Аскар Ҳаким, махсусан, дар замони Истиқлол, зуҳури шеваи нави шеър ва паҳншавии онҳо дар шеъри муосири тоҷик мавриди арзёбӣ қарор мегиранд.

Вазифаҳои таҳқиқ. Бо назардошти хусусияти мавзуи мазкур ҳалли вазифаҳои зерин пешниҳод мегардад:

– муайян кардани марҳилаҳои фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким;

– шарҳи мавзую мундариҷа ва сохтори ашъори Аскар Ҳаким дар асоси «Маҷмуаи осор»-и шоир;

– муайян кардани таҳаввули мазмунҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва панду насиҳатӣ дар ашъори шоир;

– баррасии мавзуи анъана ва навоварӣ дар қолабҳои суннатии ашъори шоир;

– муайян кардани махсусиятҳои сабкӣ ва санъати сухан дар ашъори Аскар Ҳаким;

– баррасии хусусияти шаклӣ ва рушди шеъри нав дар ашъори Аскар Ҳаким;

– асосноккунии сурудаҳои Аскар Ҳаким ҳамчун усул ва шеваи хоси шоир;

– арзёбии аҳаммияти шеъри Аскар Ҳаким дар тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстӣ дар ҷомеа;

– муайян кардани сабаб, усул ва аҳаммияти мазмунҳои устуравӣ ва таъсири он дар тарбияи насли наврас;

– баррасии мазмунҳои фалсафӣ, устуравӣ дар ашъори шоир ва таъсири чунин шеърҳо дар тарбияи насли нав;

– арзёбии навовариҳои Аскар Ҳаким дар шеъри анъанавӣ, аз ҷумла, ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ;

– муайян кардани вазифа ва махсусиятҳои услуби воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким.

Объекти таҳқиқ. Объекти таҳқиқро ашъори Аскар Ҳаким дар 12 маҷмуаи ашъор, «Маҷмуаи осор» (7 ҷилд), «Маҷмуаи ашъор» (2 ҷилд) ва сомонаи интернетии шоир: Web – сомона https// www.askar-hakim.tj ташкил медиҳад. Дар кори мавриди назар асосан ашъори шоир дар ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор», ки шеърҳои то соли 2017 сароидаи шоирро дар бар мегиранд, мавриди таҳқиқи муфассал қарор дода мешаванд. Ҳамчунин, як қатор ашъори солҳои

охири шоир, ки дар саҳифаи интернетии ӯ ба табъ расидаанд, объекти таҳқиқ ва таҳлилу санҷиш қарор дода хоҳанд шуд. Гузашта аз ин, рисолаҳои номзадӣ ва доктории Аскар Ҳаким, диссертатсия ва мақолаҳои илмии муҳаққиқон дар бораи ашъори шоир ва асарҳои назариявии адабиётшиносӣ оид ба санъатҳои бадеӣ ва вазну сохтори шеър, таҳқиқоти дастрас оид ба вазъи шеъри муосир, ки дар китобу маҷмуаҳо ва нашрияҳо ба табъ расидаанд, сарчашмаи муҳимми кор маҳсуб меёбанд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқ. Мавзуи таҳқиқ аз баррасии мазмуну муҳтавои ашъори Аскар Ҳаким, заминаи ташаккули ҳунари шоирӣ, сабку услуби хоси ӯ дар шеъри муосир, инъикоси мавзуъҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ, махсусиятҳои шакл ва мазмуни ашъори шоир дар даврaҳои гуногуни таърихӣ, саҳми шоир дар рушди шеъри нав, истифодаи санъатҳои бадеию сувари хаёл дар ашъори ӯ, анъана ва навовариҳо, истифодаи мазмунҳои нав дар шакли пешина, навовариҳои шаклу мазмун дар шеър, таъсири шеъри шоир ба афкор ва маънавиёти мардум иборат мебошад. Таҳқиқ ду даврaи фаъолияти эҷодии шоир – даврони шуравӣ ва Истиқлолро дар бар гирифта, махсусиятҳои ҳар давра мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Пояи назариявии диссертатсия дар асоси корҳои адабиётшиносони тоҷик С. Айнӣ [1], А. Лоҳутӣ [67, с. 113-114; 68, с. 150-167], М. Турсунзода [128, с. 85-88], М. Шакурӣ [154; 155], Т. Зеҳнӣ [55], А. Маниёзов [69], С. Табаров [121], А. Сайфуллоев [109, с. 200-206], Ю. Акбарзода [25; 26], У. Тоиров [123; 124; 126; 127], Р. Ваҳҳобзода [44; 45] ва дигарон, инчунин, асарҳои назариявии худи Аскар Ҳаким ва таҳқиқоти адабиётшиносони муосир оид ба санъатҳои сухан ва унсурҳои шеъри муосир сурат гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқ. Навоварии таҳқиқро метавон аз инҳо иборат донист:

– бори аввал ҷойгоҳи ашъори фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ва ҷустуҷӯҳои эҷодиву навовариҳои шоир ба таври мураттаб ва маҷмуӣ омӯхта шуд;

– ба таври таҷриба бори нахуст робитаи мутақобилаи фалсафа, ахлоқ ва воқеиятнигорӣ ҳамчун пояи асосии ҷаҳонбинии илмӣ ва бадеии Аскар Ҳаким дар заминаи таҳлили матн ва равиши сабкшиносӣ ба баррасӣ ва муҳокима гузошта шуда, консепсияи бадеӣ - эстетикии шоир муайян гардид;

– ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навовариҳои шоир дар ҳамгироии анъана ва таҷдид, истифодаи қолабҳои суннатӣ бо ворид кардани мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ ва воқеиятнигорӣ, таҳаввули шеъри ғиноӣ, озод ва рушди шаклҳои озоди баён дар шеъри муосири тоҷик ба таҳқиқ кашида шуд;

– дар таҳқиқ хусусиятҳои поэтикии ифодаи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ, устуравӣ, воқеиятнигорӣ тавассути усулҳои гуногуни образофаринӣ ҳамчун омилҳои муайянкунандаи сабки Аскар Ҳаким таҳлил ва ҷамъбаст гардид;

– дар диссертатсия аҳаммияти маънавӣ ва иҷтимоии ашъори шоир дар таҳкими худшиносии миллӣ, ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва тарбияи маънавии ҷомеаи даврони Истиқлол дар заминаи илмӣ арзёбӣ гардид;

– омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ашъори навоваронаи Аскар Ҳаким, аз тарафи ӯ ба вуҷуд овардани шаклҳои нави шеърӣ, чун чаҳорпора бо як байти ҷамъбасткунанда, ба шаклҳои анъанавӣ ворид сохтани мазмунҳои нав чун ғазалҳои иҷтимоӣ, дубайтӣ, рубоӣ ва фардҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ бори аввал мавриди баррасӣ қарор дода шуданд;

– эҳёи ҳунари рубоисароии классикӣ ва ба он ворид кардани мазмунҳои нав дар шеъри Аскар Ҳаким мавриди баррасии амиқ қарор гирифт;

– истифодаи санъатҳои бадеӣ, калимаю ибора ва мафҳумҳои нав дар шеър, идома ва ташаккули шаклу мазмуни шеъри озод баррасӣ гардид;

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шудааст, ки ташаккули шахсияти эҷодӣ ва роҳи шоирии Аскар Ҳаким ба муҳити адабӣ, воқеияти иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои таърихии замони зиндагии ӯ пайванди бевосита дошта, таҳаввули ашъораш аз марҳилаи аввалини эҷод то давраи камол тағйироти назарраси мазмуниву услубиро фаро

гирифтааст. Дар марҳилаи нахуст шеърҳои тавсифӣ ва ишқӣ мавқеи бештар дошта, баъдан доираи мавзуъ ва масъалаҳои мавриди назари шоир густариш ёфтааст. Хусусан, нобасомониҳо ва мушкилоти иҷтимоии солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ба мазмуну мундариҷаи ашъори ӯ таъсир расонида, таваҷҷуҳ ба сарнавишти инсон, ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоиву маънавиро афзудаанд. Ҳамин таҳаввулот дар ташаккули сабку услуби хоси шоир низ нақши муассир гузоштаанд.

2. Асоснок карда шудааст, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимми навоварии Аскар Ҳаким дар пайванди суннатҳои шеъри классикӣ бо мазмуну масъалаҳои замони муосир ва ҷустуҷӯҳои тозаи шаклӣ зоҳир мегардад. Ӯ дар ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва дигар шаклҳои хурди шеърӣ мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ, панду ахлоқ, ҳикмат ва таҷрибаи рӯзгорро густариш дода, дар рубоиву дубайтии ҳикматомез ва пандомӯз суннати адабиёти классикиро идома ва мувофиқи талаботи замон такмил додааст. Дар баробари истифодаи босамари шаклҳои суннатӣ, таҷрибаҳои шаклии шоир, аз ҷумла, чаҳорпораи иборат аз ду банди чормисраӣ ва як байти ҷамъбастӣ, ҷустуҷӯҳои ӯро дар сохтор ва тарзи ифодаи мазмуну ғоя нишон медиҳанд.

3. Ошкор гардидааст, ки ашъори ғиноиву ҳамосии Аскар Ҳаким бо фарогирии масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ, корбасти панду ҳикмат ва таҷрибаи рӯзгор, истифодаи масалу устураҳои мардумӣ, динӣ ва ахлоқӣ вежагиҳои муайяни мазмуниву бадеӣ касб кардааст. Воқеиятнигорӣ дар ашъори ӯ бо тафаккури фалсафӣ ва ахлоқӣ пайваста, сабку услуби фардии шоир дар интихоби сувари хаёл, санъатҳои бадеӣ ва тарзи тасвиру баёни воқеият зуҳур мекунад. Ҷанбаи ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва маънавии ин ашъор арзиши тарбиявии онро тақвият бахшида, муносибати шоирро ба инсон, ҷомеа ва арзишҳои маънавӣ муайян месозад.

4. Исбот карда шудааст, ки саҳми Аскар Ҳаким дар рушди шеъри муосири тоҷик бо таҷдиди шаклу мазмун, истифодаи имкониятҳои шеъри озод, идомаи эҷодкоронаи суннатҳои шеърии гузашта ва ҷустуҷӯҳои нави жанриву услубӣ алоқаманд аст. Дар шеъри озоди ӯ дигаргуниҳои сохторӣ бо навшавии

мазмуну мундариҷа ҳамоҳанг гардида, имкониятҳои ин шакли шеър барои ифодаи масъалаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва таҷрибаи маънавии инсон истифода шудаанд. Ин ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, дар баробари таъсири ашъори шоир ба эҷодкорони ҷавон, ҷойгоҳи Аскар Ҳакимро дар рушду такомули шеъри муосири тоҷик муайян менамоянд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Масъалаҳое, ки дар таҳқиқ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд, аз ҷумла, вазъи шеъри муосири тоҷик дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ, солҳои аввали Истиқлоли давлатии кишвар, пайдоиш ва ташаккули мавзую мундариҷа ва сохтори нави шеър дар замони муосир, ба вуҷуд омадани мавзуъҳои нав ва шаклҳои нави шеър дар назми муосири тоҷик, ба мавзуи асосӣ табдил ёфтани ҷанбаҳои фалсафӣ, ҳикмат, панду насиҳат ва воқеиятнигорӣ, эҳёи анъанаи классикии рубоисароӣ, роҳҳои пешрафт ва сохти шеър дар илми адабиётшиносии тоҷик нав буда, дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд. Дар ин таҳқиқ бори аввал ин масъалаҳо зимни пажуҳиши ашъори Аскар Ҳаким мавриди баррасӣ қарор гирифта, саҳми шоир дар ҳалли онҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ собит карда мешаванд. Аҳаммияти таҳқиқ ва саҳми шахсии довталаб аз он иборат аст, ки ба ҷиҳатҳои амалии мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, дар асоси пешниҳод ва баррасии намунаҳои ашъори Аскар Ҳаким самтҳои нави пажуҳишҳои ояндаро муайян кардааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқ, ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки эҷодкорони ҷавон онро ҳамчун раҳнамо барои тарғибу ташвиқ ва иттилоърасонӣ ба кор бурда метавонанд.

Матолиб, мавзуъ, хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи таҳқиқи мазкурро дар таҳияи дастур ва барномаҳои таълимию курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ оид ба ташаккули адабиёти навини тоҷик дар факултетҳои филология ва рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, мазмун ва хулосаи диссертатсияро дар ташкили курсҳои нави «Сабку услуб ва навоварӣ дар шеъри муосири тоҷик», «Вазъи шеъри муосири тоҷик дар давраи гузариш ва дурнамои он», «Мавқеи шеър дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон», «Шеър ва

фалсафа», «Ҳикмат, панду аҳлоқ ва устура дар шеър», «Санъати сухан ва сувари хаёл», «Шеъри озод ва шаклҳои нави шеър дар адабиёти муосири тоҷик» ва ғайра дар факултетҳои филология метавон истифода кард.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ, осори чопшудаи Аскар Ҳаким ва пажуҳишҳои муътамади адабиётшиносӣ таъмин гардидааст. Натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия дар асоси омӯзишу таҳлили ашъори шоир, муқоисаи осори марҳилаҳои гуногуни эҷодиёти ӯ ва баррасии хусусиятҳои мазмунӣ, шаклӣ ва бадеии онҳо ба даст омадаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таърихию адабӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва тавсифӣ истифода шуда, андешаҳои илмӣ бо мисолҳои мушаххас аз осори шоир ва далелҳои адабиётшиносӣ асоснок гардидаанд. Мутобиқати натиҷаҳои бадастомада бо ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлилу муқоисаи пайвастаи маводи адабӣ эътимоднокии хулосаҳои илмии диссертатсияро таъмин менамоянд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» аз ҷиҳати мазмун, масъалагузорӣ ва самтҳои таҳқиқ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.18 Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ мувофиқат мекунад. Пажуҳиш ба омӯзиши хусусиятҳои поэтикии ашъори шоир, ҷанбаҳои фалсафию ғоявии эҷодиёти ӯ, сабки фардӣ, низоми тасвирҳои бадеӣ, анъана ва навоварӣ дар сохтору муҳтавои шеърҳо бахшида шуда, бо самтҳои назариявӣ ва сабкшиносии ихтисоси мазкур робитаи мустақим дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Мавзуъ ва масъалаҳои асосии таҳқиқ аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, натиҷаҳои омӯзиш ва хулосаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо ва матни диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Муайян кардани махсусиятҳо, мавзую мундариҷа ва сохти ашъори шоирони муосири тоҷик дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ, дар давраи гузариш ба сохти нави ҷамъиятӣ, солҳои душвори муқовиматҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, мушкилоти ҷомеа, Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

инъикосу таъсири онҳо ба шеъри тоҷик, аз ҷумла, ашъори Аскар Ҳаким, пайдоиш ва ташаккули сабку услуби хоси шоирӣ, эҷоди мавзуъҳои нав, шаклу мазмунҳои нав дар шеъри анъанавӣ ва озод, сабабҳои ба мавзуъҳои нав чун фалсафа, ҳикмат, таҷрибаи зиндагӣ рӯ овардани шоир дар солҳои охир ва ғайра аз саҳм ва навовариҳои шахсии унвонҷӯ мебошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ. Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалии зерин дар шакли маърузаҳо баён шудаанд: «Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё» (Душанбе, 21-22.10.2025), «Муошират бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир» (Душанбе, 20.11.2025), «Робиндранат Такур ва мақоми ӯ дар густариши равобити адабии Шарқу Ғарб» (Душанбе, 23.12. 2025), «Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 30.04.2026).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 12.08.2026 (суратмаҷлиси №1) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Фасл ва бобҳои алоҳидаи кори таҳқиқӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Паёми Донишгоҳи забонҳо» ва «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» чоп шудаанд. Дар маҷмуъ муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Сохтори кор. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, 3 боб, 8 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Матни асосии диссертатсия аз 187 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

БОБИ I.
ҶОЙГОҲИ АСКАР ҲАКИМ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

1.1. Марҳилаҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким

Аскар Ҳаким яке аз шоирони номвари адабиёти тоҷик дар даврaи ду даҳаи охири даврони шуравӣ ва замони Истиқлол ба шумор меравад. Фаъолияти илмию эҷодии ӯ аз нимаи дуюми солҳои ҳафтодуми асри XX оғоз ёфта, то ба имрӯз идома дорад. Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин шоири ботаҷрибаи давраҳои охири таърихи адабиёти тоҷик аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мешавад, ки маҳз дар ашъори ӯ махсусияти мазмун, мавзуъ ва навовариҳои шеъри муосири тоҷик мунъакис гардидаанд. Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким дар сарчашмаҳои илмӣ-оммавӣ, аз ҷумла, «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик», ҷилди 1 [166, с. 185] ва «Адибони Тоҷикистон» [23, с. 270], ҳамчунин, дар очерки тарҷумаиҳолии шоир «Гуфтор дар бораи худ» [18, с. 5-107] дарҷ гардидааст.

Дар бораи ашъори шоир аз солҳои 80-уми асри гузашта то ба имрӯз мақолаву тақризҳои зиёд чоп шудаанд. Бо вуҷуди ин, фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким ҳамчун як қисмати муҳимми шеъри муосири тоҷик, даврабандии ашъори шоир, вежагиҳои сабкӣ ва таҷдидкориҳои ӯ, аз ҷумла, инъикоси мазмунҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, панду насиҳатӣ ва ҷанбаҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори ӯ ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ фаро гирифта нашудаанд. Зиндагинома ва роҳи эҷодии ӯ ба таври муфассал ва мустақил мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст. Худи шоир дар ин бобат дар очерки ёддоштиаш – «Гуфтор дар бораи худ», ки дар ҷилди ҳафтуми маҷмуаи осораш ба нашр расидааст, бо хоксорӣ зикр намуда: «онро (хотираҳоямро – Меҳрӯҷиддин Қаҳорзода) ман худ бояд бинависам» [18, с. 7]. Сабаби инро шоир аз он медонад, ки тарҷумаи ҳоли касеро аз худаш касе беҳтар навишта наметавонад. Аз ин рӯ, барои таҳияи зиндагинома ва роҳу равиши эҷодии Аскар Ҳаким дар ин таҳқиқ ба асари зикршуда, ки оид ба заминаҳои пайдоиши мавзуъҳои дахлдори диссертатсия то андозае маълумот аз номи шахси аввал дода шудааст, метавон такя кард.

Ҳамчунин, дар таҳқиқи Б. Раҳимзода [97, с. 14-24] оид ба зиндагиномаи шоир маълумот дода шудааст.

Тибқи ин сарчашмаҳо, Аскар Ҳаким 1 (10) октябри соли 1946 дар деҳаи Рӯмони ҷамоати Ҳ. Усмонови ноҳияи Б. Ғафуров ба дунё омада, мактаби миёнаи ин ноҳияро хатм кардааст. Кӯдакӣ ва наврасиаш бо мушкилот паси сар шудааст. Тақрибан дар дусолагӣ модари Аскар Ҳаким ба таври фоҷиавӣ аз дунё гузашт. Ин ҳодиса дар дили кӯдак доғи ҳамешагӣ боқӣ гузошт. Бо вуҷуди ин, шоир ҳамеша ба зиндагӣ некбин буд ва мебошад; дар яке аз шеърҳояш изҳор дошта, ки «ман охирини ятими замона хоҳам буд». Яъне ба андешаи муҳаққиқ Ю. Бобоев «ӯ хотираи аламзадаашро дар ин ҷо низ бо оҳанги оптимистӣ баён кардааст» [38, с. 207]. Чунин некбинӣ ва боварӣ ба оянда яке аз хислатҳои асосии шахсият ва маънии эҷодиёти Аскар Ҳакимро ташкил медиҳад. Инро ҳамкасбон ва наздикони ӯ ҳам тасдиқ кардаанд. Аз ҷумла, Камол Насрулло нигоштааст: «Аскар Ҳаким нисбат ба худ хеле хушбин аст. Ин аст, ки ӯ ҳамеша солим ва боварбахш, сарбаланду чеҳракушод ба саҳна мебарояду чун як ҳунарпешаи мумтоз сухан мегӯяду шеър мегӯяд» [172]. Яке аз омилҳои дар ашъори шоир рӯ задани мавзуъҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ дар ҳамин аст.

Аскар Ҳаким дар айёми мактабхонӣ бо таъсир ва ҳидояти омӯзгори аввалини забон ва адабиёташ А. Файзиев ба шеър ва адабиёт майл пайдо кард; чӣ тавре ки худ қайд кардааст: «ба адабиёт меҳр доштаму гӯё шеър ҳам менавиштам». Ба суоли рӯзноманигор ҷавоб додааст: «Эҳсоси шоирона дар ман тақрибан дар синфҳои 7-8 мактаби миёна, дар 12-13-солагиам пайдо шуда, маро водор мекард, ки қалам ба даст гираму ба ифодаи он бикӯшам» [63, с. 520]. Яъне, ҳанӯз аз даврони кӯдакӣ шеър дар дили Аскар Ҳаким маъво гирифта, минбаъд ба ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагӣ ва фаъолияти илмию эҷодиаш табдил ёфтааст. Дар ин давра шеър, хабару мақолаҳои кутоҳаш дар нашрияҳои ҷумҳуриявии наврасон ба табъ мерасиданд. Таваҷҷуҳаш ба ҳунари шеър чунон афзуда, ки дар давраи мактабхонӣ асари Б. Сирус «Қофия дар назми тоҷик»-ро хонда, ба қоидаҳои назми классикӣ шинос шудааст.

Аскар Ҳаким соли 1962 баъди хатми бомуаффақияти мактаби миёна ба факултети таъриху филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин) дохил мегардад. Бо кӯшиш ва ғайрати зиёд ба омӯзиши илму эҷод даст зад. Ӯ узви фаъоли маҳфили «Адибони ҷавон» буда, шеърҳои аввалинаш аз назари шоири маъруф А. Шукӯҳӣ гузашта, баҳои хуб мегирифтанд. Бори аввал дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шудани шеъраш ба ӯ руҳу илҳом бахшид. Ёдовар шудааст, ки кормандони рӯзнома барои санҷиш ба ӯ навиштани тақризро супориш доданд. Ҷавон супоришро бомуваффақият иҷро кард ва ин тақриз роҳи ӯро ба ҷодаи илм пайваст. Ӯ акнун дар як вақт баробари шеър ба таълифи асарҳои нақди бадеӣ шуруъ кард. Шеър ва нақд ба ду паҳлуи фаъолияти эҷодии ӯ табдил ёфт ва то имрӯз идома дорад. Ба қавли худаш, «то ҳол хидматгори ду хоҷа» [18, с. 15] аст. Ҳамчунин, ҳангоми донишҷӯӣ ӯро бо назардошти қобилият ва қалами хубаш ба рӯзномаи донишгоҳӣ ба кор гирифтанд.

Баъд аз хатми донишгоҳ (с. 1967) Аскар Ҳаким дар Кумитаи радио ва телевизион ба кор шуруъ кард, сипас, ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, баъди итмоми он ба кори пешинааш баргашт. Дере нагузашта солҳои 1969-1972 ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва дохил гашта, аз ҳамон вақт ба таҳқиқи илми шеър ҷиддӣ машғул шуд. Соли 1974 зери роҳбарии олими озарбойҷонӣ А. Шариф дар мавзуи «Ворисияти таърихӣ ва навпардозиҳои шоирона (дар мисоли шеъри муосири тоҷик)» рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Минбаъд таҳқиқи шеър ва назми муосир ба мавзуи доимии корҳои илмии ӯ табдил ёфт. Қуллаи баланди фаъолияти илмии ӯ ҳимояи рисолаи докторӣ дар мавзуи «Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикӣ нимаи дувуми садаи XX)» мебошад (с. 2018). Аскар Ҳаким муддати зиёд ба нақди адабӣ, илм, сипас, корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ банд бошад ҳам, лаҳзае аз эҷоди шеър дур нашуд.

Кор ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким аз рӯзноманигорӣ дар редаксияи ахбори Кумитаи радио ва телевизион шуруъ шуда, мунтазам корҳои илмӣ,

адабӣ, ҷамъиятӣ ва давлатиро ба зимма гирифта, ҳамаи ин вазифаҳоро ӯ бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ба ҷо овард. Баъди хатми аспирантура ба ҳайси ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳаррири шуъбаи адабии Кумитаи радио ва телевизион ва дигар вазифаҳо фаъолият кард. Соли 1974 ба узвияти Иттифоқи нависандагон дохил шуда, бо пешниҳоди устод М. Турсунзода дар синни 28-солагӣ муовини сармуҳаррири маҷаллаи бонуфузи «Садои Шарқ» таъйин гардид. Ӯ дар ин вазифа ҷавонтарин шахс буд. Солҳои 1975-1976 мушовири Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон оид ба наср ва танқиди адабӣ, солҳои 1976-1978 муовини сардабири маҷаллаи «Садои Шарқ», солҳои 1978-1980 котиби садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуда кор кард, ки яке аз ҷавонтарин котиб дар ин вазифа буд. Чӣ тавре ки худ қайд мекунад, дар ин давра ҳушу ёдаш ба таъсиси як рӯзномаи адабӣ дар ҷумҳурӣ банд буд. Зеро дар он вақт танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин як рӯзнома надошт. Ниҳоят, ин орзу амалӣ гашт; соли 1980 рӯзномаи адабию фарҳангии «Маданияти Тоҷикистон» (ҳоло «Адабиёт ва санъат») ташкил гардид ва Аскар Ҳакимро сармуҳаррири он таъйин карданд. Аскар Ҳаким даҳ сол дар ин вазифа кор карда, кӯшиши асосиашро ба баланд бардоштани мазмуну мундариҷа ва мустаҳкам намудани вазъи молиявии рӯзнома, афзун намудани теъдоди нашр (то 100 ҳазор нусха) равона кард. «Дар Тоҷикистон ягон нашрияи дигари соҳавӣ ба мисли ин ҳафтавор ин қадар зиёд нашр намешуд» [18, с. 61]. Саҳми Аскар Ҳакимро дар ин маврид журналист М. Салим низ тайид намуда, қайд кардааст, ки ӯ ҳамчун бунёдгузори ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», муассиси моҳномаи «Пайванд» дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиву маънавӣ, худшиносии миллӣ, интишори хатти ниёгон хидмати шоён анҷом дода, маҳз бо кӯшишу ғайрати ӯ соли 1983 рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» ба ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» табдил дода шуд [110, с. 483].

Бояд гуфт, ки илова ба кори журналистӣ, фаъолияти илмиву эҷодӣ Аскар Ҳаким вазифаҳои масъули давлатӣ ва ҷамъиятиро ба уҳда дошт. Ба ин вазифаҳо бо сабаби дорои эҳсоси баланди ватандӯстӣ, кордонӣ, ташаббускорӣ ва

масъулиятшиносӣ буданаш сазовор мегашт. Ду маротиба – солҳои 1991-1997 ва 1997-2003, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуд. Дар солҳои 2000-2005 тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ ва ҳамзамон, муовини раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардид. Солҳои 2009-2011 вазифаи мудири Котиботи назди роҳбарияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олиро ба ҷо овард. Ҷанбаи фаъолияти давлатӣ ва иҷтимоии Аскар Ҳаким низ аз тарафи мутахассисон ва коршиносон баланд арзёбӣ шудааст. Адабиётшинос А. Сатторзода дар сарсухан ба мақолаи Аскар Ҳаким «Ҷомеа, Президент, Парламент, Қонун» таъкид кардааст, ки муаллиф ба масъалаи давлат ва давлатдорӣ вуруди комил дошта, онро бо масъулият ва тахассуси баланд ба қалам овардааст [116].

Замоне ки Аскар Ҳаким дар вазифаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ буд, узви Шурои Президентии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд (с. 1991), дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бесуботиҳо шуруъ шуданд. Шоир баробари иҷрои корҳои давлатӣ ва эҷодӣ дар раванди истиқрори сулҳ ва субот ширкат меварзад. Аз ҷумла соли 1996 дар шаҳри Хуҷанд, ба хотири пешгирии бесуботиҳо ба майдон баромада, мардумро ба сарҷамъӣ ва оромӣ даъват намуд ва шеъри «Хоки Ватан»-ро қироат кард, ки як бандаш чунин аст:

Гар ватан бошад якеро соҳили дарёву рӯд,
Дигаре дорад ватан дар домани дашти кабуд.
Ҳар касе дорад ватан, дорад ғами буду набуд,
Беватан он кас, ки бошад фориғ аз ёди ватан [12, с. 22].

Ин ҳодисаро ба ёд оварда, шоир навиштааст, ки дар он ҳолат «маро на ҳисси таслим, балки ғазаб фаро гирифт, ки шояд чанд нафар мехоҳанд даҳони маро банданд. Ман ҳоло ба онҳо нишон медиҳам, гуфтаму баландгӯякро ба даҳонам наздик оварда, бо тамоми овоз давоми шеърро хондан гирифтам» [16, с. 94]. Эҳсосот, ҷӯшу хурӯш ва сухани муассири шоирона кори худро карданд: мардум ҳадафи ӯро дарк карданд ва қабул доштанд. Чунин хизматҳои шоир аз тарафии роҳбарияти давлат қадрдонӣ шудааст.

Аскар Ҳаким зиёда аз як даҳсола дар вазифаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бомуваффақият кор карда, аз соли 2012 пурра ба фаъолияти илмиву эҷодӣ гузашт. Аз ҳамон вақт то имрӯз ходими калони илмӣ, сарходим, муовини сардабир ва сипас, сармуҳаррири маҷаллаи «Суханшиносӣ»-и Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шуда кор мекард.

Аскар Ҳаким аз соли 1974 узви Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ, аз соли 1992 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад. Барои хидматҳои шоёни адабӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ бо ордену медал, ҷоиза ва унвонҳои давлатӣ қадршиносӣ гардидааст. Аз ҷумла, соли 1977 бо Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1992 бо Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ барои маҷмуаи ашъори «Рӯзи умед» сарфароз гардида, соли 1994 унвони Ходими шоистаи фарҳанги Тоҷикистон, соли 1999 медали «Остона»-и Ҷумҳурии Қазоқистон, соли 2002 медали ҷашнии «10-солагии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2004 ордени «Содружества»-и Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ордени «Зафар»-и давлати Филиппин ва соли 2011 медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро соҳиб шудааст. Соли 1999 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Аскар Ҳаким унвони баланди Шоири халқии Тоҷикистон дода шуд ва ҳамзамон раиси Созмони байналмилалии Иттифоқи нависандагон (Россия) буд. Дар солҳои 1976-2019 ба зиёда аз сӣ кишвари Шарқ ва Ғарб сафарҳои расмӣ ва илмиву адабӣ анҷом додааст. Ӯ ҳамчун роҳбар ва узви ҳайат дар анҷуманҳои мухталифи адабӣ-фарҳангӣ дар Олмон, Шветсия, Гурҷистон, Озарбойҷон, Доғистон, Ироқ, Покистон, Ҳолланд, Эрон, Амрико ва дигар кишварҳо ширкат варзидааст.

Бояд гуфт, ки Аскар Ҳаким аз зумраи адибони камшуморест, ки фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятию давлатиро тавъам идома дода, дар ҳама ҷодаҳо ба қуллаҳои баланди муваффақият расидааст. Дар мавридҳои алоҳида ва зарурӣ ин фаъолиятҳо якдигарро пурра гардондаанд.

Ба таълифи шеъру мақола Аскар Ҳаким аз охири солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-ум шуруъ кардааст. Китоби аввалини чопкардааш илмӣ мебошад. Он «Шеър ва замон: Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик» буд, ки соли 1978 чоп шудааст [136]. Маҷмуаи аввалини шеърҳояш дертар – баъди зиёда аз 5 сол, соли 1983 бо номи «Раҳнавард» [4] ба табъ расид, ки аз тарафи хонандагон хуб қабул гашта, дар нақди адабӣ низ баҳои сазовор гирифт. Минбаъд 9 маҷмуаи ашъори шоир пайи ҳам чоп шуданд: «Тарозуи офтоб: шеърҳо, достонҳо» (1986) [5]; «Рӯзи умед» (1990) [6]; «Илтиҷо аз уқоб. Гузидаи ашъор» (1998 (бо хатти форсӣ ва тоҷикӣ) [7]; «Боз мерасад хуршед. Китоби ашъор» (2002) [8]; «Санги ман – алмос. Маҷмуаи ашъор» (2006); «Мунтахаби ашъор» (2007) [9]; «Замини сабзи боварҳо» (соли 2008) [10]; «Ба саломи шукуфаҳо» (2012) [11].

Соли 2017 «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким иборат аз VII ҷилд дар шаҳри Хуҷанд бо сифати баланд ба чоп расид. Дар он тамоми ашъори то соли мазкур чопшуда, китобу мақолаҳо, монография, нақди адабӣ ва асарҳои публитсистиву мусоҳибаҳои муаллиф ҷамъ оварда шудаанд. Таълифоти Аскар Ҳаким гуногунҷабҳа аст. Аз осори адабӣ дар ҷилдҳои I, II шеърҳо ва дар ҷилди VI тарҷумаҳо аз шоиру нависандагони халқҳои дигар ҷо дода шудаанд [12; 13; 17]. Дар ин диссертатсия асосан маводи ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор» мавриди истифода қарор мегирад. Он аз тарафи худи шоир бо риояи қоидаи хронологӣ, мавзуъ ва сохтор бо номҳои алоҳидаи силсилаҳои ашъор тартиб дода шуда, арзиши баланди илмӣ дорад. Дар фаслҳои алоҳидаи ин диссертатсия – ҷойгоҳи ашъори фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқиятнигорӣ, аз ҷилдҳои дигари ин «Маҷмуаи осор» низ фоида бурда шуд. Ниҳоят, дар асоси ин маҷмуа имкон аст, ки ашъори шоир бо фарогирии ҳаҷм, таҳаввули жанрҳо ва мухтассоти дигари поэтикӣ шарҳу тавзеҳ ва муаррифӣ карда шаванд. Илова ба ин, соли 2023 «Маҷмуаи ашъор»-и Аскар Ҳаким дар ду ҷилд дар шаҳри Душанбе ба табъ расид.

Ҳамин тавр, имрӯз 12 номгӯй ашъори шоир дар 19 китоб ҷамъоварӣ шудааст. Ҳамчунин, дар васоити ахбори омма, фазои интернетӣ ашъори зиёди Аскар Ҳаким ба табъ мерасанд.

Дар ин диссертатсия ногузир аз асарҳои таҳқиқотӣ, монография, нақди адабии Аскар Ҳаким бояд истифода намуд, зеро баъзе ҷанбаҳои таҳқиқ, аз ҷумла, масъалаҳои воқеиятнигорӣ, шеъри нав, сабку услуб, забон ва ҳусни баён, поэтика, санъати сухан дар таҳқиқоти Аскар Ҳаким ба таври назариявӣ ва амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Асарҳои асосии таҳқиқотии Аскар Ҳаким, ки аз онҳо дар мавриди мавзуи диссертатсия метавон истифода бурд, аз инҳо иборатанд: «Шеър ва замон: Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик», соли (1978); «Сухан аз шеъру адаб» (2017) [144]; «Анвои шеъри ғиноӣ: нимаи дувуми садаи XX» (2020) [145]; «Пажуҳиш ва нақди шеър» (2022) [146]. Баъзе аз ин асарҳои таҳқиқотӣ дар «Маҷмуаи осор» (2017) ҷой дода шудаанд.

Дар бораи ашъори алоҳида, маҷмуаи ашъори Аскар Ҳаким, мазмуну мундариҷа ва муҳтавои онҳо пешгуфтор, мақола ва асарҳои зиёд таълиф шудаанд. Аксари онҳо дар маҷмуаи мақолаҳои «Паҳлуҳои як истеъдод» [96], ки ба муносибати 75-солагии шоир соли 2021 ба табъ расидааст, ҷилдҳои алоҳидаи «Маҷмуаи осор» соли 2017 ҷой дода шудаанд.

Ягона асаре, ки дар бораи зиндагинома ва роҳи эҷодии шоир маълумоти пурра медиҳад, очерки тарҷумаҳолии худи ӯ «Гуфтор дар бораи худ» аст. Ҳамчунин, аз мазмуну муҳтавои ашъори шоир баъзе лаҳзаҳои зиндагии ӯро дарёфт кардан мумкин аст, ки дар яке аз фаслҳои ин диссертатсия оид ба воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноӣ дар ин маврид сухан меравад. Муҳаққиқон дар шеър тасвир ёфтани лаҳзаҳои тарҷумаиҳолиро ҳодисаи маъмулӣ медонанд. «Дар шеъри ғиноии асил шахсияти шоир ҳамеша ҳузур дорад, вале аз қаҳрамони лирикӣ сухан гуфтан он вақт дуруст аст, ки он ба тарҳи устувори тарҷумаиҳолӣ ва сюужавӣ фаро гирифта шуда бошад» [47, с. 155]. Дар ашъори Аскар Ҳаким низ баъзан «тасвири ҷузъиёти ҳаёти моддию маишӣ ва руҳии шоир мақоми бештар пайдо кардааст» [14, с. 48]. Аз ҷумла, яке аз махсусиятҳои тарҷумаи ҳоли шоир, ки ӯ дар «Гуфтор дар бораи худ» онро ёдовар намешавад,

аммо аз мазмуни ашъори ӯ метавон пай бурд, ба майю майгусорӣ тавақҷуҳ надоштани ӯст. Бо зиндагиномаи Аскар Ҳаким баробари ёддоштҳои худаш то андозае аз ашъори гуногуни ӯ, аз ҷумла, шеърҳои ғиноии ӯ бохабар шудан мумкин аст, ки ин мавзуъ дар фасли алоҳидаи кор таҳқиқ мешавад. Вобаста ба ин, аз мазмуни ашъор ва асарҳои илмии муаллиф метавон пай бурд, ки вақте шоир дар бораи «ҳолатҳои воқеии аз сар гузаронидаи хеш ҳарф мезанад, онҳо паллаҳои мизони услуби вуқуъгаро ва хаёлпардозонаро баробар нигоҳ дошта, шеърро мақбули хотир мегардонанд» [14, с. 70]. Оид ба инъикоси далелҳои зиндагии шахсии шоир дар ашъори ғиноӣ дар фасли алоҳидаи кор маълумоти муфассал дода хоҳад шуд.

Фаъолияти корӣ ва эҷодии Аскар Ҳаким гуногунҷабҳа буда, метавон онро ба чунин қисматҳо ҷудо кард:

- ✓ Шеър;
- ✓ Илм;
- ✓ Роҳбарӣ ва хидмати давлатию ҷамъиятӣ.

Бо вуҷуди ин, дар байни аҳли адаб ва илм Аскар Ҳакимро ба ду сифат мешиносанд: шоирӣ ва мунаққидӣ. Худи Аскар Ҳаким дар суҳбатҳо ва дафтари хотирааш изҳори назар кардааст, ки пеш аз ҳама мехоҳад ӯро ҳамчун шоир шиносанд. Гулназар, М. Мирзоюнус ва А. Сатторзода аз қавли ӯ ёдовар шудаанд: «миёни шоирон беҳтарин мунаққид ва миёни муҳаққиқон беҳтарин шоирам» [76, с. 124]. А. Сатторзода дар шарҳи сухани мазкур овардааст: «Шукргузор аз он ҳастем, ки Аскар Ҳаким ҳам дар шоирӣ ва ҳам дар мунаққидӣ муваффақ мебошад» [117, с. 135].

Баррасии тарҷумаи ҳол, мазмуну мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким баёнгари он аст, ки ӯ ба шеър аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ дилбастагӣ пайдо карда, он дар зиндагии мавсуф мавқеи аввалиндараҷа дорад. Ӯ ҳаёташро бе шеър тасаввур карда наметавонад. Ба қавли муҳаққиқ О. Бухориев, шеър «саҳнаи зуҳуроти гуногунҷабҳаи ҳаёти ӯ мебошад» [168]. Ба ин муносибат Аскар Ҳаким шеъру шоириро дар ҳаёти эҷодкор чунин баҳо додааст: «Вақте ки ӯ (шоир) саропои вуҷуд ва оламашро бо шеър, масалан, ҳамчун Мавлоно,

дақиқтараш, бо шеър фаро мегирад, ки заррае ба чизи дигар ҷой наменомад, он вақт он ишқ дар сурати шеър шояд ба ҷустуҷӯи вай меояд ва он ҳам на дар шакли тайёр, балки ҳамчун ҳавое, оҳанге, таассуроте, маъное, ки бояд ба қолаби шеър рехта шавад» [68, с. 476].

Аскар Ҳаким аз нимаи дуюми солҳои 70-уми даврони шуравӣ ҳамчун шоири намоён, муҳаққиқи адабиёт ва роҳбари муассисаҳои адабию нашриётӣ ва давлатӣ шинохта шуда, дар ин давра китобу мақолаҳои зиёди илмию адабӣ ва се маҷмуи ашъор ба чоп расондааст. Ашъори шоири ҷавони он вақт на он қадар аз тарафи муҳаққиқон баҳои баланд мегирифт. Қайд мешуд, ки Аскар Ҳаким ҳарчанд бо пайраҳаҳои эҷодии М. Қаноат, Б. Собир, Ш. Лоиқ, Ғ. Сафарзода, Ҳ. Файзулло, С. Гулрухсор, К. Гулназар қадам гузошта буд, ба зудӣ сабку услуб ва сухани тозаи худро пайдо хоҳад кард. Мавзуи асосии ашъори Аскар Ҳаким дар оғози қадамҳои аввалини шоириаш дар шинохти муҳаққиқон ва хонандагон аз инҳо иборат буд:

- ✓ Ватандӯстӣ;
- ✓ Тасвиргарӣ;
- ✓ Панду ахлоқӣ.

Минбаъд, аз солҳои 80-ум – 90-уми асри XX, махсусан, аз оғози асри XXI бо густариш ёфтани мавқеи фаъоли сиёсӣ ва иҷтимоии Аскар Ҳаким дар ашъори ӯ мазмунҳои нав пайдо шуданд, ки аз инҳо иборатанд:

- ✓ Иҷтимоӣ;
- ✓ Сиёсӣ;
- ✓ Фалсафӣ;
- ✓ Устура.

Мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давраи Истиқлоли кишвар фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким вусъати тоза гирифт. Аз оғози асри XXI шеъри ӯро ҳамчун дорои мазмунҳои фалсафӣ, панду ҳикмат, насиҳатӣ, тасвирӣ метавон шинохт. Оҳангҳои ишқу муҳаббат, ки то ба ин муддат дар ашъори ӯ кам вомехӯрданд, акнун то андозае вусъат пайдо карданд. Дар натиҷа солҳои охир жанрҳои рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, масал, фард дар ашъори ӯ бештар

гардиданд, ки намунаҳои онҳо мунтазам дар сомонаи шоир ва нашрияҳо ба табъ мерасанд. Аскар Ҳаким дар даврони Истиқлол дар қатори шоирони соҳибном ба тарғибу ташвиқи ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносӣ, ҳамдигарфаҳмию сулҳу осоиш ҷиддӣ даст зада, дар иҷрои вазифаҳои сиёсию ҷамъиятӣ бо қаламу суханони образнок саҳми арзанда гузошта, дар аксар навъҳои шеъри анъанавӣ ва озод намунаҳои беҳтаринро эҷод кард. Ӯ чун шоирони дигари фаъоли тоҷик дар давраи Истиқлоли кишвар шеърҳои зиёди дорои мазмуни тарбиявӣ, сулҳпарварона, ҳикматомез навишт, ки ба хонандагон таъсири амиқ бахшида, аз тарафи онҳо хуб пазироӣ мешавад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳақиқат, дар давраи дигаргуниҳои куллии таърихӣ «аз миёни ҳамаи фаъолиятҳои адабӣ шеър дигаргуниҳои иҷтимоиро зудтар дармеёбад» [29, с. 113].

Бисёр навовариҳои бадеии Аскар Ҳаким дар мазмуну мундариҷа ва шакл дар шоирони дигари тоҷик кам ёфт мешавад. Ҳамчунин, Аскар Ҳаким дар интихоби мазмуну муҳтавои шеър низ роҳи худро дошт ва дорад. Мавзуи ашъори мавсуф дар даврaҳои охир аз ҳикмат, фалсафа, панду насиҳат ва ғайра иборат аст, ки то андозае аз таҷрибаи бисёрсола дар зиндагӣ, кору эҷод бармеояд.

Фаъолияти илмии Аскар Ҳаким пурвусъат буда, ӯ аз даврони шуравӣ ба ин тараф ҳамчун яке аз адабиётшиносони маъруф шинохта шудааст. Аз ҷумлаи асарҳои бунёдии ӯ инҳоро ном бурдан мумкин аст:

- ✓ «Шеър ва замон» (1978) [136];
- ✓ «Сухан аз шеъру адаб» (2017) [144];
- ✓ «Анвои шеъри ғиноӣ: нимаи дувуми садаи XX» (2022) [145];
- ✓ «Пажуҳиш ва нақди шеър» (2023) [146];
- ✓ «Масъалаҳои назария ва танқиди адабӣ» ва ғайра.

Ин асарҳо ба доираи васеи муҳаққиқон ошноянд ва аз тарафи онҳо эътироф гаштаанд. Аз ҷумла, М. Мирзоюнус бар он аст, ки «нақди Аскар Ҳаким, хушбахтона, нақди тавсифӣ ва ситоишӣ нест. Дар он баробари дастовардҳо навоқиси адибон низ нишон дода мешавад» [76, с. 129]. Яъне, А. Ҳаким баробари нишон додани нуқси ҳар шеър роҳи ислоҳи онро ҳам

пешниҳод мекунад, фикрашро ба сари муаллиф бор накарда, маслиҳатҳо медиҳад. Муҳаққиқ А. Абдусаттор оид ба яке аз асари таҳқиқотии Аскар Ҳаким «Анвои шеъри ғиноӣ» чунин изҳори назар кардааст, ки он «падидаи муҳим дар адабиётшиносии замони Истиқлоли Тоҷикистон ҳисоб меёбад» [21, с. 139]. Ба қавли муҳаққиқ, хидмати Аскар Ҳаким дар адабиётшиносии тоҷик «нишон додан ва исбот намудани вуҷуди панҷ навъи шеъри ғиноӣ дар назми нимаи дуюми қарни бистум ва таъйини вежагиҳои навъии он буд, ки ӯ бо сарбаландӣ аз уҳдаи он баромад ва барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт барои дигарон роҳ ҳамвор намуд» [21, с. 150]. Дар ҳақиқат, асари мазкур чун дигар рисолаҳои илмии Аскар Ҳаким арзиши баланди илмӣ доранд. Азбаски саҳми Аскар Ҳаким дар рушди нақди адабӣ ва илми адабиётшиносӣ дар таҳқиқоти Б. Раҳимзода ба таври муфассал мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст [97], ин ҷо ба ҳамин нукта иктифо мекунем.

Бояд гуфт, ки Аскар Ҳаким дар тарҷумаи бадеӣ маҳорат дошта, ин паҳлуи фаъолияти эҷодии ӯ аз тарафи адабиётшиносон то андозае арзёбӣ шудааст. Тарҷумаҳои шоир дар ҷилди VI-и «Маҷмуаи осор» ҷой дода шудаанд [17]. Дар ин маврид аз тарҷумаҳои асарҳои классикии ҷаҳонӣ, чун «Дӯзах» (аз «Мазҳакаи илоҳӣ»)-и А. Данте, достонҳои М. Лермонтов, Г. Эмин ёдовар шуда, қайд гардидааст, ки онҳо «бағоят хубу равон тарҷума шуда, ҳамчун шеъри асили тоҷикӣ садо медиҳанд... Дар мавриди тарҷумаи «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте гуфтан мумкин аст, ки дар он «вазни «Маснавии маънавӣ»-ро интихоб кардани Аскар Ҳаким мувофиқи мақсад аст... Сифати дигари ин тарҷума дар он аст, ки ин асари бузург ба ҳамон шакли аслии худ – терстин, ки қофияи мураттабу мушкиле дорад – аба, бвб... тарҷума шуда, далели комили амонатнигоҳдорӣ, заҳматкашӣ ва дасти расои тарҷумон аст» [158, с. 121]. Ин гувоҳи он аст, ки Аскар Ҳаким шеъри дигаронро чун эҷоди худ пазируфта, зимни тарҷума масъулияти баланд эҳсос кардааст.

Истеъдоди Аскар Ҳаким дар эҷоди наср низ аз тарафи муҳаққиқон эътироф шудааст. Таълифи ёддошт, тарҷумаи асарҳои насрӣ, мақолаву номаҳои кушод аз ҷумлаи онҳоянд. Ф. Раҳимӣ дар сарсухани китоби «Паҳлуҳои як истеъдод»

бо ёдоварии тарҷумаи қиссаи нависандаи рус «Сотников» «қалами расои насрнависӣ» доштани Аскар Ҳакимро таъкид карда, ҳамчунин, дар бораи «Гуфтор дар бораи худ»-и муаллиф овардааст: «Агар ҳамин гуна ёддоштҳои муфассале ба қалам ояд, асари арзишманде хоҳад буд, зеро дар он на фақат дар бораи худи муаллиф, балки дар бораи ҳамкорону ҳамсафону ҳамсуҳбатони ӯ, ки аҳли адаб ҳастанд, маълумоти ҷолибе хоҳад дошт» [98, с. 13]. Ин маънои онро дорад, ки чунин асарҳо барои ҷустуҷӯҳои ояндаи илмӣ ба муҳаққиқон ёрӣ раоснида метавонанд.

Дар маҷмуъ, кору фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким собит месозад, ки ӯ яке аз шахсиятҳои барҷастаи адабиёти муосири тоҷик аст, ки дар баробари шоирӣ, дар илму адабиётшиносӣ, роҳбарӣ ва фаъолияти давлативу ҷамъиятӣ низ ба эътирофи аҳли ҷомеа ноил гаштааст.

Хислатҳои шахсӣ ва инсонии Аскар Ҳаким низ ба таҳнияти ҳамкорон, ҳамкасбону хонандагон сазовор гаштааст. Аз ҷумла, дар хусуси вежагиҳои шахсӣ ва эҷодии ӯ ҳамкасбаш Камол Насрулло чунин изҳори назар кардааст: «Аскар Ҳаким ҳамеша мутантан, бо ҳама вуҷуд ва эҳсосот шеър қироат мекунад ва чунон ба мазмуну муҳтавои шеъраш ворид мешавад, ки байни қаду қомат, ҷисму ҷони ӯ ва шеъраш гӯё тафриқае наменомад» [172]. Ин хислат имрӯз низ дар рафтору гуфтор ва кирдори шоир мушоҳида мешавад. Шоири солору ҷаҳондида дар маҷлис ва вохӯриҳо ҳамеша бо самимият, бо эҳсоси некбинона ва умед ба ояндаи дурахшон сухан мегӯяд.

Муҳит, шароити оилавӣ, мушкилот ва маҳрумиятҳои кӯдакӣ ва наврасии Аскар Ҳаким ба мазмун ва ғояи осори ӯ таъсири амиқ расонида, дар шаклгирии ӯ ҳамчун инсон ва шоири ҳассос нақши муассир доштааст. Яке аз сарчашмаҳои асосии ба шеъри фалсафӣ, ҳикматомез, панду насиҳатӣ ва воқеиятнигорӣ рӯ овардани шоир маҳз ҳамин душвориҳои зиндагии даврони бачагии ӯ мебошанд, ки дар фаслҳои оянда зимни таҳлили ашъори дахлдор мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Дар ин таҳқиқ ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳакимро ба ду давра ҷудо карда, тибқи тартиби хронологӣ мавриди омӯзиш қарор хоҳем дод:

1) даврони шуравӣ;

2) даврони Истиқлол.

Дар ҳар ду давра муҳтаво, мавзуъ ва ғояи ашъори шоир қариб тағйир наёфта бошад ҳам, рушду такомули мавзуъҳои асосӣ ва пайдоиши масъалаҳои нав ба мушоҳида мерасанд. Дар ҳар ду давра шоир як ормон – тарғибу ташвиқ ва тарбияи инсони ватандӯст, хушахлоқ, фарҳангӣ ва содиқ ба ахлоқи ҳамидаи инсониро ҳадаф қарор додааст. Баррасии мухтасари зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким имкон медиҳад, ки фаъолияти эҷодӣ, махсусиятҳои ашъор, мавқеи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигориро дар ашъори ӯ ба марҳилаҳо ҷудо карда, мавриди таҳқиқ ва баррасии муфассал қарор диҳем.

Омӯзиши тарҷумаи ҳол ва фаъолияти илмию эҷодии адибон, аз ҷумла, шоири ботаҷриба Аскар Ҳаким, дар даврони Истиқлол ба баланд гаштани ҳисси худшиносӣ ва афкори миллии шаҳрвандон, таъмини сулҳу субот, осоиштагӣ ва ҳамдигарфаҳмии мардум, таҳкими пояҳои шеъри муосири тоҷик, ташаккули сабку услуб ва навовариҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

1.2. Муҳтаво ва сохтори ашъори ҷилдҳои I ва II «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким

Фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким қариб 60 солро дар бар мегирад. Он ба даврони муҳим ва гардиши куллӣ дар ҳаёти халқи тоҷик – даҳсолаҳои охири давлати шуравӣ ва барқарории Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Ҳамчун шоир шинохта шудани Аскар Ҳаким ва шаклгирии сабки эҷодии ӯ маҳз дар даврони шуравӣ ба амал омада, дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфтааст.

Яке аз воқеаҳои фараҳбахш дар фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким чопи ҳафтҷилдаи шоир дар соли 2017 мебошад [12; 13; 14; 15; 16; 17; 18]. Махсусиятҳои асосии ин маҷмуаи калонҳаҷмро аз инҳо иборат донистан мумкин аст:

- ✓ Тартиби хронологии эҷоди шеър нигоҳ дошта шудааст;

- ✓ Ҳар силсила дорои сарлавҳаи мувофиқ мебошад;
- ✓ Ба силсилаҳо сарлавҳаҳои маҷмуаҳои нашршуда гузошта шудаанд;
- ✓ Ашъори шоир, ки мавриди таҳқиқи мо қарор мегирад, дар ҷилдҳои I ва II ҷой гирифтаанд.

Баррасии «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким баёнгари он аст, ки шоир дар тартиб, банду баст ва тақсими ашъори худ усули навро ба кор бурдааст, ки барои эҷодкорони дигар қобили омӯзиш ва истифода буда метавонад. Аз ин рӯ, махсусиятҳои ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор»-ро аз ҷиҳатҳои зерин иборат мебошад:

1. Ба таври хронологӣ ҷой додани ашъор. Шоир дар як силсила ҳамон шеърҳоеро ҷой додааст, ки дар солҳои мавриди назар эҷод шудаанд (масалан, дар силсилаи «Раҳнавард» ишора гардида, ки шеърҳои то соли 1983 интихоб шудаанд).

Дар ҷобаҷогузорӣ, тартиб ва таҳрири ашъор сераталаб будани Аскар Ҳакимро ҳанӯз муҳаққиқ В. Асрорӣ баъди нашри китоби аввалини шоир «Раҳнавард» (соли 1983) мушоҳида карда буд: «Аскар Ҳаким шеърҳои маҷмуаро аз лиҳози мавзуву мундариҷа ба қисмҳо ҷудо карда, ба ҳар қисм унвон мегузорад» [30, с. 190]. Дар ҳақиқат, Аскар Ҳаким дар кори эҷодӣ серталаб буда, ҳамчунин, қоидаву тартиботи ҷориро дар шеър риоя мекунад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, як сабаби дар давраи аввали фаъолияти эҷодиаш аз назари мунаққидон дур мондани ашъори ӯ кам будани теъдоди шеърҳои чопшудаи шоир мебошад. Чӣ тавре мушоҳида шуд, ин тартиби кор дар таҳияи «Маҷмуаи ашъор», ки ҷамъбасти як давраи фаъолияти эҷодии шоир мебошад, низ риоя шудааст;

2. Ба силсилаҳо ҷудо кардани ашъор. Номи аксар силсилаҳо, ҳарчанд ба маҷмуаҳои қаблан чопкардаи шоир монанданд, такрори онҳо нестанд. Аксари шеърҳои дар силсилаҳои «Маҷмуаи ашъор» истифодашуда дар маҷмуаҳои қаблӣ мавҷуданд, баъзе шеърҳо ҳазф, ихтисор ё таҳрир шудаанд, аммо шеърҳои наве, ки дар ҳамон солҳо эҷод гардидаанд, низ ба назар мерасанд. Шеърҳои дар

ин силсилаҳо ҷойдодашудаи «Маҷмуаи ашъор»-ро ба таври зер дар ҷадвал овардан мумкин аст:

Ҷадвали 1. Таркиб, даврабандии эҷодӣ ва ҷойгиршавии осори манзуми Аскар Ҳаким дар ҷилдҳои «Маҷмуаи ашъор»

№	Номи силсилаи ашъор	Соли эҷод	Саҳифа ва ҷилди китоб
1	Раҳнавард	То соли 1983	I: 20-96
2	Тарозуи офтоб	1983-1987	I: 98-130
3	Рӯзи умед	1987-1990	I: 132-158
4	Шаҳри меҳолуд	1990-1993	I: 160-190
5	Баргпайванд	1990-1993	I: 192-214
6	Илтиҷо аз уқоб	1993-1998	I: 216-222
7	...Боз мерасад хуршед	1998-2002	I: 224-264
8	Санги ман – алмос	2002-2006	I: 266-304
9	Замини сабзи боварҳо	2007-2012	I: 306-376
10	Ба саломи шукуфаҳо	2012	I: 378-412
11	Ашъори тоза	То 2017	II: 6-84
12	Чамани ишқу андеша (дубайтӣ, рубоиёт ва байтҳо)	То 2017	II: 85-412
13	Достони «Нону имон»	1986	II: 413-448
14	Санги ман – алмос (Манзума)	1997	II: 449-474
15	Чакомаи ризойи модар		II: 475-477
16	Анӯширвон дар додгоҳи адл		II: 478-487

Дар маҷмуаҳои «Раҳнавард», «Замини сабзи боварҳо» ва «Ба саломи шукуфаҳо» шумораи аз ҳама бештари шеърҳо ҷой дода шуда, дар «Рӯзи умед» (1987-1990), «Илтиҷо аз уқоб» (1993-1998) миқдори ками ашъор ба назар мерасад. Сабаби ин он буда метавонад, ки солҳои 1987-1990 ва 1993-1998 барои Аскар Ҳаким давраи нисбатан мушкил аз лиҳози равонӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ба қудрати эҷодӣ ва офаридагории шоир таъсири манфӣ расонидааст. Баръакси ин, теъдоди ашъори шоир то соли 1983, солҳои 2007-2012 бештар буда, аз ҳама сермаҳсул ба ҳисоб мераванд.

Дар «Маҷмуаи осор» қариб анвои тамоми жанрҳои анъанавӣ ва маъмул дида мешаванд. Тақсимоти жанрҳоро дар «Маҷмуаи осор», (ҷилдҳои I ва II) ба тарзи зер мулоҳиза фармудан мумкин аст:

Ҷадвали 2. Тақсимоти жанрӣ ва ҳаҷми осори манзуми Аскар Ҳаким дар ҷилдҳои I ва II «Маҷмуаи осор»

№	Жанрҳо	Адад	Мисраъ
1	Чаҳорпора	181	3 740
2	Ғазал	80	1 270
3	Дубайтӣ	516	3 464
4	Рубоӣ	756	3 079

5	Байт	29	58
6	Достон	1	854
7	Манзума	3	721
8	Қитъа	70	392
9	Шеъри озод	132	2 732
	Ҷамъ	1768	16 310

Ҷилдҳои I ва II ин маҷмуа ашъори баргузидаи шоирро аз солҳои аввал то 2017 дар бар гирифта, сохтори он ба таври зерин аз рӯйи силсилаи шеърҳо ҷобаҷогузорӣ шудааст:

- Ҷилди I: Аз силсилаи «Раҳнавард» (то соли 1983), 80 шеър;

1. Аз «Тарозуи офтоб» (1983-1987), 34 шеър);
2. Аз «Рӯзи умед» (1987-1990), 15 шеър ва 6 байт;
3. Аз «Шаҳри меҳолуд» (1990-1993), 23 шеър;
4. Аз «Баргпайванд» (1990-1993), 16 шеър;
5. Аз «Илтиҷо аз уқоб» (1993-1998), 8 шеър;
6. Аз «Боз мерасад хуршед» (1998-2002), 43 шеър;
7. Аз «Санги ман – алмос» (2002-2006), 49 шеър;
8. Аз «Замини сабзи боварҳо» (2007-2012), 67 шеър;
9. Аз «Ба саломи шукуфаҳо» (2012), 57 шеър.

- Ҷилди II: Ашъори тоза (яъне, то соли нашри «Маҷмуаи осор», 2017), 85 шеър; 30 ғазал, ҷамъ 115 шеър;

1. Чамани ишқу андеша (516 дубайтӣ, 756 рубоӣ ва 29 байт);
2. Достони «Нону имон» (1986), 11 шеър;
3. Манзумаи «Санги ман – алмос» (1997);
4. Манзумаи «Чакомаи ризойи модар»;
5. Манзумаи «Анӯширвон дар додгоҳи адл».

Аз ин тақсимот бармеояд, ки солҳои аз ҳама сермаҳсул барои фаъолияти шоирии Аскар Ҳаким солҳои 2002-2012 буда, дар ин даҳсола камаш 116 шеъри муҳимми шоир чун силсилаҳои «Санги ман – алмос» ва «Замини сабзи боварҳо» эҷод шудаанд. Ҳамчунин, дар панҷ соли оянда, яъне то соли 2017 115 шеър эҷод гардидааст, ки аз ҷиҳати миқдор қариб ба даҳсолаи аввал баробар аст. Бояд гуфт, ки бо номи ин силсилаҳо маҷмуаҳои ашъори шоир дар солҳои

қабл ба табъ расидаанд, муаллиф ин номҳоро ҳамчун унвони силсилаи шеърҳо дар ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор» истифода бурдааст. Ин силсилаҳо бо мундариҷаи маҷмуаҳои алоҳида як хел нестанд, дар онҳо ашъори баргузида ҷой дода шудааст. Ҳамчунин, унвони ин силсилаҳо дар як вақт номи шеърҳои алоҳида ё манзумаву достон мебошанд. Масалан, бо номҳои «Раҳнавард», «Тарозуи офтоб», «Рӯзи умед», «Шаҳри меҳолуд», «Баргпайванд», «Илтиҷо аз уқоб», «Боз мерасад хуршед», «Замини сабзи боварҳо», «Саломи шукуфаҳо» ҳам шеърҳо мавҷуданд, ҳам силсилаи ашъор. Бо номи «Санги ман – алмос» шоир манзумае дорад, ҳамчунин, силсилаи ашъор тартиб дода шудааст . Манзумаи «Санги ман – алмос» соли 1997 эҷод гардидааст ва дар вазни озод аст. Силсилаи шеърҳои «Санги ман – алмос» бошад, ашъори солҳои 2002-2006-ро дар бар мегирад. Аз ин бармеояд, ки Аскар Ҳаким сарлавҳа ва унвонҳои мақбули худро такроран истифода мебарад. Дар мавриди номгузорӣ шоир хеле бодиққат мебошад. Дар ин маврид аз унвонҳои шоирона, оҳангнок ва дорои санъатҳои маънавии тавсиф, истиора истифода мебарад: «Тарозуи офтоб», «Рӯзи умед», «Замини сабзи боварҳо», «Саломи шукуфаҳо»... Вақте ки сухан дар бораи ин ё он шеър меравад, бояд донист, ки он номи шеър аст, достон ё силсила. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки ҳарчанд чунин ҷобаҷогузорӣ, аз як тараф, бартарӣ ва навоварӣ дорад, аз ҷумла, дар мавриди муайян будани соли эҷоди шеър, аз тарафи дигар, бо он ки як ном дар чанд маврид истифода шудааст, кори муҳаққиқ душвор шуданаш мумкин аст. Дар маҷмуъ, дар ҷилди II-и «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким 512 номгӯй шеъри шоир ҷой дода шудааст (Нигаред ба замима).

Ҷилди I «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким бо манзумаи «Номаи фахру сипос. Ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон» оғоз ёфтааст. Он аз рӯйи анъана дар вазни «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ – рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур), ҳар мисраъ дорои 11 ҳиҷои фоилотун фоилотун фоилун буда, аз 47 байт иборат мебошад. Байти аввал шукӯҳу шаҳомати достонҳои классикони адабиёти тоҷикро ба ёд оварда, дар он

санъати бароати истеҳлол хуб истифода шудааст: «Шоҳи шоҳон кам набуд дар рӯзгор, // Шоҳи инсон буд, аммо камшумор» [12, с. 15].

Дар ин шеър шахсияти ғиноӣ ба қаҳрамонаш – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо суханони муассир, пурмаънӣ муроҷиат кардааст: «Чун ту давлатмард камтар мерасад». Ин ҷо «давлатмард» истилоҳест, ки ба зоти шахсият мебарад, яъне, марди давлат, соҳиби давлат будан ба ҳар кас насиб намешавад. Чунин шахс дорои се ишқ мебошад: «ишқ бар халқ, ёр ва диёр». Ба қавли муҳаққиқ А. Раҳмонзода, шоир «муҳаббат ва самимияти худро ба шахсияти роҳбари маҳбуби халқ баён мекунад» [103, с. 20]. Шахсияти ғиноӣ худро аз зумраи суханварон шуморида, аз қаҳрамонаш маъзарат мепурсад: «Гар гунаҳ дар ишқ шуд, маъзур дор». Ҳусни мақтаи манзума низ мутантан садо медиҳад:

Номи ту бо номи тоҷик зинда бод!
Рамзи иқболи Ватан поянда бод! [12, с. 18].

Манзумаи мазкурро аз ҷумлаи ашъори публитсистӣ метавон шуморид. Зеро «публитсистика соҳаи махсуси эҷодест, ки омӯзиши олами муосирро фаро гирифта, субъекти маърифаташ инсони иҷтимоӣ аст. Инсони иҷтимоӣ нафарест, ки дар ҳаёти ин ё он соҳаи ҷамъият нақш ва мавқеъ дорад» [81, с. 9]. Падидаҳои публитсистӣ дар ашъори Аскар Ҳаким агар аз марҳилаи аввали фаъолияти эҷодии ӯ бо инъикоси мавзуъҳои ватандӯстӣ шуруъ шуда бошад, дар даврони Истиқлол рушду нумуъ ёфт ва яке аз усулҳои асосии эҷодии ӯ гардид. Ба қавли муҳаққиқон, услуби публитсистӣ дар ашъори классикон, ҳатто, дар суруду таронаҳо ба мушоҳида мерасиданд. И. Усмонов ва Д. Давронов бар онанд, ки оҳанги публитсистии осори классикии тоҷик, ки аз «Авасто» то ба «Шоҳнома» ва аз «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ то ашъори Ҳайрат мавҷуд буд, қисми таркибии адабиёти бадеӣ буда, барои эътибори иҷтимоӣ ва байналхалқӣ пайдо кардани адабиёт ва тамаддунамон саҳм гузоштанд [131, с. 10]. Анъанаи мазкур аз ҷониби Аскар Ҳаким низ идома ёфта, ӯ дар ашъори ватандӯстӣ ва иҷтимоиаш ба услуби публитсистӣ рӯй овардааст.

Як сабаби дар вазни рамал гуфта шудани ин шеър, ба андешаи мо, аз он иборат аст, ки мавзуи қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ чунин як вазнро тақозо менамояд. Аз он оҳанги мутантан ва шӯру қиём ба гӯш расида, ба шунаванда руҳу илҳом мебахшад. «Дар ин шеърҳо вазъи руҳиву равонӣ ва дунёи отифии қаҳрамони лирикии шоир ифода ёфта, шӯру такопӯ, умеду орзу, нишоту хурсандӣ ва меҳру муҳаббаташ ба зиндагӣ бозгӯ гардидааст» [103, с. 21]. Бояд гуфт, ки шеъри Аскар Ҳаким низ чунин аст.

Баъдтар дар ашъори иҷтимоӣ ва ватанпарваронаи шоир, аз ҷумла, дар шеъри «Шеъри сангар», ки ба як нафар шоири номаълуми Афғонистон бахшида шудааст, ин хусусият баръало мушоҳида мешавад: «Аз сари минбар ту мегӯйӣ сухан, // Дар дилат размест мақсуди Ватан» [12, с. 28].

Ин хусусият – бо талаби мавзуъ, мазмуну мундариҷа, интихоб кардани вазни шеър дар ашъори шоир ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ҷумла, шеъри аввалини маҷмуаи «Раҳнавард» (соли 1983) «Асри бист» низ дар шакли чаҳорпораи вазни рамал офарида шудааст:

Асри бист,
Эй асри пуртӯфони ман,
Бигзарӣ тунд аз фарози Муштарӣ.
Ваҳ, мабодо, дар шитоби хештан
Аз сари дунёю одам бигзарӣ! [12, с. 20].

Аз махсусияти ашъори шоир гуногунмавзуии онҳо мебошад. Шоир К. Насрулло низ инро мушоҳида кардааст: «Яке аз хусусиятҳои хоси шеъри Аскар Ҳаким фарохии домони мавзуъ дар ашъори ӯст» [172]. Чунин ҳолат дар ашъори шоир то даҳсолаи аввали асри XXI бештар мушоҳида мешавад. Дар ду даҳсолаи охир мавзуи ашъори Аскар Ҳаким асосан аз фалсафа, панду ахлоқ, масал ва ишқ иборат мебошад, ки замина ва сабабҳои он дар фаслҳои оянда мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Аскар Ҳаким дар давраи аввали фаъолият бо ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ, шавқу ҳаваси хос ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ шеър гуфта, ҳунари тасвир ва суханофариро озмуда, такмил додааст. Шоир дар шеърҳои нахустин бештар ба

мавзуъҳои муҳаббат, зебоӣ, табиат ва зиндагии одии мардуми деҳот рӯй оварда, тасвирҳои зебои шоирона ва образҳои рамзӣ офаридааст. Дар ашъори шоир метавон пайванди неруи ҷисмӣ ва руҳии инсонро бо муҳити иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дарёфт. Дар умум, мавзуъ ва мундариҷаи ашъори давраи аввали Аскар Ҳаким гуногун, ифодагари воқеияти замон, дорои хусусиятҳои тарбиявӣ ва ахлоқӣ буда, дар ташаккул ва таҳкими ҷаҳонбинии хонанда нақши муассир бозидааст. Дар шеърҳои ӯ, махсусан, дар манзумаву силсилаҳо образҳои бадеӣ, симои худи шоир низ тасвир ёфта, ки тавассути онҳо андешаҳо, эҳсосот ва ҷаҳонбинии муаллиф ба таври возеҳ баён мегардад.

Давраи аввали фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким, ки ба солҳои 70-80-уми асри XX рост меояд, бо шеърҳои ватандӯстона, даъватӣ ва ахлоқӣ фарқ мекунад. Дар онҳо ҳисси самимият, садоқат ба арзишҳои умумиинсонӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд. Мазмун ва мундариҷаи шеърҳои индавраи шоир ба масоили муҳимми рӯз, зиндагии одии мардум, эҳтиром ба меҳнат, дӯстӣ, сулҳ ва сафо бахшида шуда, дар баробари ин, баъзе падидаҳои номатлуби ҷомеа мавриди накуҳиш қарор гирифтааст. Ин хусусият аз силсилаи аввалини «Маҷмуаи осор»-и ӯ – «Раҳнавард», мушоҳида мешавад. Дар маҷмуа 80 шеъри ватандӯстӣ, иҷтимоӣ, тасвирӣ ва ишқии шоир ҷой дода шудаанд. Се ғазале, ки дар ин маҷмуа омадааст, мазмуни иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дорад.

Шеърҳои даврони шуравии Аскар Ҳаким асосан иҷтимоӣ мебошанд. Ба суоли хабарнигор оид ба ин масъала Аскар Ҳаким ҷавоб додааст, ки ман «сириштаи иҷтимоӣ ҳастам. Бинобар ин, аксари навиштаҳоям ба зиндагии иҷтимоии мардум дахл мекунад» [95, с. 492]. Ҳамчунин, сабаби объективии инро аз иштироки фаъолонаи шоир дар маъракаҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ донистан мумкин аст. Шоир зимни иҷрои вазифаҳои масъули давлатию ҷамъиятӣ бо шеърҳои худ ҳисси масъулиятшиносии шаҳрвандӣ, ифтихори миллӣ ва ватандӯстию худшиносиро тарғиб менамуд. Ин хусусият дар «Хоки Ватан», «Шеъри Ватан», «Шукрона», «Суруд ба номи модар», «Шеъри меҳнат», «Ватан» ва дигар намунаи ашъори ӯ ба таври мушаххас ва возеҳ инъикос ёфтааст. «Дӯст доштани обу хоки диёр, эҳтирому азиз ҳисобидани ҳар гулу

хори кишвар ва шукргузорӣ ба Ватани маҳбуб аз муҳимтарин ҷанбаҳои шеъри Аскар Ҳаким мебошад» [61, с. 159]. Ин аст, ки дар аксари ин шеърҳо калимаи «Ватан» на танҳо дар матн, балки дар сарлавҳаҳо низ ба кор рафтааст.

Давраи аввали фаъолияти адабии Аскар Ҳакимро метавон марҳилаи ташаккули шахсияти эҷодӣ ва диди бадеии ӯ арзёбӣ кард. Дар ин давра маҳорати адабии шоир устувор гардид. Шоир дар навъ ва мавзуъҳои гуногун шеърҳо офарида, барои тавлиди мавзуъҳои нав ва асосии шеъри худ замина гузошт. Мазмуну муҳтавои ашъори шоир дар ин айём бо руҳи замон, масъалаҳои мубрами рӯз ва ормонҳои ҷомеа ҳамоҳанг буда, ҳамчун заминаи маънавӣ ва ҳунарии рушди минбаъдаи ӯ хизмат кардааст.

Роҳҳои асосии ташаккули мавзуъ дар эҷодиёти Аскар Ҳаким, мақоми марказӣ доштани оҳангҳои иҷтимоӣ ва ватанпарастӣ дар маҷмуаи аввалини ӯро муҳаққиқ М. Шакурӣ чунин тайъид намудааст: «Ба адабиёт суханваре қадам гузошта буд, ки дар шеър на аз рӯйи ҳавову ҳавас, балки ҷиддӣ ҳамчун донандаи набзи шеъри дирӯзу имрӯз рӯй овардааст» [40, с. 364]. Ин ҷо ишора ба он аст, ки Аскари ҷавон дар оғози фаъолияти эҷодӣ баробари шеърнависӣ ба нақди адабӣ ҷиддӣ машғул гардид. Ӯ аз шоиронест, ки аз илми бадеият ва назарияи шеър хуб огоҳ аст; аз тарафи аҳли илм ҳамчун «нафаре, ки зеру бами шеърро медонад, хубу бади суханро тамйиз мекунад, бо шоирони сухан баҳсҳо барпо мекунад» [40, с. 364] шинохта шудааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки эҷоди шеъри иҷтимоӣ осон нест. Инро худи Аскар Ҳаким дар боби «Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ»-и асари бунёдии таҳқиқотиаш «Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми садаи ХХ» [14, с. 98-202] иқрор шудааст: «Дар байни эҳсосоту таассуроти фардӣ ва эҳсосоту таассуроти бузурги иҷтимоӣ иртибот барқарор кунонидан, ки онҳо дар ҷаҳони ботинии инсон ба ҳамдигар мухолифат накарда, инсонро на фақат дар ҳаёти шахсӣ табиию маҳрами розҳои одамӣ, балки аз лиҳози ҷамъиятӣ ҳам муҳимму муътабар нишон диҳанд, барои шоир аз мушкилтарин корҳо ба ҳисоб меравад» [14, с. 149]. Яъне, дар доираи шеъри ғиноӣ (лирикӣ) сурудани мавзуи иҷтимоӣ аз шоир ҳунар ва истеъдоди

баланд мехоҳад. Дар чунин ҳолат образ мазмунҳои духӯра пайдо мекунад. Инро дар ашъори индавраинаи Аскар Ҳаким метавон мушоҳида кард. Чунончи, дар «Шеъри Ватан», ки ба ёди М. Турсунзода суруда шудааст, мисраи «сарзамини Тоҷикистон мекунад бӯйи Ҳисор» [12, с. 25] баробари обу ранги бадеӣ доштан аз ҷанбаи иҷтимоӣ баҳравар аст. Дар шеъри «Масъули замин» бар он аст, ки ҳар инсон бо назардошти ташаккули оянда барномаи зиндагиашро бояд ба нақша гирад.

Мазмунҳои ватандӯстона дар ашъори шоир аз шеърҳои «Тоҷикистон», «Асри бист», «Мероси аҷдод», «Хоки Ватан»... шуруъ шуда, минбаъд такомул ёфтанд. Аз шеъри «Тоҷикистон» (соли 1983) оҳанги ифтихор ва шиор ба гӯш мерасад. Тавсиф дар мисраи «Ахтарон бар парчами ту карда аз гардун нузул» [12, с. 98] инъикосгари руҳияи баланди шаҳрвандони шуравӣ аст. Шеърҳои «Тақдирҷунбони замин», «Тирачашме бо чароғ», «Аз тазоди зиндагӣ...», «Кишти тақдир», «Марде аз балкон...» низ мазмуни иҷтимоӣ доранд. Дар шеъри «Шохоб» шоир худро ба «шохоби равон»-и дарёи Ватан монанд кардааст.

Агар дар даҳсолаи аввали давраи нахустини фаъолияти эҷодӣ мавзуи аксар ашъори Аскар Ҳаким ватандӯстӣ, иҷтимоӣ, тасвирӣ буданд, минбаъд шуруъ аз солҳои 80-уми асри XX кам-кам мазмуни фалсафӣ, панду ахлоқӣ ба он илова шуданд. Ин ҳолат бори аввал дар шеъри «Падруди Варзоб» [12, с. 105] (соли 1983) ба назар мерасад, ки ин мавзуъ дар фасли ояндаи кор муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

Ҳамин тавр, ба назар мерасад, ки Аскар Ҳаким аз мавзуи Ватан шуруъ карда, минбаъд ба масъалаҳои ҳастишиносӣ ва ахлоқиву иҷтимоӣ, масоили рӯзгори одамӣ рӯй меорад. Ба ин тартиб, Аскар Ҳаким тавонист шеърро на танҳо ҳамчун воситаи ифодаи эҳсос, балки ҳамчун минбари андешаронӣ ва баррасии масъалаҳои муҳимми замон ба кор барад.

Силсилаи дуюми «Маҷмуаи осор» «Тарозуи офтоб», ки ашъори солҳои 1983-1987-ро дар бар мегирад, мазмунҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро идома додааст. «Тоҷикистон», «Шохоб», «Такяи Ватан» (ба Воҳид Асрорӣ), «Санои деҳқон» аз мазмуни ватандӯстӣ саршор буда, «Ҳузни ширин», «Падруди Варзоб», «Дидаӣ,

бачаяки кафтарбоз», «Дар лаби ҷӯ буд маҷнунбед сабз»... шеърҳои тасвириянд. Дар онҳо тасвирҳои табиӣ ба кор рафта, баробари тасвири табиат оид ба ҳаёти воқеӣ андешаҳои иҷтимоӣ ва ҳакимона баён шудаанд. Масалан, зимни тасвири нози маъшуқ, ки аз ошиқ рӯйи даст бардоштанашро металабад, киноя ва изтеҳзои «таранҷидам», «мавзун» истифода шудааст, ки таъсири эстетикии шеърро қувват бахшидааст: «Дамидам синаи худро чу Рустам, // Мушакҳоро таранҷидам чу оҳан. // Вале дидам қади «мавзун»-у гуфтам: // «Бувад беҳтар, туро дар дил барам ман!» [12, с. 120].

Силсилаи сеюми маҷмуа «Рӯзи умед» 34 шеъри солҳои охири даврони шуравӣ – 1987-1990-ро дар бар мегирад. Дар онҳо шоир бо истифода аз шакли шеъри озод мушкилоти иҷтимоии ҷомеаро ба таври амиқ ва таъсирбахш ба тасвир кашидааст, «Суруди фардо», «Таънаи фариштa» ва «Армон» намунаҳои боризи ин равиш мебошанд.

Дар шеъри «Таънаи фариштa» масъалаи гуноҳ ва покшавӣ аз он гузошта шудааст. Қаҳрамони лирикӣ ба фариштa муроҷиат кардааст, ки агар ту бегуноҳӣ ва тавоноӣ, поён фаро ва худро боре дар ҷойи инсон гузор, бубин, ки дар ин ҷо бегуноҳ будан мумкин аст?

Тавонӣ, одаме бишав ту байни одамон,
Бигӯямат, ки офарин,
Туӣ фариштаи замин! [12, с. 136].

Дар шеъри «Армон», шоир мехоҳад ҳамеша шоири васфу дуруд, базму суруд бошад, дар ҷомеа нақше гузорад. Аз ин шеър оҳангу ифодаи шоирони рус С. Есенин ва Н. Тихонов ба ёд мерасад.

Оҳ, ман бисёр мехоҳам, ки бошам,
Шоири васфу дуруд,
Шоири базму суруд [12, с. 137].

Шеър вазъи замони бозсозӣ ва ошкорбаёниро низ ифода кардааст. Шоир баробари ин бар он аст, ки «шоири базму суруд» буданро ҳам вичдон намебардорад. Ин аст, ки миёни ду интихоб мондааст: «Лек метарсам, ки баъд

// Модари тоҷик фарзандам нахонад, // Шоири ҷону ҷигарбандам надонад» [12, с. 40].

Дар ин силсилаи ашъор («Рӯзи умед») шоир кӯшидааст бо истифода аз шеъри озод вазъи иҷтимоии даврони ошкорбаёнӣ ва гардиши куллии ҷомеаро ба таври андешамандона тасвир намояд. Ин ҳолат дар шеърҳои «Ғуссаи Хуҷанд» ва «Дуруд ба Фарзона» баръало мушоҳида мешавад. Вакилони парлумони вилояти Суғд алайҳи барқарор кардани номи таърихии шаҳр баромад мекунанд, аммо зиёиёни шаҳр баҳри барқарор кардани ҳақиқати таърихӣ мубориза бурданд ва ғалаба намуданд. Шеърҳои мазкур дарди дили шоири ватандӯстро ифода карда, дар ин маврид Фарзонаро «духтари бебок» номида, орзу кардааст, ки аз ин хок «бошад, ки пагоҳ боз яке мард бихезад» [12, с. 43].

Ашъори иҷтимоии ин давраи Аскар Ҳаким ба мазмунҳои таърихӣ низ пайванд хӯрдааст. Дар шеъри «Офтоби хуншор» ҳодисаи аз дасти амир 75 чӯб хӯрдани устод Айнӣ тасвир гашта, хулоса шудааст, ки баъд аз ин «офтоби тозарӯ аз шонаи хуншори ӯ» хоҳад баромад. Тахтапушти зарбхӯрдаи устод Айнӣ дар он ба «офтоби тозарӯ» ташбеҳ карда шудааст. Шеъри «Решаи табархӯрда» ба баъзе норасоиҳои ҷомеа ва вазъи иҷтимоии он давраи шуравӣ ишора мекунад.

Ин ҷо ёдовар бояд шуд, ки Аскар Ҳаким дар баёни масъалаҳои нозуки сиёсӣ бештар мусолиҳакор аст. Аз ҷумла, боре ба суоли рӯзноманигор дар ин бора, ки шоир то чӣ андоза аз баёни сухани аслӣ худдорӣ карда метавонад, ҷавоб додааст, ки дар ӯ ҳам «ҳиссиёте ҳаст, ки то чӣ андоза раво будани гуфтани ин ё он таассуротро назорат мекунад» [63, с. 526]. Маълум мешавад, ки ӯ дар ин маврид риояи таносуб ва эътидолро меписандад.

Шояд таъсири идеология ва сиёсати замон буд, ки дар даврони шуравӣ як муддат шоирон аз ашъори ишқӣ ва тасвирӣ дурӣ ҷуста, ба мавзуъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, шиору тантана ва даъват гаравида буданд. Дар бораи сабабҳои ин ҳолат муҳаққиқ М. Шакурӣ зимни ёдоварӣ аз ашъори Муҳаммадҷон Раҳимӣ қайд кардааст, ки «дар адабиёти шуравӣ назарияе ҳам

буд, ки лирика бояд иҷтимоию сиёсӣ бошад, мазмуни иҷтимоию сиёсӣ дошта бошад. Бас аст васфу мадҳ, аз ҷумла, бас аст ишқияҳо, ишқиясароӣ, ошиқона шеър гуфтан» [150, с. 127]. Ин аст, ки шоирон аз ашъори анънавии ишқӣ ва тасвирӣ даст кашида, ба мавзуъҳои иҷтимоиву сиёсӣ рӯ оварданд. Бинобар ин, Аскар Ҳаким низ дар он давра бештар дар мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ватанпарварӣ шеър эҷод мекард.

Яке аз махсусиятҳои назарраси ашъори Аскар Ҳаким аз он иборат аст, ки ӯ мавзуъҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро аз шеъри иҷтимоӣ ба шеъри ғиноӣ, пеш аз ҳама, ба навъи анъанавии он – ғазал ворид кард. Баъди эҷоди шеърҳои тасвирӣ ва ватандӯстона шоир дар охири асри гузашта ва оғози асри равон ба ғазалҳои мазмунашон ватанпарварона рӯй овард. Дар силсилаи «Тарозуи офтоб» (соли 1983) даҳ ғазали иҷтимоӣ ҷой дода шудаанд. Аскар Ҳаким яке аз давомдиҳандагони таҷрибаи устод Лоҳутӣ дар мавриди эҷоди ғазали сиёсӣ мебошад. Дар силсилаи ашъори «Рӯзи умед» (солҳои 1987-1990) низ се ғазали сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба назар расиданд. Дар миёни онҳо танҳо дар ғазали «Чаман шукуфт, азизон ба гул назора кунед» мавзуи иҷтимоӣ то андозае ба ишқ омезиш ёфтааст.

Бо ин гуфтан мумкин аст, ки ашъори ин давраи шоир хоси замони ошкорбаёнӣ мебошанд. Ҳамин тавр, «дар муқоиса бо ҳамсафону ҳаммаслаконаш Аскар Ҳаким худро аз эҷоди шеърҳои ошиқона барканор гирифт ва бештар дар иншои ашъори иҷтимоӣ, ки ҷавҳари онро хираду маънӣ ташкил мекард, рӯй овард» [108, с. 363]. Ашъори ишқие, ки имрӯз дар даст дорем, маҳсули қалами солҳои баъдинаи ӯст.

Яке аз ашъори муҳим дар давраи аввали фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким – даврони шуравӣ «Нону имон» (соли 1986) мебошад, ки ба номи он дар «Маҷмуаи осор» шоир калимаи «достон»-ро илова кардааст. Дар асл, он аз 11 шеъри аз рӯйи мавзуъ ба ҳам пайванд иборат буда, метавон ба таври умум онҳоро манзума номид. Мавзуи ин ашъор васфи нону меҳнат, сарафрозӣ аз касби ҳалол ва нони ҳалол мебошад. Шеърҳои «Суфраи модар», «Мӯри донакаш», «Нонгурезон», «Ҷоннисор», «Дар музейи гандум» чаҳорпора

мебошанд. Яке аз хусусиятҳои шеърҳои ин силсила аз он иборат аст, ки онҳо сюжет доранд. Дар «Суфраи модар» ва шеърҳои дигар низ таъбири «суфра» борҳо истифода шудааст, ки ба маънои дастурхон, ризқи инсон, имон омадааст. Аз ҷумла, баъди зикри шоиронаи воқеоти зиндагӣ – бемодарӣ, шахсияти ғиноӣ орзу мекунад, ки ҳеч кӯдак «Ҳеч гаҳ аз суфраи модар намонад бенасиб» [13, с. 415].

Дар шеъри панду ахлоқии «Рӯзиофарин» мазмуни масалҳои халқӣ зиёд ба кор рафтааст. Ҳар байти он масалеро мемонад. Вазни он рамали мусаммани садр ибтидову ҳашвҳо солим, арӯзу зарб маҳзуф (фоилотун фоилотун фоилотун фоилун) аст. Маъниҳои Замину Модару Гандум дар ин шеър ва ашъори дигар борҳо такрор шудааст. Ба ин монанд дар шеъри «Нонгурезон» ҳодисаи даҳшатоваре тасвир шудааст: дар солҳои гушнагию қаҳтӣ ва ҷанг кӯдаке пораи нон аз хона берун мешавад, кӯдаки дигари маҳзун дар зери дарвоза нонро аз дасти ӯ кашида гирифта, саросема нахоида фурӯ мебарад, дар натиҷа нон банди дилашро гирифта, кӯдак пеши назари одамон ҷон медиҳад. Лаҳзаи фоҷиавӣ аз он иборат аст, ки дар як тараф, кӯдаке аз гушнагӣ ҷон медиҳаду тарафи дигар, бачаеро, ки ризқашро кашида гирифтанд, мегирист: «Тифли бенонмонда он сӯ гиря дошт, // Баччаи нонхӯрда ин сӯ ҷон супурд» [13, с. 422].

Дар манзумаи «Ҷоннисор», ки қаҳрамонии як ҷанговар муфассал тасвир шудааст, шоир гандумкорӣ ва расонидани ризқи инсонро дар дунё аз ҷумлаи корҳои бошарафтарин ҳисобидааст:

Аз кишоварзӣ, вале моро набуд
Пешаи боқадру волои дигар [13, с. 424].

Ин ҷо тасвири инсоне омада, ки ҳамеша дар мубориза аст.

Дар шеъри «Дар музейи гандум» шоир ба қадру қимати нону гандум таваҷҷуҳ намуда, хулоса баровардааст, ки инсон метавонад бедин бошад, аммо беимон буда наметавонад, зеро имон ба нону ном алоқаманд аст. «Шоир дар мисоли намоиши навъҳои гуногуни гандум решапайвандии ақсои замин, вобастаи ҳамдигар будани тақдири халқҳои ҷаҳон»-ро ба миён гузоштааст [109, с. 203].

Манзумаи «Талбаки талбидаам» («Навҳаи модар») аз ҷумлаи ашъори намоёни Аскар Ҳаким буда, адабиётшиносони тоҷик ва хориҷӣ (М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, А. Шеърдӯст, С. Сухоян...) ба мазмуну муҳтаво, шеърият ва ғояи он баҳои баланд додаанд. Дар манзума қаҳрамонии ҷавони бисту чаҳорсолаи данғарагӣ Талбак Лолаев тасвир ёфта, ки ҳангоми хомӯш кардани сӯхтори ғаллазор ҳалок шудааст. Шоир баъдҳо ёдовар гардида, ки вақте боби «Навҳаи модар»-ро аз «Достони нону имон» дар бораи Талбак менавишт, манзараи воқеие пеши назараш ҳувайдо буд: «ҳамон навҳагарии занони деҳ ба болои наъши Ҳабибулло ба ёдам расид ва дар асоси ҳолу ҳавои он боб қарор гирифт» [137, с. 330]. Аз ин рӯ, услуби шеъри мазкур аз ашъори пешинаи муаллиф фарқ мекунад. Дар ин маврид метавон андешаи А. Сатторзодаро дар бораи ашъори ғиноии М. Қаноат дар асарҳои эпикии ӯ ба ёд овард, ки гуфта: «Ҷое, ки тасвироти эпикӣ бештар аст, сухани ӯ заминӣ, аниқу амиқ, буррову расо, кутоҳу пурғунҷоиш мебарояд» [116, с. 48]. Чунин ҳолат дар манзумаи «Талбаки талбидаам»-и Аскар Ҳаким низ мушоҳида мешавад.

Шеър аз шаш банд иборат буда, сарсатри ҳар банд бо мисраи «Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам» шуруъ мешавад, ки муассирӣ ва шаҳомати асарро баланд бардоштааст. Фоҷиа дар замони шуравӣ, «даврони сериву пурӣ» рӯй додааст ва модар, қаҳрамони лирикӣ ҳам дар ҳайратанд, ки дар чунин замони «сериву пурӣ» магар одам барои нону гандум худро ба обу оташ мезадад? Аз ин рӯ, ин манзума бо тасвирҳои умедбахш ҷамъбаст шудааст:

Ҳамчу дарё мавҷ дорад хӯшазори бекарон,
Байни он қад мекашӣ то ҷовидон, то ахтарон [13, с. 437].

Дар эпиграфи шеъри дигари ин манзума «Тахтасанги гушнагӣ» омада, ки ҳуҷҷати қадимтарин дар бораи гушнагиҳо санге аст, ки аз Мисри қадим ёфт шуда, дар он сатре ба ин мазмун ҳак шудааст. Дар шеъри мазкур ризқи инсон ва аҳаммияти гандум зикр гардида, вобаста ба ягона будани сароғоз ва сарнавишти тамоми одамони дунё хулосаи илмӣ бароварда шудааст: «Ё бувад дар асл насли одамӣ якҷову тан?»[13, с. 439].

Ризқи одам аз нони гандум вобаста аст. Ин маъниро шеърҳои «Тахтасанги гушнагӣ», «Некӣ куну ба дарё андоз», «Дар ҳисори гушнагӣ», «Умед» низ ифода кардаанд. Мисраъҳои зеринро аз шеърҳои «Некӣ куну ба дарё андоз» ва «Умед» метавон хулосаи силсилаи нону имон номид: «Марди деҳқон аз азал рӯзирасони халқ буд» [13, с. 442]; «Чун замин дасторхони сабзи аҳли олам аст, // Рӯйи дастархон баробар ҳиссаи ҳар одам аст» [13, с. 448].

Ашъори Аскар Ҳаким, дар маҷмуъ, бо истифода аз рамзҳои бадеӣ, тасвирҳои амиқ ва мавзуъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар рушди адабиёти тоҷик нақши муҳим гузоштааст. Шоир масъалаҳои муҳимми ҷомеаро ба таври амиқ ва таъсирбахш ба миён гузошта, барои хонанда аз воқеаҳои муҳимми таърихӣ ва иҷтимоӣ фаҳмиши амиқ фароҳам меорад. Зеро таҳкурсии шеъри Аскар Ҳаким бар пояи андеша ва хирад гузошта шудааст: «Маҳз ҳамин хусусияти шеъри шоир рисолати аслии ӯро дар адабиёти муосир муайян ва муқаррар кардааст» [108, с. 370]. Бинобар ин, он ба дили хонанда зуд роҳ меёбад.

Таҳлили ашъори давраи шуравии Аскар Ҳаким ба хулоса меорад, ки шоир аз оғоз ба шеъри иҷтимоӣ, ватандӯстӣ, тасвирӣ таваҷҷуҳ доштааст. Бештари шеърҳои лирикӣ ва тасвирии шоир дар шакли озод суруда шудаанд.

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон барои аҳли эҷод фазои мусоид ва имкониятҳои васеи санҷиши истеъдод, қобилияти навҷӯӣ дар шакл, мазмун ва муҳтавои осор, ҳамзамон, таҳкими сабку услуби инфиродии онҳоро фароҳам овард. Аз солҳои аввали Истиқлол Аскар Ҳаким аз зумраи шоирони камшуморе буд, ки хомӯшӣ ихтиёр накарда, барои ба маҷрои орому осоишта даромадани зиндагӣ, сулҳу салоҳ, сарҷамъӣ ва муттаҳидии миллат бо қалами худ садо баланд кард. Ашъори ин давраи шоир дар ҷилдҳои якум ва дуюми «Маҷмуаи осор» [12, 13] ва намунаҳои тозатарини он дар нашрияҳои даврӣ ва саҳифаҳои интернетӣ [172] интишор ёфтаанд. Чунонки зикр шуд, дар ин марҳила сабки шоирии Аскар Ҳаким комилан ташаккул ёфта, илова бар ин, мавзуъҳои иҷтимоӣ, оҳангҳои фалсафӣ, ҳикматомез, усули воқеиятнигорӣ вежагии асосии сабку услуби ӯро ташкил доданд.

Маҷмуаи нахустини ин давра – «Шаҳри меҳолуд» (солҳои 1990 -1993) чун сарлавҳаи силсилаҳои дигар унвони рамзӣ дошта, мазмунҳои фалсафӣ меҳвари онро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, дар шеъри «Баргпайванд» робитаи шахсияти ғиноӣ – ошиқи куҳан бо маъшуқи навин, тавассути баргпайванд, ки усули мураккаби пайваст намудани ҷузъҳои тафаккури бадеӣ маҳсуб мешавад, маънои фалсафии амиқро ифода кардааст.

Аз солҳои навадуми асри XX ба ин сӯ, Аскар Ҳаким эҷоди шеърҳои иҷтимоиро бештар вусъат бахшид. Аксар шеърҳои озоди шоир дар ҳамин давра эҷод шуданд. Ин падида, ба навбати худ, имкони бештари баёни андеша ва боз шудани дасти шоирро дар ифодаи озоди фикр таъмин намуд. Нахустин ашъори даврони Истиқлоли давлатии кишвар дар ду силсила «Шаҳри меҳролуд» ва «Баргпайванд» шеърҳои то соли 1993 эҷодшударо дар бар мегиранд. Дар ин марҳила чун аксар шоирони маъруфи вақт теъдоди ашъори Аскар Ҳаким кам шуда, дар ду силсила ҳамагӣ 39 шеър ҷой дода шудааст. Шеърҳои «Шаҳри меҳолуд», «Баргпайванд», «Чӣ кунам?!», «Муаммои ворастан», «Арзадошт», «Хоби сангин», «Пиндор», «Метавон оё фаро рафт», «Хазони умр» ва ғайра аз ҷумлаи намунаҳои барҷастаи ин навъи ашъор аст. Ба андешаи шоир, дар рӯйдодҳои нохуши солҳои 90-уми асри XX мардуми одии тоҷик гунаҳгор нест, онҳоро нотавонбинони дохилаву беруна ҷанг андохтанд. Ин аст, ки «ҳар кас ба сари мурдаи худ мегиряд» [12, с. 165].

Фарқи шеърҳои иҷтимоӣ ва сиёсии Аскар Ҳакимро аз ашъори дигарон, пеш аз ҳама, дар мавқеъгирии шахсии ӯ донистан мумкин аст. Шахсияти ғиноии шеъри ӯ худро аз сиёсатбозӣ, майдондорӣ канор гирифтааст. Ин аст, ки Аскар Ҳаким шеърро ҳамчун василаи тарбият ва андешамандсозии ҷомеа медонад. Ин маънӣ, махсусан, дар шеърҳои «Имон» ва «Арзадошт» возеҳ мушоҳида мешавад. Ба эътиқоди шоир, бояд адиб ба ормон ва андешаҳои баланди инсонӣ хидмат кунад, на ба гирудори манфиатҳои рӯз. Аз ин рӯ, бо итминон мегӯяд: «Ман агар маҳфил кунам, маҳфил кунам танҳо ба хеш» [12, с. 169].

Ашъори Аскар Ҳаким дар давраи Истиқлол ва бозсозии Тоҷикистон бо мазмуну мундариҷаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ ва таърихӣ эҷод гардиданд. Ҳатто, дар шеърҳои тасвирии ин давраи шоир руҳияи иҷтимоъгароӣ эҳсос мешавад. Шеъри «Садо» аз ҷумлаи онҳост, ки дар он шоир на танҳо ба садои табиат ва муҳити зист гӯш медиҳад, балки садои ботинии инсонро низ мешунавад ва онро бо ҳам муқоиса мекунад. Андешаи шоир дар бораи зиндагӣ ва мавқеи инсон дар ҷомеа дар шакли рамз ва тасвирҳои бадеӣ ҳунармандона ба қалам дода шудааст. Дар эҷодиёти Аскар Ҳаким шеъри иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсус пайдо мекунад. Ӯ тавонистааст дар шароити сиёсӣ ва иҷтимоии гуногун ба воситаи тасвири бадеӣ, рамзу киноя ва тасвирҳои табиию ишораҳо мавқеи шахсӣ ва андешаҳои иҷтимоии худро баён намояд. Афзалияти ашъори ӯ дар он аст, ки тавонистааст мавзуъҳои душворро бо оҳанги нарм, сухани рамзӣ ва бадеият тасвир кунад ва ба хонанда андеша ва лаззати зебоипарастиро низ эҳдо намояд.

Танҳо дар солҳои 90-уми асри XX дар ашъори Аскар Ҳаким мавзуи ишқ зиёд набошад ҳам, кам-кам рӯ зад, ки намунааш шеърҳои «Атри муҳаббат», «Ду ташналаб», «Дар лаби дарёи сабзе» мебошанд. Дар ин шеърҳо шоир ишқро ҳамчун эҳсоси поки инсонӣ ва ҷовидона ба тасвир гирифта, онро аз қолабҳои расмии замон берун кашидааст.

Замоне ки Аскар Ҳаким ба арсаи адабиёт ворид гашт, «ибтидои солҳои ҳафтодуми асри гузашта, адабиёт ба марҳилаҳои нави адабӣ ворид шуд ва ба қавле, «адабиёти андеша», ки зимнан маънипардозиву мазмунофариро таҷассум мекард, рӯйи кор омад» [108, с. 363]. Бо вуҷуди ин, тарзи баёни Аскар Ҳаким аз ҳамсафонаш фарқ мекунад. Яке аз шеърҳои аввалини озоди шоир «Марде аз балкон...» мебошад. Дар он такрори калимаи «фарёд» ба сифати радиф ҳусни суханро афзун намуда, ҳолат ва ғуссаи мардеро тасвир кардааст, ки дар пиронсолӣ танҳо мондааст: «Кас намедонад чаро рафта зани ин мард». Шеър риққатбор буда, сатрҳои шикастаи шеъри озод таъсири онро афзун намудааст:

Мекунад фарёдҳо буду шудашро ӯ,
Ҳам писарро,

Ҳам занашро,

Ҳам худашро ӯ [12, с. 59].

Оид ба ин шеър ва як қатор шеърҳои дигари солҳои аввали Истиқлол муҳаққиқ М. Шакурӣ чунин ишора кардааст, ки «шеъри солҳои 90 фиғони дили миллатест, ки ба фоҷиаи таърих дучор омадааст... Он оҳанги таассуф ва навмедӣ, ки аз шеъри бохтҳо дар солҳои 60-70 ба гӯш мерасад, дар солҳои навад пурсӯзтар садо дод» [40, с. 437]. Вобаста ба ин, оҳанги таассуфу навмедӣ аз шеърҳои иҷтимоии Аскар Ҳаким низ ба гӯш мерасанд.

Шеърҳои Аскар Ҳаким дар ин давра бештар ба таҷассум ва таҷрибаи иҷтимоии миллат такя карда, аз дарду орзуву ҳасрати мардум оинадорӣ мекунанд. Масалан, дар шеърҳои ӯ мафҳумҳои «замони сиёҳ», «субҳи рӯшан», «бедод», «гулгашти хунолуд», «соати фоҷиа» ҳамчун рамзҳои вазъи фоҷиаи рӯзгор, орзуи ворастани ҷомеа аз гирдоби ҷанг ва бесуботӣ ифода ёфтаанд.

Аскар Ҳаким дар шеъри «Замин нола кард» низ ҳамин эҳсоси умумиро таҷассум бахшида, бо истифода аз ифодаҳои «замин ларзид», «осмон гиря кард», «дил ба хун нишаст» фоҷиаи ба сари миллат омадаро муассир тасвир намудааст. Ин тарзи баёни эҳсос ва рӯйдод дар шеърҳои аввали солҳои 90-ум хусусияти умдаи шеърҳои иҷтимоии давр буда, як вижагии муосири адабиёти даврони Истиқлол ба шумор меравад. Ба ин тартиб, дар маҷмуъ метавон гуфт, ки шеъри солҳои аввали Истиқлол, хусусан, эҷодиёти Аскар Ҳаким, ифодаи эҳсоси маҷруҳи мардум, таҷассуми фоҷиаҳои рӯзгор ва талош барои ворастагӣ аз гирдоби талху сангин аст.

Шеърҳои «Имон», «Арзадошт», «Хоби сангин» низ иҷтимоӣ буда, вазъи буғранҷи замонро ифода кардаанд. Мазмуну муҳтавои ашъори индавраи шоир вазъи руҳӣ, иҷтимоӣ ва маънавии мардумро баён карда, ба замон созгор мебошад. Дар ин маврид аз шеъри «Имони саг» ёдовар шудан мумкин аст, ки зимни баррасии ашъори Аскар Ҳаким борҳо аз тарафи аҳли таҳқиқ ва худи шоир боиси гуфтугӯ қарор гирифтааст. Он махсусияти индавраинаи ашъори Аскар Ҳакимро то андозае ифода мекунад. Дар шеър масъалаи ахлоқи инсон матраҳ шудааст. Ба қавли муаллиф, ин шеър дар даврони донишҷӯиаш эҷод

шуда, онро устоди аввалинаш А. Шукӯҳӣ напазируфта буд, шояд ба он сабаб ки тасвири ҳодисаи тасвиршуда ба ахлоқи даврон мувофиқ набуд: «инсони шуравӣ набояд аз худ амали нописанд зоҳир карда» [135, с. 15], ҳайвонеро озор диҳад. Мазмуни шеър чунин аст, ки сайёде саги пирашро бо сабаби хизмат карда натавонистан ба парондан мебарад. Ҳайвон, ки аз соҳибаш чунин умед надошт, ҳатто, вақти тир ба баданаш расидан хаёл мекард, ки «тири соҳибаш хато хӯрда». Аммо ба тири дуюми сайёд кушта мешавад. Ҳарчанд дилсангии инсон ҳадафи асосии шеър дониста мешавад, бо назардошти замони эҷоди шеър ин ҷо воқеоти солҳои бесарусомонӣ, афзудани шумори одамони бевафо, ҳамчунин, арзёбии баду неки ҳукумати шуравӣ низ ба ёд оварда шудааст. Илова бар ин, мавзуи шеъри «Имони саг» нав нест. Қариб сад сол пеш, соли 1926, дар шумораи 3-4-уми маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» порае аз шеъри Зара – муаллими Дорулфунуни шарқи Москва, чоп шуда буд, ки дар он муносибати бераҳмонаи инсон ба ҳайвон тасвир гардидааст: «Шунидам, ба санги ҷафо ҷоҳиле, // Сагеро биёзурд бар соҳиле. // Саг аз пеш, кӯдак давон аз паяш, // На кас, то раҳонад зи чанги ваяш…» [93, с. 152]. Мазмуни шеър ин аст, ки ҷавони бехирад сагеро ба дарё партофта ғарқ кардан мехоҳад. Аммо аз пайи вай худаш ҳам лағжида, ба дарё меафтад ва вақте ки дар об дасту по мезад, саг ӯро аз об берун кашида, наҷот медиҳад, ки чунин хулоса шудаст:

Рафиқе, ки имрӯз аз ӯ хор оядат,
Бувад, то ки рӯзе ба кор оядат [93, с. 153].

Дар ҳар ду шеър рафтори инсонҳое, ки дар бадкорӣ аз ҳайвон мегузаронанд, мазаммат шудааст. Аскар Ҳаким дар «Гуфтор дар бораи худ» оварда, ки вақте мепурсанд, «ривояти «Имони саг»-ро аз куҷо гирифтед, гуфтам, худ сохтам» [135, с. 77]. А. Шеърдӯст зимни баррасии шеъри «Имони саг» қайд карда, ки дар ин шеър шоир инсонро «аз лағзишҳову бемеҳриҳову номуродиҳо огоҳӣ медиҳад.» [96, с. 282].

Шеърҳои иҷтимоии Аскар Ҳаким дар аввали солҳои 90-уми асри XX бо руҳи эътироз, танқид ва таассуфи шадид аз воқеиятҳои зиндагӣ суруда шудаанд, идомаи мантиқии раванде мебошанд, ки ҳамеша дар адабиёти мо,

бахусус, дар замонҳои буҳронӣ зуҳур мекард ва мекунад. Шоир бо истифода аз рамзҳо, ташбеҳот ва образҳои табиат, инчунин, ба воситаи ҳикояҳои рамзнок ҷомеаро огоҳ месозад ва инсонро ба андеша водор менамояд. Ин гуна шеърҳо баёнгари дарду ранҷи инсон, айём, тарбиятгари маънавии ҷомеа, бедории шахсияти инсон ва ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ мебошанд. Аскар Ҳаким мазмунҳои ҳикматомези шеъри классикӣ, аз ҷумла, устодоне чун Саъдии Шерозӣ ва Камоли Хуҷандиро идома дода, онро ба таври нозук ба мазмуну муҳтавои ашъораш ворид намудааст. Нақди муосир низ ба ин вижагиҳои адабии Аскар Ҳаким ишора кардааст.

Дар маҷмуъ, мазмуну муҳтавои ашъори индавраи Аскар Ҳаким вазъи руҳиву иҷтимоии мардумро ба таври равшан инъикос намуда, ҳамчун ҳуҷҷати бадеии давраи буҳрони сиёсиву иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Минбаъд дар даҳсолаи аввали даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон Аскар Ҳаким шеърро на танҳо ҳамчун василаи ифодаи руҳияи низоъ ва мубориза, балки ҳамчун оинаи воқеияти иҷтимоӣ ва ахлоқии замон истифода мебарад. Дар ин маврид К. Насрулло яке аз шеърҳои ӯро, ки бо мисраи «Пиразан бо қомати хамгашта мерӯбад хазон» сар мешавад, мисол оварда, қайд кардааст, ки Аскар Ҳаким на танҳо як саҳнаи одии рӯзгор, балки вазъи тангдилӣ, танҳоӣ ва ранҷҳои маънавии мардумро дар даврони бесуботӣ ба таври ниҳонӣ баён мекунад. «Ин манзара ҷуз ҳақиқати зиндагӣ боз ҳақиқати таҳтоние дорад, ки хонандаи закӣ онро мефаҳмад» [172].

Дар силсилаи «Шаҳри меҳолуд» (1990-1993), ҳамчунин, шеърҳои тасвирии «Осмон бошаду паҳнои дигар», «Мерос», «Сафар», «Пиндор», «Дар роҳ», «Метавон оё фаро рафт...», Хазони умр», «Чароғи дур», «Аспи кишанбанд», «Гурги ошиқ», «Интизор», «Танҳоӣ», «Ду нафар дар лаби дарё» ҳастанд, ки аз мазмунҳои фалсафаю ҳикмат бархурдоранд.

Дар ҳамин замина, агар силсилаи «Шаҳри меҳолуд» ашъори иҷтимоӣ ва тасвириро дар бар гирифта бошад, силсилаи «Баргпайванд» бештар хусусияти лирикӣ, ишқӣ ва тасвирӣ дошта, дар он масоили ишқ, эҳсосоти ошиқона ва тасвирҳои табиат ҷойгоҳи хосса пайдо кардаанд. Чунончи, шеърҳое мисли

«Достони ишқи ман», «Шохи шикаста», «Ту суруди дили ман» намунаи мушаххаси онанд. Шеъри «Баргпайванд» дар оғози силсилаи «Шаҳри меҳолуд» ҷой дода шуда бошад ҳам, силсилаи баъдӣ, ки низ дар ҳамин давра эҷод гардидааст, «Баргпайванд» ном дорад.

Силсилаи шашуми ашъори Аскар Ҳаким дар «Маҷмуаи осор» «Илтиҷо аз уқоб» (1993-1998) ном дошта, дар айни ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои ногувори он суруда шудааст. Аз ин рӯ, дар он рӯйкарди иҷтимоӣ ва ватандӯстӣ дубора мавқеи устувор пайдо мекунад. Ин давра чун марҳилаи қаблӣ барои шоир давраи нисбатан хомӯшӣ буда, дар ашъори ӯ, асосан, аз вазифаи шоир, дарду ранҷҳои руҳии вай сухан меравад. Аз 8 шеъри ин силсила 6-тоаш ба ҳолати руҳии эҷодкор бахшида шудааст. Онҳо эҳсоси ботинии қаҳрамони ғиноиро ифода кардаанд.

Хусусияти умдаи осори Аскар Ҳаким дар он аст, ки аз тасвири мустақими воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ истиҳола намудааст. Ин равиш аз руҳияи инфиродии шоир ва хислати шахсии ӯ бармеояд. Аскар Ҳаким ҷангу ҷидол ва хунрезиро мавриди тасвири рӯйирост қарор надода, ба ҷойи он вазъи руҳиву ахлоқии мардум, фоҷиаи тангдилӣ, бесуботии равонӣ ва ахлоқиро дар пешманзари тасвир гузоштааст. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи мазкур «ба як рукни ҷудонашавандаи эҷодиёти адибону публитсистон табдил ёфт. Бахусус, дар назми иҷтимоӣ ин мавзуъ мақоми хосса пайдо кард. Адибон… дар заминаи бардошту таассурот ва эҳсоси иҷтимоии худ шеъру достонҳо офарида, моҳият ва аҳамияти Ваҳдати миллӣ, сиёсати сулҳофарии Пешвои миллат, азму талошҳои ӯ дар роҳи расидан ба сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ, муҳаббат ба Ватан, талош баҳри ободии он ва амсоли инро тараннум намудаанд» [80, с.188]. Ин мавзуъ, бешак, ҷанбаи публитсистии ашъори шоирон, аз он ҷумла Аскар Ҳакимро низ пурзӯр карда буд.

Шеърҳои иҷтимоии Аскар Ҳаким дар ин давра бештар хусусияти пандомез, рамзӣ ва ишоратӣ гирифта, бо усули ҳикматомез ва панду насиҳатӣ баён шудаанд. Шоир бо истифода аз рамзҳои табиӣ, лавҳаҳои зиндагии

рӯзмарра ва ишораҳои ба зоҳир сода мазмунҳои амиқи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафиро тарғиб мекунад.

Ба таври возеҳ аён мешавад, ки Аскар Ҳаким дар шеъри «Шеъри хундори ман гиряд», дар умум, силсилаашъори дигари солҳои 90-ми асри XX на танҳо аз воқеиятҳои пурфоҷиаи замон, балки аз бегонагии руҳӣ ва идеологӣ нисбат ба низоъ ва муноқишаҳо сухан гуфтааст. Махсусияти чунин навъи шеърро муҳаққиқ М. Муродӣ шарҳу тавзеҳ дода, қайд кардааст, ки онҳо дар давраи ҷангу муборизаҳои дохилӣ «тафаккур ва андешаи ватандӯстиро дар як давраи таърихӣ ифода мекунанд» [81, с. 128]. Чунин шева, ки хоси адабиёти ботафаккури мардумгаро ва инсонмеҳвар аст, дар ашъори Аскар Ҳаким низ ба таври возеҳ таҷассум ёфтааст. Мисраи «Дар ҷаҳони пастроён қомати боло шикаст» [12, с. 220] хулосаи ахлоқиву иҷтимоӣ аз фоҷиаи ҷомеаи пурнизоъ мебошад. Бештар аз ин, мисраи «Сари сабзи ҳар суханвар ба нишони сад нишонзан» [12, с. 222] баёнгари вазъи носолими ҷомеа ва беқадрии аҳли андеша ва фарҳанг дар шароити бесуботии иҷтимоиву сиёсӣ аст. Ҳамчунин, эъломи шоир дар шеъри «Кӯча шомгоҳон холист...» дар ҷумлаи пурмаънии «На шаҳиду на озодӣ, ин чӣ кору чӣ аъмолест» [12, с. 259] як навъ эътирози муассири бадеӣ дар мавриди бефоида будани низоъҳои дохилӣ ва қурбониҳо, ки аз онҳо на озодӣ ба даст меояд ва на арзишҳои воқеии инсонӣ эҳё мегарданд, ба назар мерасад.

Дар шеърҳои аз ҷиҳати сохт анъанавӣ низ шоир бо ҳамин равиш эҷодкориро идома бахшидааст. Силсилаи чор ғазал бо сарлавҳаҳои «Шеъри хундори ман гиряд», «Эй уқоби гардунсайр!», «Паём аз ишқ мехоҳад...», «Қимати коло баланду ҳиммати воло шикаст», «Шаби ғусса», ки вазъи мушкили солҳои навадуми асри гузаштаро ифода мекунанд, арзиши баланди адабӣ ва иҷтимоӣ дошта, бевосита шоҳиди руҳия ва андешаҳои як қишри андешаманди ҷомеа дар айёми басо печида мебошанд.

Ба таври хосса, «Ғазалқасидаи Ватан», ки муфассал, дорои 24 байт буда, дар саҳифаи интернетӣ чоп шудааст, ба гуфтаи худи шоир ғазали сиёсӣ ва ҷилваи худшиносии миллӣ, ватанпарастӣ ва ифтихор аз таърихи куҳани халқи

тоҷик мебошад: «Ғазали ишқ ба номи ту бихонам ватани ман, // Ки ту ширинтарӣ аз шираи ҷонам ба тани ман» [172].

Шоир бо зикри номҳои устуравӣ ва таърихӣ – Чашмаи Хизр, Зардушт, Ҷамшед, Сиёвахш, Рустаму Суҳроб ва дигарон на танҳо таърихи миллати худро гиромӣ доштааст, балки дар заминаи он, андешаи ифтихори миллӣ ва масъулияти насли имрӯзро тақвият бахшидааст. Зикри номҳои ҷуғрофӣ ва шаҳрҳое, ба монанди Бухоро, Хуҷанд, Хатлон, Бадахшон, Суғд, Хуросон, Табрез ва ғайра низ ба шеър хусусияти эпикӣ бахшида, чеҳраи тамаддуни куҳан ва сарнавишти таърихии тоҷиконро ба хонанда ифшо мекунад. Ғазал, азбаски аз ҷиҳати шакл муфассал, ба қасида монанд ва аз рӯйи мазмун сиёсию иҷтимоӣ аст, шоир онро «ғазалқасида» номидааст. Мавзуи он ифтихор аз таърихи гузаштаи халқи тоҷик ва шукргузорӣ аз Истиқлол мебошад:

Ҷилваи парчами ту барги умеди падарон аст,
Танг ояд зи фараҳ бар тани ман пираҳани ман.
Зинда бошӣ, ки сухан гӯям агар аз дили тоҷик,
Бешумар шукри ватан мерасад аз ҳар сухани ман [172].

Аз лиҳози услуб истифодаи шакли «ғазалқасида», яъне, омезиши ғазали лирикӣ бо мазмунҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ навоварии бадеӣ дар шеъри Аскар Ҳаким ба шумор рафта, намунаи беҳтарини мутобиқ кардани жанрҳои классикӣ бо талаботи замони муосир буда метавонад. Шеъри мазкурро ҷамъбасти ҳамаи ғазалҳои сиёсӣ-иҷтимоии шоир дар охири асри XX ва аввали қарни XXI метавон шуморид.

Дар маҷмуъ, ашъори солҳои навадуми Аскар Ҳаким, махсусан, силсилаи «Шеъри хундори ман гиряд» ва «Ғазалқасидаи Ватан» таҷассумгари худшиносии миллӣ ва инсонгароии шоир дар шароити таърихии мураккаб мебошад. Онро услуби инфиродӣ ва хоси шоир шуморидан мумкин аст. Ашъори мазкур дар қолаби шеъри анъанавӣ масъалаҳои актуалии замонро бо рамз ва ишора тасвир кардааст.

Бояд гуфт, ки мазмунҳои ишқи заминӣ, ишқи илоҳӣ ва фалсафӣ дар ғазалҳои Аскар Ҳаким баробар ба кор рафтаанд. «Наврӯзи Фарвардин», «Ҳадяи

Наврӯз», «Аввалу охири дунё – Наврӯз», «Рӯди ситезу суруд», «Достак», «Дарахти арчаи кӯҳам...» шеърҳои тасвирӣ буда, «Ба духтари тоҷик», «Гарави ишқ», «Дар роҳи шаббода ёдам соз», «Ин кадомин боғ меояд», «Биё, бо ман!», «Парвози беанҷом», «Ишқу фарвадин» аз ҷумлаи чунин ашъоранд.

Муддати солҳои 1998 – 2002, ки ба давраи нашри силсилаи «...Боз мерасад хуршед» [13] рост меояд, эҷодиёти Аскар Ҳаким аз як навъ руҳафтодагӣ ва андуҳи фалсафии солҳои навадум ба сӯйи осудагӣ, хушнудӣ ва умедворӣ рӯй овард. Дар ин силсила ба ашъори фалсафӣ, тасвирӣ, ишқӣ, ғазал вохӯрдан мумкин аст.

Аскар Ҳаким дар ин марҳилаи фаъолияти эҷодӣ ба тасвири табиат ва пайванди он бо зиндагии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Аммо шеърҳои «Фарёд», «Парандагони сафаркарда», «Тарҳи сиёҳ» хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар онҳо сабку услуби шоирони пешин, чун Лоҳутӣ ва Турсунзода мушоҳида мешавад. Маълум аст, ки дар солҳои 20-уми асри XX мавзуи ишқ дар шеър ба хотири авҷи шеъри иҷтимоӣ ва сиёсӣ маҳдуд гашта буд. Муҳаққиқон, аз ҷумла, таъкид мекунанд, ки «шеъри иҷтимоиву сиёсӣ ва милливу синфӣ дар эҷодиёти Лоҳутӣ шеъри ишқиро маҳдуд кард, вале барҳам надод» [40, с. 58]. Ба ин монанд дар оғози фаъолияти адабии Аскар Ҳаким низ тамоюли рӯ овардан ба шеърҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ бештар мушоҳида мешавад. Ин интихобро метавон ба шароити сиёсиву иҷтимоии охири солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX, ки шеър ба унвони минбари худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ истифода мешуд, вобаста донист. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, бар хилофи баъзе ҳамзамонони худ, ки дар солҳои душвори 90-ум асосан лирикаи ишқиро мавзуи асосии ашъори худ қарор доданд, Аскар Ҳаким бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ рӯ овард. Эҷодиёти ӯ дар муҳити маънавии худ хусусияти фардӣ ва равияи хосро касб намуд. Солҳои охири даврони шуравӣ – солҳои 70 – 80-уми қарни мазкур низ чунин ҳолат ба вуҷуд омада, «барои ҳиссиёти мусбат, барои руҳбаландӣ ва некбинӣ дар шеъри солҳои навад ҷой кам монда бошад ҳам» [40, с. 48], ба дараҷаи солҳои бистум барои шеъри ғиноии ишқӣ фалокатбор набуда, ин навъи шеър дар ашъори

шоирони ҷавони он вақт чун Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир ҷойи махсусро ишғол мекард. Аммо мушоҳида мешавад, ки Аскар Ҳаким ба ин роҳ нарафта, дар оғози фаъолияти эҷодӣ бештар ба шеъри иҷтимоӣ ва ахлоқӣ рӯй овардааст.

Дар давраи дуюми фаъолияти эҷодӣ Аскар Ҳаким дар эҷоди манзума салиқаи баланди эҷодкорӣ ба намоиш гузошт. Силсилаи манзумаҳои «Санги ман – алмос» (1997) намунаи возеҳи ин раванд мебошад. Ду манзумаи ин силсила «Санги ман – алмос» ва «Анӯширвон дар додгоҳи адл» дар шакли озод буда, аз навоварӣ ва ҷасорати адабии шоир дарак медиҳад. Манзумаи «Чакомаи ризойи модар» бошад, ба услуби чормисраъгии анъанавии даврони шуравӣ таҳия гардида, бо зебоӣ ва самимияти сухан, таровати тасвир ва паёмҳои ахлоқиву инсондӯстонаи худ фарқ мекунад.

Ба достони аввал муҳаққиқ А. Раҳмонзода баҳои баланд додааст: «Аз миёни осори манзуме, ки дар даврони Истиқлолият таълиф шудаанд, манзумаи «Санги ман – алмос» бо фарогирии мавзуъ ва нигоришу биниши ҳунарӣ намунаи олии назми тоҷикӣ ба шумор меравад» [103, с. 27]. Он чизе, ки дар назари аввал навоварона менамояд, сохтори достон аст. Манзума дар шакли шеъри озод суруда шуда, бисёр қисматҳояш шакли насри мусаҷҷаъро доранд. Он осонии хондан ва дарки маънии шеърро бештар мекунад. То андозае ки «ба мазмуни достон на обу ранги идеявӣ дода мешаваду на онро ба наср гардонидан мумкин аст» [120, с. 271]. Яъне, асар на танҳо аз нигоҳи мазмун, балки аз нигоҳи шакл ва тарзи офариниш як навъ омезиши зебои шеъру наср ба ҳамдигар мебошад, ки назираш кам ба чашм мерасад. Аз ҷиҳати сохт манзума ба бандҳо ҷудо шуда, пайванди байни онҳо бо мисраъҳо ва таъбирҳои такрорӣ нигоҳ дошта шудааст. Чунин такрор дар охири банди пешин ва аввали банди оянда яке аз бартариҳои сабк ва услуби шоир буда, таъсирбахшии шеърро зиёд менамояд, баробари ин, пайванди байни қисматҳои асарро устувор мегардонад. Бисёр қисматҳои ин шеър шакли насри мусаҷҷаъро дорад.

Усули такрори ифода, ибора ва ҷумлаҳо дар шеър ба хонанда кумак мекунад, ки мавзуъ ва андешаи асосии асарро бошиддат ва мушаххас дар ёд нигоҳ дорад, ҳамчунин, як навъ эҷоди ритми якхела ва муҳаббат ба суханро

фароҳам меорад. Ифодаҳое мисли «Зиндагӣ ҳадяи нур аст ба ҳар дари боз» пайвандии байни бандҳоро нигоҳ медоранд ва ба мураккабии мазмуну фикр таъсири мусбат мерасонанд.

Дар манзума аввал хушиҳои бачагию наврасӣ, воқеаҳои одии хотирмон («Медавидем, ки дар тоқиамон шабпаркае дармонад»), орзую ҳавасҳои ҷавонӣ («дӯстдори суханам») ба ёд оварда мешаванд. Пас аз он, муаллиф ба масъалаҳои ҷомеа, муносибати байни ашхос, орзуҳо ва ниятҳои инсон, дуоҳои нек ва бад мегузарад. Асар аҳаммияти баланди бадеӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дорад, зеро он «зарурати мустаҳкам ва бегазанд нигоҳ доштани решаҳои аҷдодӣ, пайванди наслҳоро таъкид мекунад ва дар ниҳоди хонанда эҳсоси садоқат ба арзишҳои гаронқадр ва муқаддаси гузаштаро қавитар мегардонад» [120, с. 272]. Ба мисли: «Дӯстони бачагиам ҳама дар деҳ монданд, // Ман ба деҳ меоям» [13, с. 450].

Мақсади асосии Аскар Ҳаким дар ин манзума ифодаи баду неки дунё, орзую ҳавас, камбудиҳои инсон ва ҷомеа, розҳои ҷомеа, зебоиҳои табиат ва мушкилоти инсон ва зиндагӣ («Сари ҳар соқи алаф сад гираҳи роз бувад») [13, с. 460] аст. Дар ин росто шоир суолҳои гуногун ба миён гузошта, худ ба он ҷавоб гуфтааст,

Зиндагӣ

ҳадяи нур аст ба ҳар як дари боз...

Зиндагӣ расми нигаҳ доштани паймон аст [13, с. 457-459].

Манзума масъалаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва муносибати байни одамонро баррасӣ мекунад, ки ҳар яке барои хонандаи имрӯзу оянда муҳим, арзанда ва омӯзанда мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат, С. Сухоян ба достони «Санги ман – алмос» баҳои баланд дода, онро аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва фарогирии мавзуъҳои гуногуни фалсафӣ ва иҷтимоӣ мавриди таҳқиқи васеъ қарор додааст: «Аз нигоҳи паҳнову фарогирии воқеият ва дарки фалсафии ҳаёт, достони «Санги ман – алмос» тазоҳури парвози беинтиҳои фикр дар фазо ва замон аст» [120, с. 271]. Ба қавли муҳаққиқ, дар мавриди фалсафа, дин ва эътиқоди мардум низ асари мазкур ҷанбаи умумиҷаҳонӣ дорад. Зарурати эътиқод ва имондорӣ

дар ин манзума пурзӯр буда, нигоҳи сулҳҷӯёнаи афкори шоирро ба динҳо ифода кардааст.

Дар манзумаи дуюми ин силсила «Чакомаи ризои модар» мавзуи меҳри модар муассир ва самимӣ ифода ёфта, метавон гуфт ба шеъри Эраҷ Мирзо «Ризои модар» ҳамсон ва наздик мебошад.

Баъд аз манзумаи «Санги ман – алмос», ки соли 1997 эҷод шудааст, Аскар Ҳаким силсилаи ашъори «Санги ман – алмос»-ро тартиб дод, ки ашъори солҳои 2002-2006-ро дар бар мегирад. Он дар эҷодиёти шоир ба як гардиши куллӣ ва давраи устувории равияи эҷодӣ табдил ёфт. Агар солҳои қабл шоир бештар шеъри озод гуфта бошад, чунин ашъор дар силсилаи мазкур камтар буда, қисмати асосии шеърҳоро навъи анъанавӣ ташкил медиҳанд. Аз рӯйи мазмун шеърҳои ин силсиларо метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

1) Иҷтимоӣ;

2) Фалсафӣ;

3) Ишқи заминӣ;

4) Шеъри воқеият ва сюжетдор;

5) Тавсифӣ ва ифтихорӣ.

Дар силсилаи шеърҳои «Санги ман – алмос» шеърҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ кам дида шаванд ҳам, намунаҳои сареъ мавҷуданд: «Шаҳри хоб» ва «Эй, ки гул-гул мешукуфӣ...», «Бомдоди нур». Дар онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ то андозае ба ҳунар ва таваҷҷуҳ ба ҳолати руҳии инсон тасвир шудаанд. Масалан, шеъри «Шаҳри хоб» бо ёдоварӣ аз рӯзгори осоишта, ором ва осуда оғоз шуда, сипас, ба ҳолати орзу ва руъёҳо гузашта, қаҳрамони лирикӣ чунин ҳасрат мекунад: «Ман надонам, ки гурезам аз ту ё аз хеш, // Ва чӣ марҳам ниҳам акнун ба дили хастаи хеш» [12, с. 327].

Дар шеъри иҷтимоии «Эй, ки гул-гул мешукуфӣ...» орзуи нек ва умед ба беҳбудии рӯзгор изҳор мешавад: «Ин касофатҳо раҳо созему аз домани дил гирем» [12, с. 340]. Дар шеъри «Бомдоди нур» пас аз зикри норасоии барқ дар зиндагии мардум умед ба ояндаи беҳтар садо медиҳад: «Бомдоди тоза меояд» [12, с. 354].

Яке аз махсусиятҳои силсилаи баъдинаи ашъори «Замини сабзи боварҳо» (2007-2012) ва «Ба саломи шукуфаҳо», ки ашъори соли 2012-ро дар бар мегирад, аз он иборат аст, ки дар онҳо шоир кӯшида, то дар шеърҳои ҳаҷман хурд мазмунҳои муҳимро ифода кунад. Намунаи беҳтарини чунин шеър дар «Замини сабзи боварҳо» «Нардбони хос» мебошад. Дар ин шеъри хурд ҳамагӣ дар 5 мисраъ фалсафаи зиндагӣ баён гардида, масъалаи муҳим ба миён гузошта шудааст: дар олам нафаре каси дигарро наметавонад нардбон шавад, зеро:

Ин аҷаб бин,
ҳар касеро, к-ин замин парвард,
Чун мулоқоти самову нуру анҷум рафт,
Нардбонро низ бо худ бурд [12, с. 342].

Сабаб он аст, ки нардбоне, ки як касро боло мебарад, метавонад дар як вақт каси дигарро поён фарорад. Ин ба таври рамзӣ маънои онро дорад, ки ёрмандӣ ба дигарон бояд бо дарки масъулият ва ҳиммат бошад, вагарна ёрӣ ба касе метавонад бар зарари дигаре анҷом гирад.

Дар қитъаи чормисрагии «Азми Архимедӣ» низ маънии фалсафӣ ифода ёфтааст. Тавре ки файласуфи маъруфи юнонӣ Архимед гуфтааст, «нуқтаи асосии Заминро ба ман диҳед, онро чаппа хоҳам кард», қаҳрамони шоир вазнинии Заминро, яъне, бори гарони ҳастии инсоният ва гуноҳони мардумро дар ҷустуҷӯйи тасаллӣ ва ислоҳ дидааст.

Чунин қитъаҳо дар осори шоир минбаъд низ зиёд дида мешаванд. Мавзуи аксари онҳо фалсафаи зиндагӣ, ахлоқ, панду насиҳат ва тасвири воқеа ва мушоҳидаҳои алоҳидаи пандомӯз мебошанд.

Маъниҳои фалсафӣ, пандомез, ки аз мушоҳидаҳои муҳимми зиндагӣ бармеоянд, дар ҳаҷми хурд дар силсилаи ашъори «Ба саломи шукуфаҳо» [11] бо лаҳну сухани зебо ва таъсирбахш ифода гардидаанд. Дар қитъаи хурде масъалаи гӯё серкор будани инсонҳо ба миён гузошта шудааст. Оё дар асл чунин аст? Ин савол дар ашъори шоир ба диди фалсафӣ ва оҳанги интиқодӣ матраҳ гардида, ба масъалаи муносибати инсон бо вақт ва масъулиятҳои ӯ марбут аст:

То кай мезорӣ,

Гӯё ки надорӣ,

Вақти сархорӣ.

То ту сар хорӣ,

Аввал бояд дид,

Оё сар дорӣ?! [12, с. 391].

Ё ин ки дар қитъаи дигар аз он изҳори ҳайрат мешавад, ки ин замон ҳама чизро ба амонат медиҳанд, то фоида гиранд, вале оё:

Ҳеч касе ҳаст,

ки дилро

ба амонат гирад?! [12, с. 395].

Шеърҳои хурди дигар чун «Эъҷози баҳор», «Ҳар касу ҳар чӣ», «Заҳмати барабас», «Ду шодӣ», «Фарёду сукут», «Қисмати шоир», «Рӯ ба Хуршед бирав!», «Муъҷиза», «Табдил», «Фарёду хомӯшӣ», «Дар тазмини Робиндронат Такур» ва ғайра низ иҷтимоӣ буда, паёмҳои шоири умрдидаро бо забони таъсирбахш ва ба таври фалсафӣ ифода кардаанд. Аз ҷумла, дар шеъри «Ду шодӣ», ба қавли М. Аҷамӣ, «...нафари дувум касе аст, ки ҳақиқати зиндагӣ, маънии зистан ва ҳастиро кашф накардааст» [33, с. 393]. Зеро ӯ ба оби пок туф андохтааст.

Дар маҷмуаи «Ба саломи шукуфаҳо» (2012) шеърҳои тасвирию лирикаи ишқӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Шеърҳои тасвирӣ асосан ба тасвири табиат, баҳор ва ситоиши Наврӯз бахшида шудаанд. Чун дар силсилаи «Замини сабзи боварҳо» дар ин маҷмуа низ чанд ашъори наврӯзӣ ҷой гирифтааст. Шоир бар он аст, ки баҳор ба ҳама мавҷудот таъсир мерасонад (дар шеъри «Чаҳор фасли шукуфтан»): «Ишқ сар мезанад аз мазраи ҷон, // Ҳамаро дар ҳангом – // На ҷавонеро зуд // Ва на пиреро дер» [12, с. 378].

Дар мавриди шеърҳои тавсифӣ, ки ба шахсиятҳои алоҳида бахшида мешаванд, гуфтан лозим аст, ки дар ашъори Аскар Ҳаким чунин шеърҳо кам мушоҳида мешаванд. Маълум аст, ки дар чунин ашъор таоруф ва лутфи сухан зиёд истифода мегардад, аммо Аскар Ҳаким тарафдори чунин усул нест. Бо

вуҷуди ин, дар ашъори шоир шеърҳое ҳастанд, ки ба баъзе шахсони маъруф чун Ш. Лоиқ, М. Шакурӣ, М. Қаноат, С. Саид, Жола, А. Абдуманнон, Ҳ. Ғоиб ва ғайра бахшида шудаанд. Дар ин шеърҳо аз тавсифи муқаррарии шахси алоҳида дида ҳадаф ва андешаи шахсии шоир бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла, шеъри ба М. Қаноат бахшидашуда аз нигоҳи шеърият ва сохтор қобили таваҷҷуҳ аст. Ин шеъри сюужетнок аз ҷиҳати шакл ба достонвораҳои М. Қаноат наздикӣ дорад:

Хоб дидам саҳаре, дар мошин
Бинишаста ману ту танготанг [12, с. 355].

Дар он қаҳрамонон бо мошин тунду тез равонанд, ногоҳ ба садди сахти туман бармехӯранд. Бо вуҷуди ин, суръатро паст намекунанд ва қарор медиҳанд ҳамон тавр пеш бираванд. Ин ҷо ба хонанда маълум мегардад, руҳи қаҳрамони лирикӣ монанди қаҳрамонҳои ашъори М. Қаноат мушкилнописанд аст.

Дар шеъре, ки ба Лоиқ бахшида шудааст, аслан «ҳалқаи пайванд, ёдномаи таърих аст» [86, с. 375]. Чунин шеърҳо, ҳарчанд ашъори тавсифӣ шинохта шудаанд, мазмунҳои гуногунро ифода кардаанд.

Дар адабиёти тоҷик шеърҳои ифтихорӣ, ки дар адабиётшиносӣ бо истилоҳи «муфохара» маъруфанд, ҷойгоҳи махсус доранд. Чунин шеър, ки таърихан ҷузъи ҳамосаву шеъри тавсифӣ буд, шуруъ аз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил то шоирони муосир чун Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва шоирони ҷавони имрӯз ба назар мерасад. Масалан, байти машҳури Фирдавсӣ:

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

ва ё аз Бедил

Зи баъди мо на ғазал, не қасида мемонад,
Зи хомаҳо ду-се ҳарфи чакида мемонад,

-ро метавон муфохара номид. Бояд гуфт, ки «муфохара қолаби муайяни шеърӣ надорад ва асосан дар анвои қасида, ғазал, маснавӣ, қитъа, рубоӣ ва ғайра

суруда мешавад» [127, с. 370]. Дар ашъори шоирони муосир, аз ҷумла, Аскар Ҳаким низ мазмунҳои ифтихор аз шоирӣ ё муфохара зиёд ба назар мерасанд. Ба таъкиди М. Диноршоев, «Аскар Ҳаким дар бораи шеъру шоирӣ ашъори бисёре, тақрибан панҷоҳ-шаст шеър дорад» [53, с. 159]. Ӯ аз давраи аввали фаъолияти эҷодӣ то ба имрӯз чун Лоиқ ва шоирони дигари муосир «ба мақоми шоир дар ҷомеа арҷ мегузорад ва дар навбати худ, дар назди шоир талаботи зиёдеро қоил аст» [88, с. 245].

Аскар Ҳаким худ низ дар як мақолааш оид ба мисраъ ва ифодаҳои зерини Лоиқ «То набинвисам зи нав ман номаи тақдирро // Ман наемирам // Ман нахоҳам мурд!», ё ин ки «баҳри дамонам зодаанд», «барои сад ҷаҳонам зодаанд» изҳори ақида кардааст. Муҳаққиқ бо назардошти таҷрибаи фарҳангии гузаштагон бар он аст, ки чунин истилоҳ ва ё суханони бузургтарошӣ набояд барои худситоӣ истифода шаванд. Қайд кардааст, ки пеш «агар касе аз шоирон чунин «калонгапӣ» мекард, албатта, барои худситоӣ, бузургтарошии худ ва ҳамин гуна гуноҳон мазаммат мешунид» [137, с. 265]. Дар мақолаи дигар сабаби пайдоиши чунин ашъорро шарҳ додааст: «Он солҳо (солҳои шастум) дар байни шоирони ҷавон, махсусан, навиштани маромномаҳои шоирона расм шуда буд» [140, с. 285].

Худи Аскар Ҳаким шеъри ифтихориро ба шаклҳои гуногун ва замонавии озод низ офаридааст. Масалан, шеъри озоди «Эй шумо, даъвигарон!..» мавзуи эътибори шоирро ба миён гузоштааст. Аз ҷиҳати шакл шеър аз мисраъ ва бандҳои хурду калон иборат аст. Шоир бар он аст, ки одамон бисёр вақт аз ҳақиқат дурӣ меҷӯянд, аммо шоир онро бе рӯю риё иброз медорад:

Шеър
шояд
дурӯғ гуфтан нест,
Гарчи гӯйиш хубу шоирвор
Гунаҳи ту,
валек шоир чист,
Хосу оманд агар зи ҳақ безор?! [12, с. 395].

Дар ин шеър аз поён рафтани сатҳи мазмуну муҳтаво ва ҳунари бадеии шеър изҳори ташвиш кардааст: «шеър бешуурӣ нест», «тамаллуққорӣ» нест, «мансуби мансаб нест», «орифбозӣ» нест; ниҳоят, шоир барои шустушӯи хеш «зи ғашду ғаш» камар мебандад. Шеъру шоирӣ «худсӯзӣ» мебошад: «Набувад пок дар замину замон, // Исмате ҳамчу исмати шоир» [12, с. 393].

Шеърҳои дигар дар ин мавзуъ – «Шеъри Ватан», «Шеъри сангар», «Шеър баски нест ҳаргиз ҷамъ ё ҷанги сухан», «Дуруд ба Фарзона», «Шоире ояд», «Шеъри хундори ман гиряд», «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ», «Шеъри ман» ва байту қитъаҳои дигар аксаран хусусияти тавсифӣ доранд. Дар маҷмуаҳои баъдинаи шоир низ ба шеърҳои «Гаҳворабахши эҷод», «Баҳси шеър», «На аз танқид, на аз таъриф...» вохӯрдан мумкин аст, ки дар онҳо сабаби гоҳ ба назму гоҳ ба наср ва илм рӯ оварданашро шарҳ додааст: «Нест баҳси шеърро охир, // Ҳамчунонки нест аввал» [13, с. 29]. Бо ифтихор таъкид карда: «Ки худро мекунам худ накд беш аз пеш» ва ба хулоса омада:

На аз таъриф мамнунам,
На аз танқид маҳзунам [13, с. 35].

Дар шеъри дигар бошад, оварда:

Шоирӣ қисмати Худодод аст,
Бо Худодода нест баҳсу талош [13, с. 51].

Ин ҷо масали халқӣ бо каме тағйир мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ифтихорияҳо дар рубоиҳо ҳам ба чашм мерасанд, аз ҷумла, дар мисраъ ва байтҳои зер: «Ман омадаам, ки пур кунам оламро» [13, с. 215]; «Як байти ман аз қасри ту подортар аст» [13, с. 225]; «Ҳар байти навам боиси мавлуди ман аст» [13, с. 232]; «Баъд аз сари ман, ки шеъри ман хоҳад монд, // Шеърам ба дили халқи ватан хоҳад монд» [13, с. 269]; «Ҷуз шеър надорам ба ҷаҳон ҳамдами дил» [5, с. 41]; «Ҷону дили ман гирифта ҷо дар суханам» [13, с. 351].

Ашъори ифтихорӣ агар дар марҳилаи аввали эҷод дар ашъори Аскар Ҳаким зиёд мушоҳида шаванд, минбаъд шоир рӯ ба хоксорӣ оварда, қоил аст, ки «эҷодкорон ҳар қадар аз қудрати истеъдоди худ ифтихор карда бошанд, на камтар аз он шубҳа ҳам кардаанд» [137, с. 266].

Шеъре, ки «Шоири имрӯз» ном дорад ва яке аз шеърҳои охирини Аскар Ҳаким дар мавзуи шеъру шоирӣ мебошад, дорои чунин мазмун аст, ки шоири имрӯз ҳарчанд дар ҷаҳони пурталотум ва мураккаб ҳамчун мӯр аст, дар даруни худ дунёро меғунҷонад. Ӯ касест, ки рафтору кирдорҳои ношоиста ва имрӯзро тақлид намекунад, балки сухан аз шоирест, ки «воқеан имрӯзист». Дар ин шеър шоир вазифаи худро дар назди қаламкашони аламкаш ва рӯзгор таъйин мекунад: на ба дунёи куҳна додан, балки ҳамчун шоири воқеан имрӯзӣ будан: «Шоири имрӯз бояд рӯ ба рӯ бо мо сухан гӯяд, // Ҳамчунон бо офтоби дар қиёми рӯз, // То варо бинем мо, на сояи ӯро, // Асли моро, мояи ӯро» [172].

Ин шеър шакли озод дорад ва аз чандин банди гуногунтаркиб, ки ҳар банд дорои шумораи мухталифи мисраъҳост, ташаккул ёфтааст. Он бо мазмун ва ғояи пешқадами худ дар байни фахрияҳо фарқ мекунад. Хуллас, шеърҳои ифтихории Аскар Ҳаким танҳо аз таърифу тавсифи шеъри худ, баланд бардоштани он нест, балки онҳо хусусияти назариявӣ доранд ва асосан аз вазифаи шеър, хусусияти он, чӣ гуна будани он суҳбат мекунанд.

Аксари ин ашъори иҷтимоӣ дорои мазмунҳои фалсафӣ мебошанд. Чунончӣ, дар шеъри мухтасари «Ҳашт миллиард танҳоӣ» чунин андешаҳо баён шудаанд:

Ба кадомин гурӯҳ шавам доир,
То бубинам, ки дар канорам кист.
Дар замину замони беохир
Ҳар кӣ буд аҳли фаҳм, танҳо зист [12, с. 389].

Афзоиши теъдоди шеъри иҷтимоӣ дар муддати муайян ба вазъи иҷтимоӣ ва сиёсӣ пайвандӣ дорад. «Сарнавишти шеъри иҷтимоӣ аз сарнавишти таърихии миллат ҷудоӣ надорад. Равандҳое, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷараён меёбанд, ҳатман ба тарзе дар шеърият акс меандозанд.» [40, с. 389]. Яъне, бо вуҷуди он ки рушди адабиёту ҳунар танҳо аз вазъи иҷтимоию сиёсӣ вобаста нест, таъсири онро набояд аз назар дур кард. Муҳаққиқон бар онанд, ки адабиёт дар баъзе ҳолатҳо аз сиёсат пурра дур буда наметавонад, аз ин рӯ, «ба адабиёт сар даровардани сиёсат рӯйдоди табиист ва бояд боиси тааҷҷубу

сарзаниш нагардад... Дар ин сурат ҳам шеър ҷанбаи иҷтимоии инсонро ифода хоҳад кард» [40, с. 417-418]. Дар ин замина нигоҳи худи шоир низ ба махсусияти шеъри имрӯз қобили таваҷҷуҳ аст. Вай дар асари таҳқиқотиаш «Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ» чунин навишта: «Дар шеъри имрӯза... ҷаҳони ҳастӣ дигар ба ду тарафи ба ҳам муқобил – неку бад, сиёҳу сафед, оливу паст ҷудо нашуда, он воқеиятест, ки дар он ин сифатҳо ба ҳам омехтаанд» [14, с. 62]. Яъне, чун дар ашъори худи А. Ҳаким шеъри хуб танҳо сиёсӣ, иҷтимоӣ ё фалсафӣ буда наметавонад, дар он ин мавзуъҳо ба ҳам пайванд мебошанд.

Ашъори аз соли 2012 то соли 2017 эҷодкардаи шоир бо номи «Ашъори тоза» дар ҷилди дувуми осори Аскар Ҳаким ҷой дода шудаанд. Шеърҳои ин давраи шоир мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ҳикматомез ва ишқӣ-лирикиро дар бар мегиранд. Шеъри аввалини ин силсила «Эъҷози парвоз» ном дошта, як навъ нақша ва барномаи фаъолияти эҷодии шоирро ташкил медиҳад. Дар ин шеъри нисбатан кутоҳ тамоми хусусиятҳои ашъори ташаккулёфтаи шоир дар мазмуну мундариҷа ва шакл муҷаз таҷассум ёфтааст. Ба қавли шоир ҳикмат ва ҳадафи асосии зиндагӣ аз он иборат аст, ки инсон барои раҳоӣ аз ғам бояд ҳамеша дар мубориза бошад.

Ба қавли муҳаққиқ Ф. Раҳимӣ, дар шеъри «Эъҷози парвоз» шоир «талқин мекунад, ки инсон танҳо ҳангоми озод будан рисолати инсонии худро иҷро карда метавонад, зеро ба ақидаи ӯ, осмону кайҳон барои парвози инсон офарида шудааст, вагарна ҳатто, офаридани онҳо маъно надошт» [98, с. 5]:

Осмон бошаду парвозе на,
Осмон бемаъност [13, с. 7].

Мавзуи ватандӯстӣ, ифтихор аз халқ ва миллат, бо оҳанги барҷаставу мутантан дар ашъори солҳои охири Аскар Ҳаким баръало мушоҳида мешавад. «Суруди ҷашни Сада» аз ҷумлаи он буда, аз се банди чормисраъгӣ ва чор нақарот иборат аст. Баъд аз номбар кардани расму одатҳое мисли оташгиронӣ, тоза кардани қалбҳо, паси сар шудани панҷоҳ рӯзи сардиҳо ва дар пеш будани гармиҳои фарвардин орзуҳои наҷиби инсонӣ баён гардидаанд:

Эй Сада, моро ба фарвадин расонӣ,

К-оташи ту борад оби зиндагонӣ.

Оташу обат кунад зулматзудоӣ,

То ҷаҳонро нури яздонӣ физоӣ [172].

Муҳаққиқ М. Шакурӣ бештари шеърҳои даҳаи аввали асри XXI-ро «пур аз оҳу нола, фиғону фарёд, ҳасрату номуродиҳо» номида, дар мавриди ашъори индавраи шоир қайд кардааст: «Дар шеъри Аскар Ҳаким маъюсиву ноилоҷӣ кам буда, оҳанги фоҷиавӣ бо некбинӣ ва андешаи фалсафа ба ҳам омадааст. Ӯ ишқро ба талотумҳои замона муқобил мегузорад ва умед ба ташналабони ишқ мебандад. Мояи некбинии Аскар ҳамин аст ва таппиши дили ошиқонро ба нозукбинӣ ба қалам овардааст» [40, с. 446-447]. Илова бар ин, аз таҳлили ашъори солҳои охири Аскар Ҳаким бармеояд, ки ӯ ба шеъри ҳикматомез низ дар ин давра таваҷҷуҳ намудааст.

Қисмати зиёди ашъореро, ки дар ҷилди дуюми «Маҷмуаи осор» ҷой дода шудаанд, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазалҳо ташкил медиҳанд, ки мазмуну мундариҷаи онҳо дар фасли оянда таҳлил карда мешавад.

Аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, шакл ва сохтор ашъори давраи дуюми Аскар Ҳаким – замони Истиқлоли давлатии кишвар, бавусъат мебошад. Ба иловаи шеъри тасвирӣ ва ишқии лирикӣ дар ин давра мазмунҳои фалсафӣ ва ирфонӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷойгоҳи асосӣ пайдо карданд. Дар ин давра шакли шеъри озод дар ашъори ӯ ташаккул ёфт. Баробари ин, унсурҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноии шоир вусъат пайдо намуда, ки аз имкониятҳои васеи коргоҳи ӯ дарак медиҳанд. Дар давраи дуюми фаъолияти эҷодии шоир аз ҷумлаи шаклҳои нав, пеш аз ҳама, шеърҳои хурд ба чашм мерасанд, ки баъзе намудҳои он бозёфти худи ӯ мебошанд. Дар ин давра сабку услуби Аскар Ҳаким пурра шакл гирифт. Аввалин ашъори калонҳаҷми ӯ ба вуҷуд омаданд. Дар достон ва манзумаҳои шоир низ мазмунҳои ҳикматомез ҷойи асосиро ишғол карданд.

Баррасии мавзуи боби якум – **«Ҷойгоҳи Аскар Ҳаким дар адабиёти муосири тоҷик»** имкон медиҳад, ки ба хулосаҳои зер бирасем:

1. Омӯзиши роҳи ҳаёт ва фаъолияти Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки ташаккули шахсияти илмию адабии ӯ аз солҳои 70-80-уми асри XX оғоз ёфта, минбаъд фаъолияти эҷодӣ ва пажуҳишии адиб дар пайванд бо корҳои давлатию ҷамъиятӣ, роҳбарии созмонҳои эҷодӣ ва воситаҳои ахбори омма идома ёфтааст. Фаъолияти ӯ дар мақомҳои масъули давлатӣ ва ҷамъиятӣ, махсусан, дар давраи ҳассоси ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар, бо масъалаҳои таъмини оромии ҷомеа ва таҳкими сулҳу субот иртибот доштааст.

2. Таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Аскар Ҳаким собит месозад, ки ӯ дар баробари фаъолияти илмӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ, эҷоди бадеиро самти асосии фаъолияти маънавии худ қарор додааст. Ин нукта аз муносибати худи адиб ба мақоми шоирии хеш низ бармеояд. Ӯ дар миёни ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти худ шоириро дар ҷойгоҳи аввал қарор медиҳад. Аз ин рӯ, шинохти шахсияти эҷодии Аскар Ҳаким ва муайян намудани мақоми ӯ дар адабиёти муосири тоҷик, пеш аз ҳама, ба омӯзиши мероси манзуми ӯ вобаста аст.

3. Фаъолияти беш аз панҷоҳсолаи эҷодии Аскар Ҳаким аз лиҳози шароити таърихию иҷтимоӣ, хусусияти мавзуию ғоявии ашъор ва таҳаввули ҷаҳонбинии шоир ба ду марҳилаи асосӣ, яъне, даврони шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатӣ ҷудо мешавад. Чунин даврабандӣ барои муайян намудани тағйироти тадриҷии мавзуъ, мазмуну мундариҷа ва самтҳои ҷустуҷӯи эҷодии шоир дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти адабии ӯ заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

4. Қисмати асосии осори манзуми Аскар Ҳаким дар ҷилдҳои якум ва дуюми «Маҷмуаи осор» гирдоварӣ шудааст ва аз ҳамин сабаб ин ду ҷилд манбаи асосии таҳқиқи ашъори шоир дар диссертатсия қарор гирифтаанд. Омӯзиши тартиби фароҳамоварӣ ва ҷобаҷогузории осор далел бар он аст, ки муаллиф дар тадвини маҷмуа аз усули муайяни интихоб ва танзими ашъор кор гирифтааст. Аз ин ҷиҳат, «Маҷмуаи осор» барои пайгирии марҳилаҳои фаъолияти эҷодӣ, таҳаввули андеша ва дигаргуниҳои шеъри ӯ сарчашмаи муҳим ба шумор меравад.

БОБИ II

МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ АШЪОРИ АСКАР ҲАКИМ

2.1. Навовариҳои Аскар Ҳаким дар шеъри анъанавии муосир

Аскар Ҳаким дар аксар шаклҳои анъанавии шеър, аз қабили чаҳорпора, шеъри нимоӣ, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, манзума, қитъа ва ғайра ҳунарнамоӣ кардааст. Ин масъала аз ҷониби муҳаққиқон ва шеършиносон то андозае мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, мулоҳизаҳои адабиётшиносии худи Аскар Ҳаким оид ба назарияи шеъри муосир, дастоварду мушкилоти он барои ин диссертатсия сарчашмаи боэътимод фароҳам меоранд. Муаллиф бар он аст, ки дар гузашта шеършиносон бештар ба ҷиҳати шаклии шеър таваҷҷуҳ мекарданд, аммо дар замони муосир мазмун ва ғояи шеър дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифт. Аскар Ҳаким «сабаби нақди маънию мазмун нашудан»-и шеърро дар он мебинад, ки он замон таҳлили шеър «асосан луғавию наҳвӣ» буд ва «то расидан ба замони ривоҷи нақди мазмуну муҳтаво илми адабии форсӣ-тоҷикӣ, мутаассифона, асосан дар инҳисори таҳқиқи шаклӣ боқӣ мондааст» [14, с. 10]. Дар шеъри муосир Нодири Нодирпур низ мазмунро муҳимтар дониста, таъкид карда: «Манзур аз ғазал як навъ сухани нарму диловез ва ошиқона аст. Инро мо метавонем имрӯз пайравӣ бикунем, на ин ки шакли хоси ғазалро» [94, с. 153].

Аз байни анвои шеъри анъанавӣ Аскар Ҳаким бештар ба чаҳорпора, шеъри нимоӣ, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, манзума, қитъа рӯй овардааст. Қисми зиёди ғазал, рубоӣ ва дубайтиҳои ӯ дар ҷилди дуюми «Маҷмуаи осор» гирд оварда шудаанд.

Махсусияти асосии шаклии ашъори Аскар Ҳаким яке аз намунаҳои шеъри муосири тоҷик дар асри ХХ – чаҳорпора мебошад. Он дар адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи вежа пайдо кардааст. Муҳаққиқ Рустами Ваҳҳоб дар бораи пайдоиши ин истилоҳ ва махсусияти он дар саҳифаи фейсбукиаш зикр намудааст: «Ба воситаи «Марши ҳуррият» (асари устод Айнӣ – Меҳроҷиддин Қаҳорзода) қолаби ба истилоҳ «чаҳорпора» бо қофиябандии «а-б-а-б» дар назми тоҷик намуна пайдо менамояд, ки ин қолаб минбаъд бо сохтори гуногуни

қофиябандӣ аз маъмултарин анвои назми муосири тоҷик мегардад, ки хусусан, аз солҳои 50 (манзур солҳои 50-уми асри ХХ – М. Қ.) ба баъд бештарин теъдоди шеъри ғиноии тоҷик бо он сурат мегирад ва ба воситаи достони «Ҳасани аробакаш»-и устод Мирзо Турсунзода ба достони муфассали ҳамосӣ низ роҳ меёбад» [172]. Дар ҳақиқат, «ин шакли шеърӣ то садаи бист ривоҷу равнақ нагирифта» [15, с. 210] бошад ҳам, намунаҳои аввалини онро дар оғози асри ХХ, дар ашъори маорифпарварони тоҷик, устод Айнӣ, Мирзо Сироҷ, Мирзо Ҷалол ва дар баъзе ашъори Лоҳутӣ дидан мумкин аст. Минбаъд он дар назми тоҷик равнақ пайдо карда, имрӯз яке аз шаклҳои асосии шеъри тоҷикӣ ба шумор меравад.

Аз ҷиҳати шакл ин шеърҳо хеле гуногунанд, ки мавзуи алоҳидаи таҳқиқ мебошад. Аз ҷумла, онҳо метавонанд аз пораҳои калону хурд таркиб ёбанд. Чаҳорпора, ҳарчанд ба мусаммат, яъне, мураббаъ, мухаммас, мусаддас ва дигар навъҳои анъанавии шеъри тоҷикӣ монандӣ дорад, наметавонад ҷойгузини онҳо бошад. Муҳаққиқи афғонистонӣ Накҳати Саидӣ мустазод, мусаммат ва «чаҳорпора»-ро аз шаклҳои маъмулгаштаи шеъри муосири Афғонистон донистааст [107, с. 124].

Яке аз навовариҳои шакли чаҳорпораи Аскар Ҳаким, ки дар ашъори шоирони дигар ба нудрат ёфт мешавад, ҳамонест, ки аз 10 байт, се банд иборат буда, ду банди аввал чормисраъгӣ ва банди охир аз ду мисраъ (як байт)-и хулоса иборат мебошад. Қофиябандии ду банди аввали чунин чаҳорпораҳои Аскар Ҳаким ба шакли абаб, банди сеюм дар шакли маснавӣ аа мебошад. Дар ҷилди аввали «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким 18 адад чунин намунаи ашъор ҷой дода шудааст.

Муҳаққиқон бар онанд, ки дар истифодаи вазнҳои гуногун ба Аскар Ҳаким «беш аз ҳама таҷрибиёти шоир дар қолаби чаҳорпора кумак расондааст» [62, с. 252]. Махсусияти аввалини мазмунии ин чаҳорпораҳо аз он иборат аст, ки аксари онҳо хусусияти иҷтимоӣ, панду ахлоқӣ дошта, аз ҷумла, дар ҷилди аввал танҳо дутои он ба лирикаи ишқӣ ихтисос ёфтааст. Мисраи аввал, мавзуъ ва

тарзи ҷойгиршавии онҳо дар силсилаҳои ашъори ҷилдҳои I ва II «Маҷмуи осор» ба чунин тартиб аст:

Ҷадвали 3. Таснифи мавзуӣ ва ҷойгиршавии чаҳорпораҳои мунтахаби Аскар Ҳаким дар силсилаҳои ашъори ҷилдҳои I ва II «Маҷмуаи осор»

№	Мисраи аввал	Мавзуъ	Ҷилд, силсилаи ашъор, сол, саҳифа
1	Яке гӯяд, ки асри мо ҷавон аст	Иҷтимоӣ	I, «Раҳнавард», 1983, с. 85
2	Ин бод магар ки дар ситез аст	Тасвирӣ	--- с. 85
3	Шавам аз нашъаи лабҳои ту маст	Ишқӣ	--- с. 86
4	Нест беҳ аз ишқу вафо матлабе	Ишқӣ	--- с. 86
5	Буд умедам, ки мекунӣ обод	Ахлоқӣ	--- с. 87
6	Агарчи дасти оҳангар дурушт аст	Ахлоқӣ	--- с. 87
7	Ба бад анҷомад айёми бадоғоз	Ахлоқӣ	--- с. 88
8	Зи пасте сохт бояд марди воло	Иҷтимоӣ	--- с. 88
9	Гарчи шаб аз шуълаи маҳ равшан аст	Ахлоқӣ	--- с. 89
10	Ҳар пагоҳӣ тифлаке дар саҳни боғ	Ахлоқӣ	--- с. 89
11	Яке гӯяд аз партови фабрик	Ахлоқӣ	--- с. 90
12	Ба пойи ҳамлавар бозингари бад	Фалсафӣ	--- с. 90
13	Парешон мекунад шаббода имшаб	Ахлоқӣ	--- с. 91
14	Намедонад гаҳе фарзанди одам	Панду насиҳатӣ	--- с. 91
15	Нест ҳаргиз з-ин ҷазои сахттар	Фахрия	--- с. 92
16	Шамъ ҳаргиз набувад беҳ зи чароғ	Панду насиҳатӣ	--- с. 92
17	Ба қавли мардуми мо ҷома ҳар гоҳ	Панду насиҳатӣ	--- с. 93
18	Ҳар тараф гар рӯй орад офтоб	Панду насиҳатӣ	I, «Тарозуи офтоб», 1983-1987, с. 125
19	Билети рафту омад	Фалсафӣ	I, «Санги ман – алмос», 2002-2006, с. 275
20	Лутфи ширин	Ишқӣ-тасвирӣ	--- с. 290

Махсусияти муҳимтарини мазмунии ин чаҳорпораҳо аз он иборат аст, ки ду банди аввал мазмун ва ҳадафро ифода карда, банд ё байти сеюми думисраъгӣ хулосаи шеърро баён месозад. Ин банди охир, ки аз як байт иборат аст, аз ҷиҳати мазмун ба мақол, панду ҳикмат монанд буда, хулосаи шеър мебошад. «Шоир ҳамеша мекӯшад ба воситаи шеъраш ба хонанда паёме аз бозёфтҳои илмӣ бирасонад» [74, с. 269]. Ва ин бозёфтҳои илмӣ навовариҳои ӯ дар сохтору мазмуни шеър мебошанд.

Намунаи чунин байтҳои ҷамъбастии ин шеърҳо, ки ба масал монанданд, зиёданд: «Ҳар куҷое хароба бошад агар, // Чист лозим харобаи дигар?!» [12, с. 87].

Чунин шакли шеърӣ дар «Тарозуи офтоб» як адад ва дар силсилаи ашъори «Санги ман – алмос» ду адад дида шуданд, ки мавзуашон фалсафӣ ва тасвирист.

Қисмати бештари чаҳорпораҳои шоирро шакли анъанавии он ташкил медиҳад, ки аз бандҳои чормисраъгӣ иборат буда, бештарашон хусусияти ишқӣ, фалсафӣ, ҳикматомез ва ирфонӣ доранд ва баъзан ба ҳам омезиш ёфтаанд.

Чунончи дар банди аввали яке аз ин гуна шеърҳо, ки соли гузашта дар саҳифаи фейсбукии шоир нашр шуда буд, мазмуни ишқӣ бартарӣ дошта, сипас, бо хусусияти ирфонӣ омезиш меёбад ва масъалаи «ҳафт осмон» матраҳ мешавад. Шеър аз шаш банд иборат буда, ҳар мисрааш ёздаҳҳиҷоӣ ва дар вазни дубайтӣ – ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур), мафоъилун / мафоъилун / мафоъил суруда шудааст. Он мусаммати мураббаъ аст. Дар охири ҳар банд мисраи чорум – «Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам» такрор шуда, шеър вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф – мафоъилун / мафоъилун / фаӯлунро мегирад. Мазмуни шеър ин аст, ки дурии роҳ ошиқ ва маъшуқро водор карда, ки бо бегонагон ошноӣ кунанд, аммо дар айни замон, онҳо ба ҳамдигар ниёзманд мебошанд: «Ман аз талхӣ бибӯсам дигареро, // Ту дар бар мекашӣ нодилбареро, // Надида ин ду ҳамдил ҳамсариро, // Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам» [172].

Дар чаҳорпораи «Атри муҳаббат» муносибати байни ишқ ва табиат, яъне, ҳаёти воқеӣ инъикос ёфтааст. Ҳарчанд муҳаббат мавзуи асосии он аст, тадриҷан бо ирфон ва ҳикмат мепайвандад, бо васфи муҳаббати воқеӣ оғоз шуда, ба фалсафии муҳаббат табдил меёбад.

Шоир дар чаҳорпораҳо баъзан аз рукнҳои кутоҳ кор гирифтааст. Аз ҷумла, вазни шеъри зер рачази мураббаи музол (мустафъилун / мустафъилон) мебошад:

Дунё даме якранг нест
Дар ҳини якрангии хеш.
Ором ҳатто санг нест
Дар пинаки сангии хеш.

Дар чаҳорпораҳои дорои чунин шакл, ки аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта расм шуд, бештар қофияи абвб истифода мешавад. Шеърҳои «То нафас боқист моро...», «Баландӣ», «Сангҳои гирён» аз ҷумлаи онҳоанд. Қофияи чаҳорпораи «Шитоб» шакли ааба-ро дорад. Оғози он мазмуни шеъри Лоиқро дошта бошад ҳам: «Рӯзҳо бошитоб мегузаранд,// Бо гуноҳу савоб мегузаранд» [12, с. 48], ҳадафи Аскар Ҳаким дигар аст – ӯ аз шитоби беҳудаю саросемагӣ изҳори норизоӣ кардааст.

Чаҳорпораҳои «Сангҳои гирён», «Номбардори Ватан», «Мурғакони сафарӣ», «Уқоб» ва ғайра аз шеърҳои давраи аввали ватандӯстонаи шоир ба ҳисоб мераванд. Дар чаҳорпораи «Ҳар саҳар хуршеди дунёдидаи деринарӯз» мавзуи бо гузашта пайванд будани инсон матраҳ шудааст. Дар он тавассути калимаҳои роиҷи имрӯз – «эстрад», «ҷаз», «кафе», «ресторан», «ҷинсипӯш»... [12, с. 49] алоқамандии имрӯзу дирӯз барқарор гардидааст.

Чаҳорпораи «Гар фитад сояи замин бар моҳ» мазмун ва образҳои навро дорост. Зимни тасвири ҳодисаҳои табии афтидани сояи замин бар моҳ ва сояи моҳ бар офтоб саволҳо ва тазодҳое ба миён гузошта мешаванд, ки як навъ навоваронаанд, аз ҷумла, чаро сояи яке бар дигаре афтад, чеҳраи дигарӣ месӯзад? Чаро байни ин се ҷирми осмонӣ офтоб бузургтарин аст, аммо соя надорад? Ҳамчунин, кори маҳтоб «тааҷҷубовар» аст, ки шуъларо аз офтоб мегирад, аммо боз бар вай соя меандозад. Ҳадафи шоир ба шакли танз шогирдест, ки аз устод дониш меомӯзаду баъди чанде ӯро ба ҳошия меронад.

Аскар Ҳаким дар солҳои баъдӣ, махсусан, аз даҳсолаи 80-уми асри XX бештар ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиву фалсафӣ рӯй овард. Чаҳорпора ва шеърҳои дигари шоир ҳикматомез буда, мувофиқ ба равандҳои иҷтимоии замон мебошанд. Масалан, дар чаҳорпораи «Он кӣ меравад...» масъалаи зуд гузаштани вақт, зоеъ нагузаронидани он ба миён гузошта шудааст. Ин шеърҳо дар зоҳир сода намоянд ҳам, дар асл маънии амиқ, ҷанбаҳои ирфонӣ, ҳикмати зиндагӣ ва панду ахлоқӣ доранд.

Шоир дар шеъри «Ду ташналаб» бо истифода аз санъатҳои тасвирӣ, табиат ва инсонро ба ҳам пайванд додааст. Мисли он ки гулу об, боди саҳар ва барги

сабз дар паҳлуи ишқ ба тасвири эҳсосоти инсони ошиқу дилбаста мубаддал мешаванд, ташнагии лабон на танҳо ташнагии об, балки ташнагии дидор ва муҳаббат низ ҳаст. Ин тасвир дар фазои ошиқонае сурат мегирад, ки табиат ҳамдарди ошиқ аст ва баробари инсон рафтор мекунад.

Агар дар давраи аввали фаъолияти эҷодӣ Аскар Ҳаким ба мавзуи ишқу муҳаббат камтар таваҷҷуҳ дошта бошад, ба назар мерасад, ки дар давраи дуюми эҷодӣ – камолоти зиндагӣ, ин мавзуъ дар ашъори ӯ, пеш аз ҳама, дар ғазал, чаҳорпора ва дубайтиҳо мақоми бештар пайдо мекунад.

Бояд гуфт, ки дар ҷилди дуюми «Маҷмуаи осор» аз ҳама бештар жанрҳои дубайтӣ (516 адад), рубоӣ (756 адад) ва 29 байт ҷой дода шудаанд.

Дубайтиҳо агар дар назми классикии тоҷик хусусияти ирфонӣ ва ошиқона дошта бошанд, дар ашъори Аскар Ҳаким мазмунҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, панду насиҳатӣ касб кардаанд. Шоир дубайтиро на ҳамчун як навъ шеъри сода, балки ҳамчун забони кутоҳи фикру андеша ва таҷрибаи зиндагӣ истифода мебарад.

Андешае мавҷуд аст, ки шоирони бузург, ба истиснои чанде аз шоирони сӯфӣ, чун Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаъиди Абулхайр, Фаридуддини Аттор, Мавлонои Балхӣ кам дубайтӣ месароиданд. Дар ин бора О. Шакурзода навиштааст: «Дубайтӣ суханест, ки шоирон аз гуфтани он мепарҳезанд» [172]. Сабаби ин шояд дар он бошад, ки бисёр шоирон дубайтиро моли мардуми одӣ медонистанд.

«Дубайтӣ жанри лирикие мебошад, ки барои ифодаи эҳсосоти қалбию андешаҳои қаҳрамони лирикӣ эҷод мешавад ва ҳамагӣ як вазни анъанавӣ дорад» [83, с. 160]. Дубайтӣ одатан шеъри ёздаҳҳиҷоӣ буда, бештар дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) – мафоъилун / мафоъилун / фаъулун (ё мафоъил) (v - - - / v - - - / v - -) гуфта мешавад, қофиябандиаш одатан ба шакли ааба мебошад. Дар қолаби ин вазн маснавӣ, ғазал ва қитъа низ месароянд. Аз шоирони асрҳои охир дар дубайтисароӣ Иқболи Лоҳурӣ пешсаф буд ва шумори дубайтиҳояш зиёд аст.

Дар дубайтиҳои Аскар Ҳаким бештар қофияи ааба, баъзан шаклҳои аааа, абвб вомехӯранд. Яке аз намунаҳои барҷастаи дубайтии шоир «Ба устод Рӯдакӣ» ном дорад. Дар он шоир бо як самимият ба устод Рӯдакӣ эҳтиром ва ихлоси худро изҳор кардааст: «Надидам шеър аз шеърат равонтар, // На оҳуе зи оҳуят давонтар. // Ҳазору чанд сол аз мо ту пирӣ, // Ба шеъри худ, вале аз мо ҷавонтар» [13, с. 146].

Тавассути алоқамандии руҳиву маънавӣ миёни шоири муосир ва устод Рӯдакӣ анъанаи эҳтироми устодиву шогирдӣ риоя шудааст.

Дар дубайтиҳои Аскар Ҳаким идомаи анъанаи дубайтисароии сӯфиёнаи адабиёти классикӣ маъниҳои ирфонӣ низ ба чашм мерасанд. Фарқ танҳо дар он аст, ки Аскар Ҳаким ирфонро бо рӯзгори муосир ва мушкилоти иҷтимоӣ пайванд сохта, ба он мазмуни воқеӣ ва ҷадид илова кардааст.

Дар дубайтие шоир инсонро ба хомӯшӣ ва худдорӣ аз гуфтани асрори дил даъват кардааст, ки низ ба анъанаи ҳикматомези шеъри классикии тоҷик иртибот дорад. Бо назардошти панди устод Рӯдакӣ «Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ», ӯ дар дубайтие бар он аст, ки дар ҷаҳони ҳавасбоз ва гирудорҳои зиёд инсон бояд тавони идораи худ ва нигоҳ доштани асрори дилро дошта бошад:

Нашояд дарди дил бар ину он гуфт,
Зи ранҷи дӯстон бар душманон гуфт.
Сареро, ки кафида чун анор аст,
Вале дар зери тоқӣ метавон гуфт?! [13, с. 106].

Дубайтӣ аз рӯйи анъана шеъри кутоҳ ва пурмазмунест, ки эҳсос ё воқеа бояд дар авҷи тасвир пешниҳод гардад. Яъне, «хусусияти услубии дубайтӣ талаб дорад, ки воқеа, ҳиссиёт дар ҳолати низоъ, кулминатсияаш ба қалам дода шавад» [147, с. 67]. Як сабаби ба гуфтори халқӣ наздик будани дубайтӣ ҳамин буда метавонад. Дубайтиҳои Аскар Ҳаким, ҳарчанд ба ашъори шоирони куҳани дубайтисаро монандӣ дорад, баъзеашон аз лиҳози содагӣ, оҳангнокӣ ва равонӣ ба дубайтиҳои халқӣ наздик мебошад:

Дилам ҷуз ишқи ту ҳарфе нагӯяд,

Раҳе ҷуз роҳи ишқ асло напӯяд.

Чу умре ошиқам бар лоларӯён,

Зи хокам баъди мурдан лола рӯяд [13, с. 119].

Мавзуи ахлоқ, панду насиҳат хоси дубайтӣ набошад ҳам, дар чунин ашъори Аскар Ҳаким мисраъҳое дида мешаванд, ки дорои андешаҳои ахлоқиву ҳикматомезанд: «Ба неке бад бигӯй, мешавад бад» [13, с. 136]; «Кунун чашме даруни хеш бикшо» [13, с. 88]; «Агар ҳар зоғ шод аз боғ будаст, // Чӣ боғе дар фироқи зоғ будаст» [13, с. 99]; «Зи ман хоҳанд ҳарфе, гар бигӯям, // Магар дорад, ки ёрои шунидан?!» [13, с. 175]. Баъзан тавонистааст мавзуи хоси рубоӣ – иҷтимоӣ ва фалсафиро дар қолаби дубайтӣ дароварад.

Мавзуи ишқ дар дубайтиҳои Аскар Ҳаким чун дар дубайтиҳои халқӣ ишқи табиӣ, заминӣ мебошад, ки дур аз ишқи ирфонӣ ва рамзии тасаввуфӣ аст. Ӯ ба ишқ ҳамчун эҳсоси поки инсониву зиндагиофар ва нерубахши ботини инсон менигарад. Дар бисёр дубайтиҳо, аз ҷумла «Ранҷиши бӯса» мазмуни як дубайтии халқӣ, аз тасвир, калима ва ифодаҳои замонавӣ истифода шудааст: «Дар ин дам ки мусоид гашт пайте, // Ба номи ту кушодам боз **сайте,** // Ба сад дафтар нагунҷад ҳарфи ишқат, // Чӣ сон гунҷонамаш дар як-ду байте?!» [13, с. 205].

Чунин услуб дар назми тоҷик анъанаи қадима дорад. Аз ҷумла, дар ашъор ва яке аз маснавиҳои шоири нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX Тошхоҷа Асирӣ фаровон дида мешавад:

Ба болояш пуле аз оҳан иншо,

Ба услуби **синооти** Урупо.

Лабу таҳташ ҳама аз сангу **семин,**

Мураттаб гашта ҳамчун кӯҳи сангин [134, с. 17].

Ин баёнгари он аст, ки шоирон метавонанд дар жанрҳои гуногуни суннатӣ, аз ҷумла, дубайтӣ ва маснавӣ калимаву ифодаҳои муосирро ба кор бурда, ба шеър оҳанги воқеӣ бахшанд.

Аскар Ҳакимро дар адабиёти муосири тоҷик метавон яке аз устодони жанри **рубоӣ** донист. Хизмати ӯ дар идома бахшидани анъанаи рубоисароии

классикони адабиёти тоҷик шоистаи таҳсин аст. «Аскар Ҳаким шоири тавонои рубоисарост» [92, с. 408]. Бештари рубоиҳои Аскар Ҳаким (756 адад) дар қисмати «Чамани ишқу андеша»-и ҷилди дуюми «Маҷмуаи осор» ҷой дода шудаанд. Аммо теъдоди рубоиҳои бачопрасидаи шоир дар нашрияҳои гуногун ва саҳифаҳои интернетӣ аз ҳазор адад зиёд буда метавонад. Чун дубайтӣ аксари рубоиҳои Аскар Ҳаким бо сарлавҳа мебошанд. Ин анъана, ки дар ашъори баъзе шоирони имрӯз дида мешавад, бар таъкиди мавзуи шеър меафзояд.

Дар бораи махсусият, шакл, мазмуну мундариҷаи жанри рубоӣ донишмандон: Шамс Қайси Розӣ [106], Т. Зеҳнӣ [55], Р. Мусулмониён [83], Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифзода, У. Тоиров [123; 124; 126; 127] ва дигарон изҳори назар кардаанд. Шамс Қайси Розӣ (охири асри XII – аввали асри XIII) дар «Ал-муъҷам фӣ маъойирил- ашъор-ил-аҷам» Рӯдакиро аввалин шоире дониста, ки рубоӣ сурудааст [106]. Муҳаққиқон бар онанд, ки рубоӣ хоси тоҷикон буда, «тақрибан ҳамаи шоирони ҳавзаи форсизабон каму беш аз он барои баёни эҳсоси ошиқона, ғаму андуҳ, шодию хушгузаронӣ ва ё изҳори андешаҳои орифонаву ҳакимона истифода кардаанд» [102, с. 7]. Собит гардида, ки арабҳо танҳо дар асрҳои миёна ба гуфтани чунин шеър шуруъ кардаанд: «Дар замони қадим ба ин вазн шоирони тозӣ нагуфтанд» [111, с. 105].

Дар мавриди чигунагии вазни рубоӣ афкори гуногун мавҷуданд. Аз ҷумла, «Парвиз Нотили Хонларӣ иштиқоқи вазни рубоиро аз музоҳафоти баҳри хазаҷ рад мекунад ва даъво дорад, ки ин ба таври қатъӣ як вазни маълуми халқӣ буда, ниҳоятдараҷа мувофиқ омадани он бо вазни ҳазаҷ ҳодисаи тасодуфист» [55, с. 348]. Ҳамин тавр, асоси пайдоиши рубоиро монанди дубайтӣ донишмандони маъруф халқӣ медонанд, ки як далелаш гуногунвазн будани он аст.

Рубоӣ дар авзони гуногуни ҳазаҷ гуфта мешавад ва рукнҳояш ҳаштоанд [55, с. 347]. Рукнҳои охирон кутоҳ – як, ду ё сеҳиҷоӣ мебошанд.

Дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ (солҳои 60-70-уми асри XX) муҳаққиқон, аз ҷумла, М. Шакурӣ аз кам гаштани рубоӣ изҳори ташвиш карда буд [147, с. 62]. Баъди ин чандин маҷмуаи рубоиёт ба табъ расид. Махсусан, баъди солҳои 80-уми қарни XX Л. Шералӣ, Гулназар, С. Маъмур бештар рубоӣ

ва дубайтӣ сароиданд. Дар даврони Истиқлоли кишвар дар ашъори Аскар Ҳаким ин жанр хеле равнақ ёфт. Сабаби инро муҳаққиқ А. Сатторзода ба шароити иҷтимоии давр вобаста донистааст: «Равнақи беандоза ва ҳамагонӣ шудани анъанаи рубоӣ ва дубайтигӯӣ дар ашъори шоирони муосири тоҷик ва майли онҳо ба гуфтани ғазалу қитъа барин навъҳои маъмули шеъри классикӣ низ дар навбати аввал аз тақозои объективии зиндагии имрӯза ва завқи бадеии давр сар задааст» [116, с. 65].

Ба рубоӣ, чунин жанри ғиноӣ рӯй овардани Аскар Ҳаким бесабаб нест. Ҳар як инсони баркамол ва рӯзгордида табиист, ки ба шеъри ҳикматомез майл мекунад. Ин ҷо фарқияти мавзуии рубоиҳои Аскар Ҳакимро аз шоирони дигар ҳам қайд кардан бамаврид аст. Агар мавзуи асосии ашъори хурди Лоиқ ишқ бошад, Аскар Ҳаким ба фалсафа, панду ахлоқ таваҷҷуҳ дорад.

Дар мавриди рубоиҳои Аскар Ҳаким нисбат ба ашъори дигараш бештар таҳқиқот анҷом дода шудааст. Оид ба хусусиятҳои шаклӣ ва мавзую мундариҷаи онҳо муҳаққиқон М. Неъматзода [92], А. Сатторзода [117], А. Шеърдӯст [156, с. 284-301], шоирон Гулназар, К. Насрулло изҳори андеша кардаанд. Ҳама бар онанд, ки рубоиҳои Аскар Ҳаким «маънии фалсафӣ доранд» [92, с. 408]. Таҳқиқи мо нишон дод, ки рубоиҳои Аскар Ҳаким ба ғайр аз фалсафа дар мавзуъҳои иҷтимоӣ ва панду ҳикмат низ гуфта шудаанд.

Ба қавли муҳаққиқи эронӣ А. Шеърдӯст дар рубоиёти Аскар Ҳаким «масоили иҷтимоӣ ва ишқӣ ва дидгоҳҳои ҳакимонаву олимона» ба назар мерасанд [162, с. 301]. Ба таҳқиқи Б. Раҳимзода аз кулли рубоиҳои дар ҷилди дуюми «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким ҷойдодашуда танҳо 5 рубоӣ дар шакли тарона буда, боқимонда дар қолаби қофиябандии ааба эҷод шудаанд [97, с. 136].

Гуфтан мумкин аст, ки як қатор рубоиҳои Аскар Ҳаким аз ҷиҳати сохт, мазмун ва муҳтаво хайёмонаанд. Муҳаққиқ М. Неъматзода баъзе аз онҳоро «ҳамрадифи рубоиҳои Хайём» донистааст. Ҷунончи, ин фармудаи Хайём дар рубоии Аскар Ҳаким ба шакли наву зебо ифода ёфтааст: «Дирӯз гузашту нест

дигар дархӯр, // Фардо нарасидат, ғами фардот махӯр. // То риштаи умрат ба абад пайвандад, // Худро зи ҳамин рӯзи Худо ҳеҷ мабур» [13, с. 324].

Чунин хусусиятро дар рубоиҳои шоир А. Шеърдӯст мушоҳида карда, баробари ин, зикр намудааст, ки бисёр рубоиҳои шоир «айни хайёмона» бошанд ҳам, «вежагӣ ва истиқлоли худро доранд» [162, с. 301].

Дар баъзе рубоиҳои Аскар Ҳаким номи шоирон низ зикр шудааст. Дар яке аз чунин рубоиҳо бо иқтибос аз Хайём мушкилоти иҷтимоӣ ва маънавии имрӯз тасвир ёфтааст:

Ин гуфтаи Хайём ба ёди киву чист:
«Он кас, ки гунаҳ накард»,-а бошад, - «чун зист?»
Гӯям зи гунаҳ гурез хуб асту вале,
Бо пургунаҳон гунаҳ накардан покист [172].

Ҳамин тавр, бисёр рубоиҳои Аскар Ҳаким аз ҷиҳати сабку услуб, забон, равонӣ, маънӣ ба беҳтарин рубоиҳои классикӣ ҳамнаво мебошанд. Ҳарчанд монандии рубоиҳои Аскар Ҳакимро бо рубоиҳои классикон муҳаққиқон М. Неъматзода [92], А. Сатторзода [117], А. Шеърдӯст [162], шоирон Гулназар [48] ва К. Насрулло [172] ишора кардаанд, бояд дар назар дошт, ки рубоиҳои Аскар Ҳаким мутобиқ ба вазъ ва махсусиятҳои рӯзгор, муҳити иҷтимоии муосир эҷод шудаанд. Бинобар ин, рубоиҳои Аскар Ҳакимро на танҳо идомабахши анъана, балки дорои ҷанбаҳои навоварона донистан мумкин аст. Онҳо бо илҳом аз рубоиёти Хайём ба вуҷуд омада бошанд ҳам, забону фаҳмишу дарки мардуми муосир барои ифодаи паёмҳои иҷтимоӣ ва ҳикматомез дар онҳо мавқеи асосӣ доранд. Дуруст аст, ки рубоии шоир «хайёмона» аст, аммо, ҳамзамон хусусият ва истиқлоли услубии хоси имрӯзии худро нигоҳ доштааст. Шоир ба ин васила анъанаи рубоисароиро идома бахшида, онро бо мазмуну маъноҳои нав такмил медиҳад.

Қисми зиёди рубоиҳои солҳои охир сурудаи шоир мазмуни фалсафӣ дорад. Дар онҳо шоир бо такя ба мероси гузаштагон, ба ирфон ва муаммои офариниши одам рӯй овардааст. Чунончи, дар рубоии «Маънои даҳр» аз фалсафаи зиндагӣ сухан меравад:

Ҳар қадр, ки аз даҳр бичӯстам маъно,
Маънои дигар нашуд ҷуз инам пайдо:
Даҳр аст агарчи як маҳалли равуо,
Ё ҳеч аз он марав ту, ё ҳеч маё! [13, с. 221]

Ин рубоӣ тағйирпазирӣ ва ноустувории воқеиятро файласуфона ва то андозае танзомез тасвир кардааст. Бо таъсири вазъи ноустувор ва бекадрии худ инсон ба шубҳа афтодааст.

Рубоиҳои Аскар Ҳаким ба мероси классикон наздик бошад ҳам, аз рӯйи мазмуну мундариҷа, тарзи масъалагузорӣ ва ҳалли онҳо ба таҳаввулоти замони муосир мутобиқ мебошанд.

Муқоисаи рубоиҳои ирфонии классикон ва шоирони муосири тоҷик чун Лоиқ Шералӣ, Гулназар ва Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки фарқияти онҳо асосан дар гузориши масъала аст. Рубоиҳои шоирони муосир мутобиқ ба мавзуъҳои асосии иҷтимоӣ, маънавӣ ва маърифатии имрӯз офарида шудаанд. Вобаста ба ин, яке аз мавзуъҳои муҳимми рубоиҳои солҳои охири Аскар Ҳаким дарёфти маънии зиндагӣ мебошад. Шоир дар яке аз онҳо зиндагиро саҳнаи «мазҳакаву фоҷиа» номидааст [172]. Таҷриба шоирро ба ин хулоса оварда: «Маънии ҳаёт агарчи ҳам бедорист, // Бисёри башар хуфтаи ноҳушёрист. // Бо чашми хирад агар ҷаҳон мебинӣ, // Ин даҳр ба аблаҳону аблаҳкорист» [172].

Хулқу атвори одамон, зиддияти доимии байни онҳо тасвир гашта, ба таври мусолиҳатомез ҳал кардани онҳо таъкид гардидааст:

Дунё, ки набуда моли бобои касе,
Нагрифт дар он ҳеч касе ҷойи касе,
Аз дасти касе гирифтанат инсонист,
На ҳамчу саге гирифтан аз пойи касе [172].

Рубоиҳои иҷтимоӣ ва фалсафӣ қисмати назарраси чунин ашъори шоирро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, онҳо яке аз намунаҳои олии шеъри иҷтимоии имрӯз буда метавонанд. Вақтҳои охир ахлоқи мардум коста гардид, одамон аз фиребу дуздӣ, гадоӣ шарм намекунанд. Шоир барои ҳифзи худ аз ин «даҳри дурӯя» эҳтиёти ҳар касро ба дасти худ месупорад: «Ҳушёр, ки ҳифзи ту ба

дасти худи туст!» [172]. Рубоиҳои «Фарқ», «Шарафи ҳақ», «Иқрор», «Хонӣ-донӣ», «Реша», «Кори ишқ», «Оини зиндагӣ», «Ҳарфи зарур», «Таслим мабод!», «...Дастат бибуранд», «Абзори бадӣ» ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Зикр мешавад, ки «мардум ҳама ҷо дарбадаранд», аммо агар ту дасти мадад дароз кунӣ, «дастат бибуранд» [172]. Сабаби ҳамаи инро шоир аз офариниш то ба имрӯз ба сиришти инсонӣ вобаста донистааст, ки аз азал дар он хислати шайтонӣ ҷой доштааст:

Донам, ки дар эҷоди Худои ҷаббор,
Фарқ аст аз Иблис то Одам бисёр.
Як бор агар фирефт моро Иблис,
Одам кунадат фиреб рӯзе сад бор [172].

Ҳарчанд, шоир чун дар ашъори дигараш бар он аст, ки «хубиву бадӣ» ҳамеша паҳлуи ҳам ҷой гирифтаанд, аз Одамизод дархост намуда, ки беҳтараш роҳ ба сӯйи некӣ гирад: «Кас нест, ки як хислати бад нест варо, // Ҳам нест касе, ки хубие ӯро нест» [172].

Хуллас, аксари рубоиҳои дар солҳои охир сароидаи шоир ба муаммои ҳаёти инсон бахшида шудаанд ва аз дарду доғи он меноланд ва мешӯранд: «Инсон ба ҷаҳон аст чу моҳӣ дар шаст, // Дар банд ҳаме тапону мехоҳад раст» [172]. Шоир роҳи дигар кардани зиндагиро на аз ҷомеаву сиёсати даҳр, балки аз рафтору кирдори кас вобаста донистааст, аз ҷумла, дар рубоиҳои «Як зарра...» ва «Ғаму шодӣ»: «Дар қудрати мо нест дигар кардани даҳр, // Ҷуз он ки ба як зарра дигар кардани хеш»; «Озодӣ, агар зи ҳирсу оз озодӣ, // Дар бодияи умр в-арна барбодӣ» [172]. Хулосаҳои шоир як навъ бардошти ӯ аз зиндагист. «Гоҳо шоир ба сифати хирадманди ҳикматпарваре аз воқеияти зиндагӣ пандҳои судманде берун меорад ва бо шевае оливу хотирнишин онро ироа медорад» [112, с. 209]. Дар ин маврид рубоии зер, ки аз аҳаммияти баланди худшиносӣ бархурдор аст, намуна буда метавонад; он имрӯз вирди забонҳо гаштааст:

«Аз миллату аз забони худ ёд кунед,
Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.
То тифли шумо ба тоҷикӣ ҳарф занад,

Дунёи варо тоҷикӣ обод кунед» [13, с. 295].

Дар як қатор рубоиҳои солҳои охир масъалаҳои мушкилот, муаммои зиндагӣ, сабаби ба ҳаёт омадани одам ва рисолати ӯ, нақши шахсияти ғиноӣ дар дунё ба миён бардошта шудаанд. Мушкилот ва муаммои зиндагӣ мавзуи асосии чунин рубоиҳоянд: «Ҳолост агар сарат таҳи боли Ҳумо, // Ё ҷабр кунад душмани ту дӯстнамо. // Аз ғуссаи ночиз машав фарши замин, // В-аз шодии беҳуда марав арши само» [172]. Аз баъзе рубоиҳои индавра оҳанги руҳафтодагӣ ва дур кашидани худ аз мушкилоти зиндагӣ ба гӯш мерасад:

Ҳайфо, ки низоми даҳр рафтаст зи даст,
Даъво шунавад кунун баланде аз паст.
Аз ҳар таги девор ғурунгад соя,
Ин ӯст, ки офтобро овардаст [172].

Ба андешаи Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар, як хусусияти шеъри Аскар Ҳаким, ки дар ашъори шоирони дигар кам ба назар мерасад, ин аст, ки бисёр вақт мекӯшад тавассути шеър ба хонанда хабаре расонад; ҳадафи шоир аз чунин шеърҳо таҷрибаҳои илмиро барои тақвияти ин ё он андеша овардан аст. Ин ҳолат бар зиёни кор буда метавонад, зеро шоир комёб намешавад. «Таваҷҷуҳи ӯ зиёда ба баёни ахбор сарф мешавад ва равониву зебоии шеър ба мадди дувум мегузарад» [48, с. 269].

Солҳои охир Аскар Ҳаким бештар ба масъалаҳои офариниши одам, мушкилоти зиндагӣ, хуш гузаронидани вақт таваҷҷуҳ намудааст, аз ҷумла, дар рубоии «Гузари вақт»:

Одам, ки бишуд зода ба ҳар давру замон,
Шуд туъмаи дарду офату тиру камон.
Рӯзе бираҳад шояд аз ин дарду бало,
Лек аз гузари вақт чӣ сон ёбад амон?! [172]

Дар баъзе рубоиҳои шоир мазмун ё худи масалҳои халқӣ истифода шудаанд; дар баъзеи онҳо мисраъҳои охир «мисли зарбулмасал садо медиҳанд» [172]. Дар чунин масалҳо масъалаҳои фалсафӣ ва мушкилоти зиндагӣ ба миён

оварда шудаанд. Аскар Ҳаким, ба қавли К. Насрулло дар чунин рубоиҳо «метавонад андешаҳои ҳикматомезро шоирона баён кунад» [172].

Дар ин гуна рубоиҳо шоир умед аз хуширо ҳамеша мадди назар дорад; хушгузаронии вақтро зарур мешуморад: «То як нафасат ба зиндагӣ имкон аст, // Шодона бизӣ, ки зиндагонӣ он аст. // Умри абади нася магӯ, ҳоло бош, // К-ин як дами ту ҳадяи ҷовидон аст» [172].

Хусусияти назарраси шаклӣ ва мазмунии рубоиҳои Аскар Ҳаким ин аст, ки онҳо сарлавҳа дошта, илова бар ин, аксари сарлавҳаҳо аз вежагии истиоравӣ бархурдоранд, яъне, муайянкунандаи ибора маънои абстракт (мавҳум)-ро дорад, аз ҷумла, дар рубоиҳои солҳои охир: «Шарафи ҳақ», «Хонӣ – донӣ», «Кори ишқ», «Фикри маъно», «Муъҷизаи муъҷиза», «Мағзу дил», «Тавсани ноором», «Ҷойи ҷону дил», «Рӯ ба сафҳаи дил», «Иллати итоат» ва ғайра.

Дар як қатор рубоиҳо номи қаҳрамонҳои устуравӣ, динӣ, мазҳабӣ ва халқӣ зикр мешавад. Чунончи, бо зикри Иблис хурофотпарастии баъзе одамон аз рафтори ӯ бадтар дониста шудааст:

«Сад бор бигуфтаму бигӯям такрор,
Ҳарфе ба туи рӯйи замин, гӯшам дор!
Оне, ки хурофа оварад бар ману ту,
Душмантар аз Иблис бувад садҳо бор» [172].

Дар рубоии «Аз номи Худо» чеҳраи мардуми ифротӣ возеҳ тасвир шудааст: «Сарчашмаи ҳастӣ, ки дар аввал зи садост, // Оне, ки садо дод, зи ҳар суд ҷудост. // Ҳар ҳарф, ки аз ҳазор кешу дин аст, // Фанд асту фиреби башар аз номи Худост» [172]. Сухани шоир дар ҳаққи одамони бадкирдор сӯзандаву созанда аст. Ӯ норасоиҳои онҳоро ошкор намуда, роҳи ислоҳ ва беҳбудиро нишон додааст:

То кай сухан аз ишқи дурӯғин гӯед,
Тимсоҳсифат бар сари мӯйе мӯйед?!
Маъшуқ ба як пул шуморо нахарад,
Аз мо вале аҳсанту тасанно ҷӯед?! [172]

Як қатор рубоиёти Аскар Ҳаким аз аҳаммияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ бархурдоранд. Солҳои охир мазмунҳои сиёсӣ ба рубоиҳо ворид гардиданд. Дар онҳо, ҳатто, калимаҳое чун «даҳшатфиканӣ», «бегонапарастӣ», «пиндорхато», «таоруф»... истифода шуда, воқеаҳои байналхалқӣ низ ба миён гузошта мешаванд: «Оне, ки сари ҷони ҳақираш ларзад,// Даҳшатфиканӣ кунад зи тарси дигарон» [172].

Рубоии «Ашрафи ҳастӣ» мазмуни сиёсӣ, хештанпарастӣ ва иҷтимоӣ дорад:

То чанд ба бегонапарастӣ бошем,
Бо асли баланд банди пастӣ бошем?!
Рӯзе, ки раҳем аз парастидани ғайр,
Аз халқи Худо, ашрафи ҳастӣ бошем [172].

Дар шароити имрӯза падидаҳои ифротгароӣ ва терроризм мушкилоти асосӣ маҳсуб мешаванд. Шоир дар рубоии «Танҳо хирад...» мафҳуми «озодӣ»-ро, ки баъзе руҳониёни навбаромад ба тарзи дигар шарҳ медиҳанд, ба «хирад» алоқаманд донистааст:

Побанди ҷаҳолативу дорӣ шодӣ,
Бар ҷони ту нест бад аз ин бедодӣ.
Озодӣ аз унсури дигар пайдо нест,
Танҳо хирад аст, к-орадат озодӣ [172].

Вобаста ба ин, масъалаи дини ислом ва омӯзиши Қуръон низ ба миён гузошта шудааст, ки дар ашъори ӯ ҷузъи муҳимми тарбия ва маънавият маҳсуб меёбад: «Ман хонда каломи Ҳақ ҳама, сад дар сад, // Бар ин амалаш, валек ақлам нарасад, // К-аз одамӣ ӯ чаро чунин душман сохт, // К-инсон ҳоло зи номи инсон тарсад» [172].

Дар мисраи сеюми рубоии боло ба ояи 35 сураи Бақара ишора шуда, ки чаро инсон ба инсон душман мешавад ва аз якдигар меҳаросад.

Шоир солҳои охир калимаи «хирад»-ро зиёд истифода мебарад:

Бар реша назар кун, ки чӣ оварад самар,
Чизе, ки ба шох аст, зи бун дорад асар.

Гӯянд, агарчи боз сад чизи дигар,

Ақл асту хирад, к-аз ҳаявон кард башар [172].

Ба қавли худи шоир, рубоӣ шакли «хеле мувофиқи баёни ҳиссу ҳаяҷони одамӣ ва ифодагари мазмунҳои баланди лирикию фалсафӣ» [92, с. 412] мебошад.

Баъзан, Аскар Ҳаким дар рубоиҳо ба мавзуи ишқу муҳаббат рӯ овардааст: «Эй шохаи гул, баҳори аслӣ моро, // Бо барги лабат хумори васлӣ моро». Ин ҷо тасвир ва таъбирҳои хушк ва обшуста ба назар мерасанд, чун «аслӣ, васлӣ, барги лаб, хандонлаб...» Ин баёнгари он аст, ки вақте шоир ба рубоӣ мазмуни ишқро дохил карданӣ мешавад, он аҳаммият ва шару шури худро гум мекунад.

Шаклҳои хурди шеърро муҳаққиқ М. Неъматзода «намудҳои минётурии назм» номида, қайд кардааст, ки онҳо дар ашъори Аскар Ҳаким зиёд вомехӯранд. Ин намуд ашъор рубоӣ, дубайтӣ, фард, қитъа ва байт мебошанд.

Аз байни онҳо дар ашъори Аскар Ҳаким қитъа зиёд ба назар мерасад. Қитъа ба таъбири Ҳусайн Воизи Кошифӣ «дар луғат пораро гӯянд ва дар истилоҳ миқдоре бошад аз шеър, ки муҷаррад (ҷудо) бувад аз тарсеи матлаъ (ҳамқофия набудани ду мисраи аввал). Ва ӯро қитъа аз он ҷиҳат гӯянд, ки ба нисбати мақосиди мутааддида (зиёд) ва маъонии касира (фаровон), ки дар қасида воқеъ аст, баъзе метавонад аз он ва аксари он ақалли абёти қасида тавонад буд» [127, с. 81]. Қитъаҳоро дар миёни анвои ашъори хурд (минётурӣ) аз ҷиҳати шаклӣ метавон чунин фарқ кард, ки ду мисраи аввали он ҳамқофия нест. Қитъа бо хусусияти содагӣ, равонӣ ва маънии амиқ дар чунин анвои ашъор мавқеи махсус дорад. Дар бораи мазмуну мундариҷаи қитъа гуфтан мумкин аст, ки он панду насиҳатӣ, ирфонӣ, шикоят аз рӯзгор буда метавонад. «Қитъа – чунон жанри лирикиест, ки дар бораи масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, бештар аз ҳама панду насиҳат, ҳодисаҳои таърихӣ, ҳасби ҳол ва ғайра эҷод мешавад» [83, с. 165]. Дар назми имрӯзаи тоҷик, аз ҷумла, дар ашъори Аскар Ҳаким қитъаҳои мазмунҳои пандомез, ахлоқӣ ва иҷтимоидошта зиёданд.

Байтҳои алоҳидаи Аскар Ҳаким низ пурмазмунанд. «Фард – чунон жанри хурди лирикиест, ки ҳамагӣ аз як байт иборат буда, мисраъҳояш гоҳе ҳамқофия

ва гоҳе аз қофия озод мешавад» [83, с. 159]. Дар чанде аз онҳо шоир махсусияти ашъори хешро таъкид кардааст.

Аскар Ҳаким дар шеърҳои шаклан хурд ҳам анъанаҳои суннатии шеъри тоҷикиро идома бахшида, ба он мавзуъҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва фалсафии муосирро ворид кардааст. Бо ин Аскар Ҳаким дар қолаби кутоҳ на танҳо эҳсосу андешаи худро баён менамояд, балки ба фазои андеша ва тафаккури ирфонӣ низ роҳ мекушояд. Чунонки худаш гуфтааст, «аз даричаи хурде ҳам метавон ба олами фарох нигарист», дар шакли кутоҳ ҳам метавон як ҷаҳон маъно ва эҳсосро ҷой дод. Шеъри хурд дар осори ӯ шакли мухтасари баён ва ҳамчун қолаби пурмуҳтаво ва ҳикматбор истифода шудааст, ки дар он шоир эҳсосу андешаи хешро дар як мисраъ ё байт ифода мекунад.

Ғазалҳои Аскар Ҳаким аз ҷиҳати шакл дар вазнҳои гуногун ва аз назари сохт, мазмун ва мундариҷа дар пайравии анъанаҳои пешин суруда шудаанд. Дар маҷмуаи аввалини шоир «Раҳнавард», ки ашъори то соли 1983-ро дар бар мегирад, ҳамагӣ се ғазал ба назар расид, ки дар вазни ҳазаҷи солим суруда шуда, мазмуни панду насиҳатӣ доранд. Фарқи ғазалҳои Аскар Ҳаким аз ғазалҳои шоирони муосир дар он аст, ки чунин шеърҳои ӯ бештар дорои маънои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошанд ва то имрӯз ин равия дар ашъори ӯ идома дорад. Ин аст, ки «гоҳо муҳит перомуни мушкилоти ғайриинтизор, ки бастагӣ ба ҷомеа дорад, қаҳрамони ғиноиро таҳти фишор қарор медиҳад» [118, с. 185]. Дар натиҷа шоир дар ғазали ишқӣ ва тасвирӣ низ ба иҷтимоъ рӯ меорад. Ҳарчанд ба андешаи баъзе муҳаққиқон «мавзуъҳои иҷтимоӣ аслан ба ғазал гароиҳо меоранд» [125, с. 13], ба бисёре аз шоирони тоҷик, ба монанди А. Ҳаким ва М. Қаноат муяссар гашта, ки мавзуи мазкурро ба ғазал ворид созанд. Аз ҷумла, ғазалҳое, ки бо мисраъҳои «Дигар сухан на ба кор ояду суханвар ҳам...» [13, с. 83], «Агар ғазал, ки бигӯйӣ, бигӯ тару тоза...» [13, с. 68] оғоз меёбанд, аз ҳамин қабиланд.

Дар муқоиса мазмунҳои ирфонӣ, ки дар ғазалҳои классикони адабиёти тоҷик мақоми асосӣ доштанд, дар ашъори Аскар Ҳаким чунин ғазалҳо хеле кам ба назар мерасанд. Намунаи мушаххаси он ғазали «Сабри худоӣ» мебошад, ки

дар он шахсияти ғиноӣ ба Худованд муроҷиат мекунад ва дар ҳайрат аст, ки чӣ гуна Ӯ метавонад ба ҳамаи камбудиву гуноҳҳои инсонҳо – «фиребу найранг, дағалу касофату зишт, ҳиллаву дағо...» сабру таҳаммул намояд:

Ки яке ба пули дуздӣ
биравад ба хонаи ту
Дигаре рабуда аз халқ
бикунад ба ту худойӣ» [13, с. 55].

Дар ниҳоят, Худованд хомӯш мемонад ва ба ҷойи Ӯ шахсияти ғиноӣ посух мегӯяд, ки ин як навъ таҳқиқ ва суоли фалсафӣ ба ҳастиву зиндагӣ ба шумор меравад:

Чӣ сабурие ту дорӣ,
ки надорад ҳеҷ банда,
Чӣ тавонамат дигар гуфт,
ки ба асл ту Худойӣ! [13, с. 55].

Назариёти Аскар Ҳаким дар бораи шакл, мазмун ва муҳтавои ғазал навоваронаанд. Ӯ бар он аст, ки агар қаблан ҳар байти ғазал мустақилмаъно буд, ҳоло талабот дигар аст. Дар гузашта, аз ҷумла, Шамси Қайси Розӣ ишора карда, ки яке аз талаботи ғазал ин буд, ки «ҳар байт дар лутф ва маънӣ ба нафси худ қоим бошад (ҳар байт маънои мустақил дошта бошад)» [106, с. 34]. Яъне, хонанда бояд аз ҳар байт маънои алоҳида бардошта тавонад ва як байт ба байти дигар алоқаи мундариҷавӣ надошта бошад. Аммо ғазал дар адабиёти муосири тоҷик аксар вақт чунин нест. Байтҳо ба ҳам алоқаманд мебошанд ва бештар вақт танҳо бо пурра хондани ғазал маънои он ба хонанда дарк мешавад [14, с. 10-14]. Ин аст, сабаби тақсим кардани ғазалҳо аз рӯйи мазмуну муҳтаво ба навъҳо – ишқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ, тавсифӣ ва ғайра. Аксар ғазалҳои Аскар Ҳаким чунинанд. Мавзуи асосии ғазали классикӣ ишқ буд: ишқи илоҳӣ ва ишқи заминӣ, аммо дар ғазалҳои ӯ ишқи заминӣ ва воқеият мавқеи муҳим доранд. Азбаски «шакли ғазал барои офаридани портрети зоҳирӣ ва ҳолати ботинии қаҳрамон, тасвири манзараи реалистона имконияти фаровон дорад» [116, с. 67],

дар ғазалҳои Аскар Ҳаким воқеият, манзараҳои ҳаёти воқеӣ, табиат ба назар мерасанд.

Аз ҷиҳати шакл мисраъҳои бисёре аз ғазалҳои ӯ ба ду қисми баробари дурукнӣ ҷудо мешавад. Аз ҷумла, вазни ғазали зикршудаи «Сабри худоӣ» рамали мусаммани як рукн машкулу як рукн солим – фаилоту / фоилотун / фаилоту фоилотун мебошад.

Вазни ғазалҳои «Хонаам, то ки дар он нақши қадамҳои ту ҷо буд», «Дар дилам ёди лабат ханда зада, рӯъёӣ», «Хами гесӯи туро кард навозиш дастам», «Ин чӣ чашму чӣ нигоҳу чӣ табассум, чӣ такаллум» низ рамали мусаммани махбуни маҳзуф (ё мақсур, ё аслам, ё аслами мақсур) ва дар шакли фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун (ё фаилон, ё фаълун ё фаълон) мебошад. Дар ғазали «Ман бол мекушоям то бар фалак фазоям» низ мисраъҳо ба ду қисмати баробар ҷудо шуда, вазни он музореи мусаммани ахраб – мафъӯлу / фоилотун мафъӯлу / фоилотун аст. Мисраъҳои ғазалҳои Аскар Ҳаким, ки аксаран ба ду қисмат ҷудо мешаванд, хонандаро ба ёди асарҳои Ҷалолуддини Балхӣ меандозанд. Аз ин ҷост, ки М. Аҷамӣ ғазалҳои Аскар Ҳакимро аз ҷиҳати равонӣ ва дилчаспӣ бо шеъри Мавлоно муқоиса кардааст.

Ин баёнгари он аст, ки Аскар Ҳаким дар ғазалсароӣ идомабахши анъанаҳои беҳтарини устодони сухан аст. Ғазалҳои ӯ, аз қабили «Ҳам аз ҷавонии ҷонам ҷавонтар астӣ ту», «Сабук, сабук ту биё, ҳамчу абр бар сари ман» [13, с. 67], «Савора омадаам, то пиёда созӣ ту» [13, с. 75], «Биё, биё, гули ман, аз хаёл бар дида» [13, с. 76], «Касе чу ман натавонад суруди ишқи ту гуфт» [13, с. 77], «Дигар сухан на ба кор ояду суханвар ҳам» [13, с. 83] ва ғайра дар вазни дилчаспи муҷтасси мусаммани арӯзу зарб – махбуни маҳзуф сароида шудаанд. Ғазалҳои дигар «Агарчандам, иҷозат не аз ин сӯ, гуфт, онсӯтар» [13, с. 60], «Саҳар чун ёдат овардам, навозид ин садо гӯшам» [13, с. 61], «Бичархон домани гулбаргиятро, то ба чарх оям» [13, с. 70], «Чӣ мебинӣ ба мӯҳои сафеди ман, баҳор аст ин» [13, с. 73], «Дигар ҷонам ба лаб омад, ки лаб дар лаб шавад бо ту» [13, с. 74] дар вазни хушоҳангу нарми ҳазаҷи мусаммани солим (ҳашт бор мафоӣлун) мебошанд.

Дар маҷмуъ, Аскар Ҳаким дар ғазалсароӣ баробари риояи анъана мазмун ва тасвиргароии замонавиро ба он ворид кардааст. Агар ғазал дар гузашта бештар маънавӣ буда, ба тасвири ишқи Илоҳӣ бахшида шуда бошад, Аскар Ҳаким дар онҳо ишқи заминӣ, воқеият ва зиндагии муосир, иҷтимоиёт ва сиёсатро сароидааст. Ғазалҳои ӯ аз ҷиҳати забону услуб одӣ, пурмазмун ва равон буда, аксаран дар вазнҳои мувофиқи рамал, ҳазаҷ, муҷтас ва музореъ суруда шудаанд.

Мавзуи чанде аз ғазалҳои Аскар Ҳаким чун «Дигар сухан на ба кор ояду суханвар ҳам» [13, с. 83], «Агар ғазал, ки бигӯйӣ, бигӯ тару тоза» [13, с. 68], «Ғазале агар нагӯям ба ғизоли хушхироме» [13, с. 72] шеъру шоирӣ мебошанд.

Дар баъзе ғазалҳои шоир тасвири ошкорои маҳбуба ба назар мерасад, ки боиси баҳси алоҳида шуда метавонад. Ғазалҳое, ки бо мисраъҳои «Дигар ҷонам ба лаб омад, ки лаб дар лаб шавад бо ту» [13, с. 74], «Эй кош, ки як шаб зи сари меҳр даройӣ» [13, с. 80] шуруъ мешаванд, аз чунин ашъори ғиноии ишқию тасвирии ошкор ба шумор мераванд. Ба баъзе ин гуна ғазалҳо мазмунҳои ҳикмат ва фалсафа роҳ ёфтаанд, ки намунаашон «Чӣ мебинӣ ба мӯҳои сафеди ман, баҳор аст ин» [13, с. 73], «Касе чу ман натавонад суруди ишқи ту гуфт» [13, с. 77], «Танҳо зи ҳам ҷудову ҷудо ҷон набуду нест» [13, с. 84] мебошанд.

Дар яке аз ғазалҳояш шоир бевосита ба дил мурочиат карда, изҳори миннатдорӣ мекунад, ки ташвишҳои муҳаббат ва ғамҳое, ки вай дорад, қаҳрамони лирикиро ғамгину мушавваш кардааст:

Моро ту бубахшой, дило, кори ту кардем,
Худ ошиқи ҳар гул шудаву бори ту кардем [172].

Ин навъи мурочиат ба дил, ки дар адабиёти классикии тоҷик борҳо истифода шудааст, дар ашъори шоир бо муҳтавои нав ва тобишҳои замонавӣ зоҳир мегардад. Дил дар шеърҳои шоир на танҳо маъвои ишқ, балки ҷойи ҳифзи хотираҳо, андешаҳои фалсафӣ ва таҷрибаи зиндагӣ аст. Чунин тарзи баён Аскар Ҳакимро ҳамчун идомабахши анъанаҳои адабии Мавлоно, Ҳофиз ва Бедил, ҳамзамон, пайвандгари анъанаҳои пешин бо ҳунарофаринии муосир нишон медиҳад. Аз ин рӯ, ғазалҳои шоирро намунаи хуби мутобиқсозии

анъанаи адабиёти классикӣ бо фазои маънавию иҷтимоии замони муосир донистан мумкин аст. Баробари ин, ворид намудани мавзуъҳои иҷтимоӣ ва андешаҳои фалсафӣ ба муҳтавои ғазал аз навовариҳои шоир буда метавонад.

Аскар Ҳаким баробари идомаи анъанаҳои шеъри классикии тоҷик дар шакл ва мазмуну мундариҷаи шеър як қатор навовариҳо карда, ки қобили омӯзиш мебошанд. Аз ҷумла, дар шакл ва мазмуни чаҳорпораи анъанавии шеъри муосири тоҷик навоварии Аскар Ҳаким ба назар расид.

Рубоиҳои Аскар Ҳаким на танҳо фалсафӣ, балки сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва панду насиҳатӣ мебошанд. Дар рубоӣ ва дубайтиҳои шоир хулосаҳои пандомези зиндагӣ ва маънии масалҳои халқӣ бештар ба назар мерасанд. Шоир бо онҳо ҳамчун сарояндаи ашъори панду насиҳатӣ ва ҳикматомез баромад карда, бо ин анъанаи шоирони классикии тоҷикро идома бахшидааст.

Дар умум, мавзуи ишқ дар рубоиҳои Аскар Ҳаким кам ба назар мерасад ва агар ба мавзуи ишқу муҳаббат ҷойе рӯй овардааст, дар он низ бештар фалсафаи зиндагӣ инъикос ёфтааст.

2.2. Ҷойгоҳи андешаҳои фалсафӣ дар ашъори Аскар Ҳаким

Ашъори классикии тоҷику форс бо фалсафа тавъам аст. Имрӯз ҳам ҳар шоири тоҷик дер ё зуд ба фалсафа ва ҳикмат рӯй меорад. Ин аз таҷрибаи андӯхтаи шоир дар зиндагӣ рӯ мезанад. Маълум аст, ки «дар фалсафаи тоҷику форс ҳикмат гуфта, илмеро дар назар доранд, ки дар он аз хусуси маърифати ҳақиқати ашё сухан меравад» [59, с. 21]. Яке аз махсусиятҳои асосии ашъори Аскар Ҳаким дар давраи дуюми фаъолияти эҷодии ӯ ифодаи маъниҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва панду насиҳат дар ашъори ғиноӣ ба ҳисоб меравад. Ин падидаҳо аз ибтидои фаъолияти эҷодии шоир дар ашъори ӯ то андозае ба мушоҳида расида, минбаъд рушд ёфта, ба сатҳи камол расидааст. Муҳаққиқ М. Диноршоев дар як таҳқиқи муфассал «Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким» [53, с. 39-101] вазифа, нақш ва ифодаи маъниҳои фалсафӣ дар ашъори Аскар Ҳаким, бархе аз вежагиҳои хоси тафаккури фалсафӣ ва бадеиро дар мисоли ашъори шоирон, пеш аз ҳама, Аскар Ҳаким муфассал таҳлилу баррасӣ

намуда, натиҷаҳое ба даст овардааст, ки барои омӯзиши мазмунҳои фалсафӣ дар ашъори шоирони муосир арзиши баланди илмӣ доранд. Муҳаққиқ алоқамандии тафаккури илмии фалсафӣ ва эҷодӣ, сабабҳои рӯ овардани эҷодкор ва олимро ба тахассуси ҳамдигар муайян карда, ба хулоса омада, ки «тарзи ифодаи фалсафа забони илму андеша асту тариқи баёни шеър шеваи отифаву сувари хаёл» [53, с. 39]. Дар ҳақиқат, адабиёт ба як қатор илмҳои гуманитарӣ, пеш аз ҳама, фалсафа алоқамандӣ дошта, шоирони бузурги тоҷик дар як вақт файласуф, донишманди андешаманд ва ҳассос ба ҳисоб мерафтанд. Аскар Ҳаким низ бо дониш ва ҳунару истеъдоди хеш тавониста, ки ҳалқаи пайванди ҳар ду ин соҳаи дар назари аввал аз ҳам дури зеҳниро пайванд созад. Дар ин маврид хулосаи муҳаққиқ Б. Раҳимзода дуруст аст, ки «ҳар шоири андешапарвар ва сухангустар дар зоти худ файласуф ҳам эътироф мешавад, чунки дар лобалои ашъори худ ба масъалаҳои диалектикаи ҳаёт, сабақи гузашта ва дурбинии оянда, эътироз ба нобаробариҳои ҷомеа, масоили мухталифи иҷтимоӣ, тақдир ва проблемаи инсон ва ғайра дахолат мекунад ва инҳо масъалаҳое мебошанд, ки аз зовияҳои тафаккуру назари ҳар шоир мегузаранд, ки Аскар Ҳаким аз ҷумлаи чунин шоирон мебошад» [97, с. 149].

Истифодаи истилоҳ, номҳои файласуфон, номмаконҳо, ривоёту устураҳои халқҳои ҷаҳон ва зикри фарҳангҳои гуногун дар як қатор шеърҳои Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, шоир фалсафаро на танҳо аз асарҳои адабӣ ва бадеии нависандагон, балки ҳамчун илм ба таври алоҳида ва муназзам омӯхтааст. Аҳаммияти омӯзиши фалсафаро барои ҳар як инсони бомаърифат Абубакри Розӣ чунин арзёбӣ кардааст: «Он кас лоиқи роҳи ҳақиқат аст, ки ҷаҳд карда фалсафаро биомӯзад. Нуфузи инсонӣ фақат тавассути омӯхтани фалсафа метавонад аз зиштию ҷаҳолати дунявӣ раҳоӣ ёбад» [105, с.65]. Баррасии ашъори Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки ӯ аз фалсафаи Юнону Рум ва Ҳинду Чин огоҳии комил дошта, бо ривояту устураҳои халқҳои ҷаҳон ошно аст ва онҳоро барои ибрози андешаҳои ҳикматомез ба кор мебарад. Дар шеъри «Дар тазмини Робиндронат Такур» мазмуни ин масали нависандаи

маъруфи ҳиндиро ба шеъри худ ворид карда, онро бо назокати шеърӣ ва андешаҳои шахсии хеш тавсеа бахшидааст:

«Сари гул таъна ба занбӯри асал
Мезад оруи газанда ба масал:
Ман, агар неш занам, мемирӣ,
Натавонӣ, ки ба ман даргирӣ,
Гул, ки ин даъвии ору бишунуфт,
Ҷойи занбӯр ба он ору гуфт:
Ҳосили умри ту гар неш шавад,
Ҳеч донӣ, ки варо нӯш бувад?!» [12, с. 366]

Андешаҳои фалсафӣ ва ҳикматомез ҳанӯз дар ашъори аввалини Аскар Ҳаким ба вуҷуд омада буд. Ин падида, аз ҷумла, дар яке аз шеърҳои аввалини шоир «Падруди Варзоб», ки тасвирист, ба мушоҳида мерасад: дарё ва роҳ ба ҳайси ҷонзод баромад карда, баробари мошин пеш ҳаракат мекунанд: «Во аҷаб, бар дави мошин нигарам, // Роҳ чун тир равад рӯболо» [12, с. 108]. Дар ин шеър дар тасаввури қаҳрамони лирикӣ роҳ аз зери чархи мошин на ба қафо, баръакс, ба пеш, боло ҳаракат кардан дорад. Шоир дар тасвири манзара ва ҳаракати мошин дар канори дарё рамзи тағйироти ботинии инсонро мебинад. Дар ин маврид худи роҳ ва ҳаракат ташбеҳе аз зиндагии инсон мебошанд: «Роҳ меояд ба пешам, // Ман равон аз паси ӯ. // Фикр мекунам, ки мо, // Бо ду роҳ равонаем ба як сарчашма» [12, с. 135]. Ин ҷо роҳ ва дарё рамзи зиндагӣ ва тақдири инсонанд, ки бо вуҷуди ҳаракати берунӣ ва равиши воқеӣ, равиши ботинӣ низ доранд. Яъне, ҳамзамон бо ҳаракати ҷисмонӣ ва зоҳирӣ ҷаҳонбиниву андешаи шахс низ тағйир меёбад. Шеър ҳамзистӣ ва пайвандии ҷисму руҳ ва ҳаракати моддию маънавии инсонро инъикос менамояд.

Мавзуи инкишофи маънавӣ ва андешаи фалсафӣ дар шеърҳои дигари шоир низ ҷой дорад. Шоир дар чунин шеърҳо «ба сифати хирадманди ҳикматпарваре аз воқеияти зиндагӣ пандҳои судманде берун меорад ва бо шеваи оливу хотирнишин» [99, с. 209] онро ба хонанда пешниҳод мекунад. Чунончи, дар шеъри «Суҳбати соат ва одам» Аскар Ҳаким бо истифода аз образи соат ва

инсон мавзуи гузашти вақт, арзиши лаҳзаҳо ва аҳаммияти зиндагии шоистаро ба риштаи назм кашидааст:

Соат гуфт:
Ман равонам,
Ту бимонӣ ё биравӣ -кори худат.
Ман ба роҳам.
Гар ҳаминро нафаҳмӣ,
Пас, чӣ арзиш дорад умрат? [12, с. 140]

Андешаҳои илмии фалсафӣ дар қолаби шеър боз ҳам муассир, амиқ баён мешаванд. «Як хусусияти бисёр ҳам ҷолиби забони илму фалсафаи тоҷику форс ин буд, ки он дар ду қолаб – қолаби манзуми шеърӣ ва қолаби мансури мантиқӣ ташаккул ёфта, нобиғаҳои илми тоҷику форс дар ҳар дуи ин қолабҳо маъниҳои фаровонеро роҷеъ ба моҳияти мавҷудоту падидаҳои олами моддиву маънавӣ тасвир карда тавонистаанд» [59, с.30]. Таҳқиқи мо нишон медиҳад, ки дар адабиёти тоҷик аз қадим то ба имрӯз андешаҳои фалсафӣ бештар дар қолаби шеър ифода ёфтаанд. Мазмунҳои фалсафӣ ба ашъори ғиноӣ ва тасвирии Аскар Ҳаким ворид гардида, аҳаммияти иҷтимоии онҳоро баланд бардошта, бо ин ташаккул ва камолоти маънавии шахсияти лирикиро ба вуҷуд овардаанд. Минбаъд ҳам дар ашъори Аскар Ҳаким афкор ва маъниҳои фалсафӣ амиқ ва равшантар инъикос мегарданд. Масалан, вақте аз меҳри гули офтобпараст ба хуршед сухан меравад, чунин хулоса кардааст:

Ишқи хуршед офтобат мекунад,
Офтоби беҳиҷобат мекунад [12, с. 125].

Мушоҳида мешавад, ки маъниҳои фалсафие, ки дар ашъори нахустини тасвирии шоир хусусияти сода доштанд, дар марҳилаҳои баъдӣ мураккабу амиқ гардида, аҳаммияти умумибашарӣ пайдо карданд.

Ба андешаи Аскар Ҳаким, некӣ ҳамеша дар канори бадӣ қарор дошта, аз фалсафаи зиндагӣ ва воқеияти рӯзгор сарчашма мегирад. Чунин афкор аввалин маротиба дар яке аз шеърҳои нахустинаш, ки солҳои 60-уми асри XX офаридааст, ифода ёфтааст. Дар он – «Ҳамоғӯш», масъалаи муштарак будани

неруи некӣ ва бадӣ матраҳ шудааст. Шеъри мазкурро муаллиф бо иловаи як байт ба силсилаи «Санги ман – алмос» шомил кардааст. Ин шеъри хурд аз се байт иборат буда, фалсафааш дар он аст, ки гулу хор, неку бад ҳамеша «ҳамоғӯш» мебошанд ва ин ногузир аст. Агар решаи хорро бишканӣ, гул зиён мебинад:

Гул ҳамоғӯш ба хоре рустаст,
Аҳд гӯё, ки ба ёре бастаст.
Лек хораш тани гул озорад,
Ҳар нафас ранҷи наваш боз орад.
Теша бар решаи он гар бизанӣ,
Ҳосил он аст, ки гулро биканӣ [12, с. 22].

Ин қонунест, ки мувозинати табиатро нигоҳ медорад. Ба таъбири дигар, шоир хостааст нишон диҳад, ки дар вуҷуди ҳар некӣ заррае бадӣ ва дар замири ҳар бадӣ заррае некӣ ниҳон аст ва маҳз ҳамин равобит мувозинати ҳастиро таъмин мекунад. Чунин услуби хоси эҷодӣ ва бардошти равонию фалсафии шоирро муҳаққиқ Б. Шарифзода дар ашъори давраи аввал ва даврони донишҷӯии Аскар Ҳаким мушоҳида намуда, онро тавзеҳ додааст: «Хор низ вобаста ба вазифа ва масъулият (посдорӣ ё ҳимояти ҳаёти гул аз дасти номаҳрам)-е, ки бар асари ин ҳамзистӣ пайдо кардааст, дигар чизи камарзишу фурӯмоя нест, зеро он посбону нигаҳдори ҳаёти гул – зебоӣ, мебошад» [158, с. 103].

Чунин афкори фалсафӣ дар ашъори шоир зиёд ба назар мерасад. Аскар Ҳаким паҳлуи ҳамдигар қарор гирифтани хусусиятҳои манфӣ ва мусбати тамоми мавҷудоти оламро инкор намекунад ва онро табиӣ меҳисобад, ба андешаи шоир, онҳо ҳамдигарро пурра мекунанд. Ба ин монанд андешаҳои фалсафӣ минбаъд такмил ёфта, дар ашъори солҳои охир мавқеи муҳимро ишғол карданд. Чунин менамояд, ки аз содагии ибтидоӣ ва маҳаллӣ ба муҳтавои мураккаби фалсафӣ ва умумиинсонӣ расидан яке аз вежагиҳои назарраси эҷодиёти Аскар Ҳаким мебошад. Ин раванд минбаъд низ дар таҳқиқи васеъ ва

мукаммали эҷодиёти шоир аз дидгоҳи фалсафӣ, иҷтимоӣ ва бадеӣ мавқеи махсусро ишғол хоҳад кард.

Аскар Ҳаким дар зиндагӣ шахсияти мусолиҳакор ва муҳофизакор бошад ҳам, тавонистааст тазодҳои воқеии ҳаётро эҳсос ва дар ашъораш инъикос намояд. Дар чандин шеъри ӯ, аз ҷумла, дар шеъри «Нози гул» бо ҳадафи баёни ҳамин андеша – тазоди зиндагӣ, аз тасвири гулу булбул истифода шудааст. Яъне образи гулу булбул ин ҷо бо мақсади аниқ офарида шудааст. Маълум мегардад, ки гулу булбул муносиби ҳамдигар, ҳамрозу ҳамнафасу ҳамхонаанд, аммо дар асл аз аҳволи якдигар бехабар мебошанд: «Гул ба гул зебад, валекин, ҳасрато, // Нест ғайри хор ҳеч анбози гул» [12, с. 205].

Дар шеъри «Аз тазоди зиндагӣ...» масъалаи зиддият дар оламу одам ба миён гузошта шудааст. Дар он калима ва ибораҳои «рӯ», «як рӯй», «саду якрӯягӣ», «мис», «зар», «бар гардун», «хоки замин», «болонишин», «поённишин», «осмон», «остон» истифода шудаанд, ки ҳама аз вуҷуди тазоди иҷтимоиву рӯзгор дарак медиҳанд. Ба ақидаи шоир, ба «одами якрӯ» зиндагӣ кардан аз он сабаб душвор аст, ки худи зиндагӣ «садрӯ» мебошад: «Аз тазоди зиндагию одамӣ ҳайрон машав, // К-одамӣ як рӯй дорад, зиндагӣ садрӯ бувад» [12, с. 34]. Аммо ҳарчанд зиндагӣ пуртазод аст, дар дасти «довари некӯ» қарор дорад.

Дар силсилаи ашъори «...Боз мерасад хуршед» (1998-2002) баробари лирикаи ишқӣ, панду насиҳатӣ устура ва ривоят мавқеи муҳим пайдо карда, бо фалсафа омехта шудааст. Аз ҷумла, аз қиссаҳои машҳури туфони Нуҳ, ронда шудани Ҳазрати Одам аз биҳишт ва ғайра ёд оварда мешавад. Масалан, шеъри «Наҷоти хайр», ки ба воқеаҳои даҳшатбори солҳои 90-уми асри XX иртибот дорад, аз чунин қиссаҳои куҳан дасти умед хоста мешавад:

Бори ғазаб бар ҷамеъи зишту бад,
Гар ғазаб гирад Худо,
То кӣ чун Нуҳе ба хайри худ диҳад
Насли Одамро раҳо?! [12, с. 229].

Бо вуҷуди ин, «чароғи умед шуълавар гашт» ва шоир ба ояндаи нек, раванди такомули инсон ва ҷомеа бовар дорад. Истифодаи устура ва қиссаҳои мазҳабиву таърихӣ дар шеърҳои Аскар Ҳаким танҳо ба хотири нақл ва сюжетнокӣ набуда, воситаи таҳлили падидаҳои иҷтимоӣ дар қолаби рамз ва ишора мебошад. Ин ба шоир имкон додааст, ки бидуни шиор ва панду насиҳати анъанавӣ ҳадафро ба шакли бадеии фалсафӣ ба таваҷҷуҳи хонанда расонад.

Дар шеъри фалсафии «Ҳасрат» аз силсилаи «...Боз мерасад хуршед» шоир бо самимият ба кӯдакии худ, танҳоиву бепадарӣ ва умедҳои оянда руҷуъ кардааст. Муҳити шахсии ӯ – «коғазу қалам», ки ягона тасаллӣ ва василаи муошират бо ҷаҳони берун буданд, рамзи ормонҳои наҷиб ва ояндасоз гардидаанд. Дар ин шеър лирикаи ишқӣ, фалсафа ва тасвири табиат ба ҳам омезиш ёфтааст:

Мани кӯдак на аз ҳавою ҳавас,
Даст бар коғазу қалам бурдам.
Чун набуд шахси меҳрубонам кас,
Ин дуро ёри хеш бишмурдам [12, 233].

Дар эҷодиёти Аскар Ҳаким, махсусан, дар асри XXI шеъри хурд (минётурӣ) ҷойгоҳи хос пайдо кард. Ин шеърҳо аз ду то ҳашт мисраъ иборат буда, маъниҳои иҷтимоӣ, панду ҳикмат, ахлоқ, тарбия ва фалсафиро ифода кардаанд. Аксари онҳо бо сарлавҳа, баъзеашон бе сарлавҳа пешниҳод шудаанд. «Чашми кӯтаҳбин», «Овоза ва овоз», «Ноз», «Чормех», «Хун ё нохун?!», «Мубодила», «Чашми бедор», «Бедардӣ», «Сипеҳрони сипеҳр», «Бе ту», «Ситорашаб», «Дил ба амонат», «Ҳоло бигӯ», «Бегонаи сиёҳӣ», «Сиёҳгӯш», «Ҳарфи ҳақ – шамшер», «Хурди бузург», «Кист шоир?», «Шиква», «Сарвату пастӣ»... аз ҷумлаи онҳо мебошад. Дар бисёре ин аз ин шеърҳо – «Ба як паранда», «Суруди Масеҳ», «Беҳуда», «Шабу фардо», «Ишқи озодӣ», «Хушбахтӣ», «Байти ҷовидон», «Нигаҳи гарм», «Зимистон», «Ду ситора», «Кӣ медонад?», «Бозгашт», «Нофи замин», «Харгӯшак», «Баҳр бояд буд», «Шеваи ҳайрат», «Кӯҳи дилҳо», «Даъвои мардӣ» ва ғайра воқеаи табиие зикр гардида, аз он панде бароварда шудааст. Масалан, мазмуни шеъри хурди «Буҳтони

одам» ин аст, ки гург дар асл хунхор набуд, аммо туҳмати инсон вайро ба ин ҳол овард:

«Дар чаҳ афканда Юсуфи афгор
Даҳ бародар – дадони одамсор,
Бар падар ин дурӯғро гуфтанд,
Ки варо пок хӯрд гурге ҳор.
Гург хунхор набуду бо буҳтон
Гургро кард одам одамхор» [12, с. 32].

Дар шеъри «Сарви сабзу тути хушк» бозтоби яке аз фалсафаҳои муҳимми зиндагӣ бори аввал аз ҷониби Аскар Ҳаким ба назар расид, ки бо сухани мавзун ба миён гузошта шудааст. Ин ҷо бори дигар собит мегардад, ки «решаи фалсафа асосан дар ақл аст... Аммо шеър дигар аст: решаи он асосан дар эҳсосоту таассурот асту моҳияташ дар мондагор кардани лаҳзаи шоирона» [53, с. 54]. Дар шеъри зикршуда низ шахсияти ғиноӣ мушоҳида мекунад, ки сарв одатан дар боғу ҳавлӣ ва манзили сарватмандон мерӯяд, аммо тут бештар дар ҳавлии одамони одӣ макон гирифтааст. Бинобар ин, ба сарв муроҷиат мекунад, ки «ту дар ҳавлии мардум намесабзӣ», аммо тут бошад, барои «соярезӣ» ва «рӯзию ризқ» барои деҳқон ва мардум зарур аст. Аз ин рӯ, чунин хулоса карда: «Бо замонсозӣ насозӣ олами ҷовиди хеш, // Ҳар замонсозе шавад охир фаромӯши замон» [12, с. 23].

Андозаи некукории инсон дар шеъри «Тутзори Азим» ифода ёфтааст. Дар эпиграфи он омада: «Дар аввалҳои асри бист дар доманаи кӯҳи Сорбоғи Раштонзамин Азим-деҳқон ном шахс тутзори бузурге бунёд кардааст, ки ҳоло ҳам сабз аст». Ин ишора як воқеияти таърихӣ, рамзи устуворӣ ва пайвандии инсон ба табиатро ифода карда, яке аз унсурҳои асосии шеъри ғиноии шоир – воқеиятнигориро ба вуҷуд овардааст.

Шеърҳои «Масъули замин», «Тақдирҷунбони замин», «Чӣ эҳсоне», ки низ аз ҷумлаи намунаҳои барҷастаи ашъори иҷтимоии Аскар Ҳаким мебошанд, дар худ маъниҳои фалсафиро ифода кардаанд. Шоир дар бораи яке аз ин шеърҳо

навиштааст: «Мавзуи шеъри «Чӣ эҳсоне» зиндагии сахти мардум дар солҳои душвори ҳаёти иҷтимоӣ мебошад» [125, с. 88].

Муҳаққиқон бар онанд, ки «агар ҳам гуфта шавад, ки мавзуъ ва муҳтавои шеъри ӯ сиёсиву иҷтимоӣ, панду аҳлоқӣ, фарҳангиву фалсафӣ, маънавию ошиқона аст, ҳоло ҳам ҳамаро дар бар нагирифтааст» [98, с. 5]. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки осори манзуми Аскар Ҳаким дорои паҳнои мавзуӣ ва ҷаҳони андешаи васеъ буда, ҳар шеър як паҳлуи зиндагии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеаро ифода месозад.

Бо фалсафа тавъам будани ашъори ғиноии Аскар Ҳаким зимни муҳокимаи манзумаи «Санги ман – алмос» (Москва, 2000) бори дигар таъкид шуд. Он «дар фалсафаи зиндагӣ намунаи болотарини шеъри муосир» [53, с. 118-119] дониста шудааст. Ба андешаи шоир ва мунаққиди рус И. Денисова, мазмун ва афкори фалсафии ин достон аз андешаҳои ягонагии пантеистӣ – ҳамбастагии Худову табиат сарчашма мегирад, ки мағзи таълимоти Зардуштро ташкил медиҳад. «Ин пантеизм заминаи асосӣ, пойдеворест дар болои бинои ҷустуҷӯҳои маънавии шоир ва он ҳамаи дину мазҳабҳоро фаро мегирад» [52, с. 126]. Аскар Ҳаким дар манзума аз оғоз моҳияти инсонро бо табиат тавъам ва ҷудоинопазир донистааст. Бо самимияти хос иброз дошта, ки дӯстдори қалам аст ва қалам дар дасташ сабз мегардад, яъне, бо қалам дар замини шеър донапошиву шудгор кардан дорад:

Дӯстдори суханам,
Сабз гардад ба кафам шохи қалам...
Рӯйи марзи варақи тоза қалам меронам,
Ки баногаҳ гияҳе сабз шавад, гандум ё ҷав рӯяд [13, с. 451-452].

Ҳикмат дар ашъори Аскар Ҳаким мақоми меҳварӣ дорад. Махсусан, дар шеърҳои солҳои охир ин ҷиҳат хуб мушоҳида мешавад. Шоир қудрати онро дорад, ки ҳама гуна ҷанбаҳои зиндагиро ба перояи фалсафӣ фаро гирад ва ба хонанда пешниҳод намояд.

Дар ғазали «Ойинаи нур» натиҷаи бархӯрди ду нафар инсони файласуф Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Шамси Табрезӣ бисёр зебо ва муассир тасвир

ёфтааст. Ин шеър аз дарки фалсафии замону макон иборат мебошад. Мутолиа, хониш ва шунидани ғазали мазкур хонандаро ба шавқ, эҳсос ва тахайюли аҷиб водор месозад: «Ин ойинаи нур кӣ будаст, кӣ будаст, // К-аз оби рухаш чашмаи хуршед намудаст» [12, с. 295].

Дар ин замина, шеърҳои минбаъдаи шоир ба фалсафаи шахсият ва мақому масъулияти инсон дар баробари ҳаёт ва таърих бахшида шудаанд. Ин шеваи андешаронӣ дар ашъори ҳамасрони Аскар Ҳаким ба нудрат мушоҳида гардид. Агар бархе аз шоирони муосир ба воқеаву мушкилоти иҷтимоӣ рӯ оварда бошанд ҳам, таҳлили мақому мақсади ҳаётии инсон, тавре ки ба он Аскар Ҳаким таваҷҷуҳ менамояд, амиқ ва мушаххас нест. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ин шоир ба шеъри солҳои 90-уми асри XX як навъ паҳнои фалсафии инсоншиносӣ ворид сохт. Чунин усули тасвир Аскар Ҳакимро ба зумраи он мутакаллимони маънавӣ ва равшанфикрони тоҷик ворид сохт, ки на танҳо мушкилотро таъриф, балки роҳи ҳалли онҳоро дар сатҳи маънавӣ ва ахлоқӣ пешниҳод менамоянд.

Муҳаққиқ М. Диноршоев аз байни ашъори ғиноӣ ва тасвирии Аскар Ҳаким, ки бо фалсафа алоқаманданд, шеъри «Дарахти арчаи кӯҳам...»-ро аз дидгоҳи фалсафӣ таҳлил намудааст. Дар ин шеър шоир сифати инсон ва арчаро бо ҳам муқоиса кардааст. Муҳаббати арча ба Ватан, ки худ аз хоки баланд аст, ба эҳсоси ватандӯстии инсон монанд карда шудааст. Аскар Ҳаким ба дониши фарохи худ ба шеър «эҳсоси замони нав ва масъулияти шаҳрвандиро илова кардааст... Ин шеър дар назари аввал гӯё ба фалсафа ҳеч иртиботе надорад, аммо дар он ... ба арча табдил ёфта, аз номи он сухан гуфтани шоир таҷассуми бадеии худро ёфтааст» [53, с. 40-46]: «Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй, // Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест» [12, с. 348]. Шоир бар он аст, ки заҳмати инсон танҳо барои беҳбудии хеш нест. Аз ин рӯ, пурсиши одам «Магар танҳо барои хештан хона кас месозад?» рамзӣ буда, ба ҳақиқати иҷтимоии умумибашарӣ ишора кардааст. Бо чунин суолу ҷавобҳо хонанда ба ин ҳақиқат бовар мекунад, ки ӯ ба нафъи ҷомеа ва ободии ватан талош менамояд. Дар ин маврид ақл дар интихоби амал мақоми аввалро ишғол

мекунад. Зеро Абуалӣ ибни Сино ақлро ба чашмаи хушкнашавандае монанд карда буд, ки «қувваи ҷисмонӣ ва ботинии инсонро афзун мекунад. Инсон ба туфайли он ҳодисаҳои мушкилу мураккабро ҳал, кӯҳҳои баланду роҳҳои мушкилро фатҳ намуда» [119, с. 106], роҳи дурусти зиндагиро пайдо мекунад. Аз байти аввали шеъри «Киштии тақдир»-и шоир низ ҳамин маънӣ бармеояд:

Заминро барзгар танҳо барои худ намекорад,
Барои хештан танҳо намеафшонад ӯ дона [12, с. 36].

Бинобар ин, хулосаи мазкур ба рисолати иҷтимоии инсон ишора мекунад: «Агар аз киштаҳои худ ба кас нон метавонам дод, // Бақои ҷовидоне дар Замону дар Замин дорам» [12, с. 36].

Дар ин шеър Аскар Ҳаким сарнавишти одамӣ ва раванди зиндагии иҷтимоиро ба киштие монанд мекунад, ки ҳар кас бояд саҳми худро дар ҳаракати дурусти он дошта бошад. Ин шеър дар вазни ҳазаҷи мусаммани солим (чор бор мафоӣлун) суруда шуда, дар он мавзуъҳои иҷтимоӣ ва фалсафӣ дар пайванд бо тасвири воқеаҳои зиндагӣ ба тарзи муассир ифода ёфтаанд.

Ифодаи чунин маъниҳои амиқ дар ашъори шоир аз маърифати баланди иҷтимоӣ ва ахлоқии ӯ шаҳодат медиҳад. Ин раванд, махсусан, дар шеърҳое, ки ба мавзуъҳои Ватан, истиқлол, меҳнат ва зиндагии иҷтимоӣ бахшида шудаанд, возеҳ эҳсос мешавад. Андеша ва ҷаҳонбинии шоир дар баробари эҳсоси хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ, ҳамзамон эҳтиром ба арзишҳои умумибашариро дар бар мегирад. Шоир инсонро ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ва масъули ҷомеа тасвир намуда, рисолати ӯро дар созандагии ҳаёти ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Дар ашъори шоир муҳаббат ба табиат ва инсон, ҳамчунин, маъниҳои амиқи ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ ҷойгоҳи муҳим доранд. Ӯ шеърро василаи ибрози эҳсосот ва оинаи фикру андеша ва расонандаи ҳикмату маърифат медонад.

Дар шеъри «Дамидани офтоби озодӣ» ҷамъбасти амиқи фалсафии иҷтимоӣ ба назар расида, бозгӯи воқеиятҳои иҷтимоиву таърихӣ ва ҳикмату андешаҳои пуразиш буда, бо забони сода ва таъсирбахш ифода ёфтааст.

Маънӣ ва паёмҳои иҷтимоӣ ва фалсафӣ дар ашъори Аскар Ҳаким зимни тасвири воқеаҳои зиндагӣ ва бардошти шоирона аз ҳаводиси таърихӣ ва

иҷтимоӣ ифода гардидаанд. «Яке аз шеърҳои фалсафӣ-иҷтимоии Аскар Ҳаким, ки дар он масъалаи озодӣ ва бардагӣ таҷассуми бадеӣ ёфтааст, «Офтоби хуншор» мебошад, ки дар асоси воқеаи даҳшатбори зиндагии устод Айнӣ – маҳкум шудан ба ҳафтоду панҷ дурра задан эҷод шудааст» [53, с. 85]. Шеъри мазкур дар вазни маъруфи маснавӣ – рамали мусаддаси маҳзуф (фоилотун / фоилотун / фоилун) суруда шуда, ин амр ба он имкон додааст, ки дар як қолаби анъанавии шеъри тоҷикӣ андешаҳои рӯз ва масоили иҷтимоии замони навро ҷой диҳад. Пеш аз ин, ашъори монанди «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ ва «Ҷони ширин»-и М. Турсунзода низ дар ҳамин вазн таълиф гардидаанд, ки ин аз эҳтироми Аскар Ҳаким ба анъанаи шеъри тоҷикӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин маснавӣ байти аввал ва охирин маънӣ ва хулосаи фалсафии шоирро ифода кардаанд:

«Тираву пурбим буд паҳнои арк,
Рафта буд хуршед аз болои арк...
Дид майдон, к-офтоби тозарӯ,
Медамид аз шонаи хуншори ӯ!» [12, с. 146-147]

Шоир воқеаи маҳкум шудани устод Айниро ҳамчун рамзи таърихии муборизаи миллат барои озодӣ ва адолат ба тасвир мекашад. Дар дамидани офтоби озодӣ, ки шоир онро ба унвони ҷамъбасти фалсафии иҷтимоӣ баён мекунад, «ҷараёни ногузири пешрафти зиндагӣ ва бедории ҷомеа таҷассум ёфтааст.» [53, с. 87]. Ин хулоса дар поёни шеъри «Офтоби хуншор» бо таври умедбахш ва неруи иҷтимоӣ тасвир гардидааст. Шоир эътимод ба пирӯзии адолат ва озодӣ дошта, ин ормони мардумиро бо образи «офтоби озодӣ» баён мекунад. Аз ин рӯ, ин шеърро метавон яке аз намунаҳои барҷастаи фалсафаи иҷтимоии Аскар Ҳаким донист, ки воқеаи таърихиро ба навъи рамз ва маънии умумибашарӣ табдил додааст.

Устоди воқеии Аскар Ҳаким зиндагӣ ва таҷрибаи шахсии худаш будааст. Тавре дар фасли аввали боби якум низ зикр шуд, ӯ аз кӯдакӣ пастию баландиҳои зиндагиро паси сар намуда, минбаъд дар вазифаҳои гуногун таҷриба андӯхта, онҳоро дар ашъори худ бо забони фалсафа ва ҳикмат ифода

кардааст. «Мушкилоте, ки шоир барои ба даст овардани «мақсуди безинҳор» (аз шеъри «Интихоб»: «Куҷоӣ лек, эй мақсуд, эй мақсуди безинҳор?»)-и зиндагӣ рӯ ба рӯ меояд, на танҳо дар зиндагии воқеии ҷомеа мавҷуданд, ки дурӯғу фиребу беадолативу душманӣ аз ҷумлаи онҳо буда, боиси нохушиҳои рӯзгори мардуманд, балки дар худи ӯ низ ҷой доранд, ки то бар онҳо пирӯз наояд, аз худ қонеъ буда наметавонад» [53, с. 62-63]. Ҳамин тавр, шеъри «Интихоб» андешаи фалсафӣ ва ороиши устуравиро дар худ таҷассум кардааст. Дар он масъалаи интихоби ду роҳ: яке, роҳе, ки бо маънии бебаргаштӣ ва беҳадафӣ тавъам аст ва дигаре, роҳе, ки бо вуҷуди вопасинии сафар, соҳибмақсад ва соҳиби ҳадаф мебошад, ба миён гузошта шудааст. Шахсияти лирикӣ ин ҷо роҳи дуюмро интихоб намуда, ба чунин қарор меояд: «Вале бардоштам гом аз раҳи сонӣ» [4, с. 217]. Зеро дар дарки фалсафии шоир инсон бояд ҳатман дар зиндагӣ дорои мақсад бошад. Тарзи ба миён гузоштани суоли «оё он мақсад дар даст ҳаст?» низ як навъи андешаи метафизикии шоирро нишон медиҳад, ки инсонро ба худшиносӣ даъват менамояд. Дар шеър ин байт ду бор такрор шудааст:

Равию боз гардӣ, лек бемақсуд
Равию барнагардӣ, лек бомақсуд [12, с. 216].

Хулосаро худи хонанда мебарорад: «агар зиндагӣ ширин бошад, бояд роҳи аввалро пеш гирифт, вале агар мақсад муҳимтар бошад, бояд роҳи дуюмро интихоб кард». Мазмуни мазкур дар яке аз рубоиҳои солҳои охир сароидаи шоир – «Ҳадяи ҷовидон» низ ифода ёфтааст. Дар идомаи мавзуъ, оид ба ҳадафи зиндагӣ таъкид шуда, ки ҳар лаҳзаи он қимат аст ва онро бояд шоиста ва манфиатовар гузаронд: «То як нафасат ба зиндагӣ имкон аст, // Шодона бизӣ, ки зиндагонӣ он аст. // Умри абади нася магӯ, ҳоло бош, // К-ин як дами ту ҳадяи ҷовидон аст» [172].

Дар манзумаи «Санги ман – алмос», ки аз чанд қисмат иборат мебошад, мафҳум ва тафсири зиндагӣ чунин баён ёфтааст: «ҷойи ҷонбозӣ, ҷойи бозии мушу гурба набудани он, аз қайҳон будани он, ҳадяи нур будани он, расми

нигоҳ доштани паймон, ҳиммати шерона, дониши нодониҳо будани он...», ки ҳамаи ин мазмунҳои фалсафӣ ва ҷаҳонбинии шоирро таҷассум мекунанд.

Шоир дар шеъри кутоҳе пири навадсолаеро тасвир карда, ки сари роҳ аз дили сӯхта оҳ мекашад: «Чӣ дароз аст, Худоё, раҳи умри кутоҳ!» [12, с. 277]. Яъне, умри инсон дар асл кутоҳ аст, аммо паймудани он басо душвор ва пурпечу тоб. Ин гуна маъниҳои фалсафӣ дар шеъри кутоҳи дигар – «Ду такяи такягоҳ», низ бо як санъати баланд ва таъсирбахш ба тасвир кашида шудааст. Қаҳрамони шеър мехоҳад ба девор такя кунад, аммо ногаҳон худи девори куҳнаи лойӣ ба тахтапушти ӯ меафтад. Акнун аз бархостан метарсад, ки мабодо девор фурӯ резад:

Менишинем кунун
такязани ҳамдигар,
Ин мани такя ба девор
ва
девори ба ман такя зада [12, с. 278].

Ин тасвири аҷиб то андозае хусусияти устуравӣ ва афсонавӣ дошта, дар ашъори шоирони дигар ба назар нарасид.

Ҳамин тавр, яке аз хусусиятҳои назарраси ашъори пандомези Аскар Ҳаким дар он аст, ки барои ифодаи фикр ва баёни мафҳумҳо ба қисса ва ривоятҳои динӣ ва мардумӣ рӯй меорад. Ин равиш аз дониши густардаи илмӣ ва ошноии амиқи ӯ бо маърифати динӣ ва адабиёти мардумӣ шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, дар шеъри «Рӯзиофарин» аз силсилаи ашъори «Нону имон» аз масалу гуфторҳои халқиву динӣ ба таври васеъ истифода шудааст. Дар ин шеър, нахуст ривояти аз чанд қисм офаридани Одам аз тарафи Худованд ба муъҷизаи аз хамир нон пухтани модар қиёс карда мешавад: «Дида дастони хамирии варо гӯям ба дил: // Аз дигар меофарад Модархудоям обу гил» [13, с. 417]. Ин маънӣ дар шеъри «Умед» низ такрор ёфтааст. Шоир таъкид мекунад, ки инсон – модар, бо нон пухтан кори офариниши Худовандро дар замин идома медиҳад:

Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,
Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир [13, с. 447].

Хулоса чунин аст: «Одаму гандум зи як хоканд аз рӯзи азал»...

Дар шеъри «Пурсиш» бошад, яке аз расму боварҳои мардумӣ ба тарзи суол матраҳ мешавад: чаро ҳама ҳайвонҳоро бо номи худаш ёд мекунанд, аммо вақте сухан дар бораи инсон меравад, ӯро ба ягон ҳайвон монанд месозанд? Ин чӣ ҳикмат дошта бошад? Ин савол як нуктаи фалсафиро дар бар мегирад, ки инсон, новобаста аз мавқеи баландаш, метавонад ба пастӣ биафтад ва ё ба ҳайвон бадал гардад:

Ва чаро Одам
ҳайвон бувад,
ар зишт аст,
Ва агар нек, фаришта-ст?! [12, с280].

Дар ин шеър, шоир мавзуи ишқи Илоҳӣ ва фалсафаи зиндагиро низ матраҳ намуда, андешае баён медорад, ки инсон ба ҳайрат меафтад, ки чӣ гуна «масҷиду дайреву куниште нашиносад» ва онро кӣ бояд шиносад. Ин ишора ба Худованди муттаол аст, ки аз доираи тасаввури башарӣ берун аст [12, с. 295].

Дар шеъри «Вакили мубтазал» низ шоир бори дигар ба фалсафаи зиндагӣ ва пайдоиши инсон рӯ овардааст. Тафовут дар он аст, ки агар дар шеърҳои қаблӣ таъкид бештар ба робитаи ишқ ба гандум ҳамчун рамзи ҳаёт ва муҳаббат бошад, дар ин ҷо масъалаи шикамборагӣ низ илова мегардад. Аммо ба ақидаи донишмандон, ҳар ду ҳолат зоҳири нафси инсонанд – нафси шикам ва нафси шаҳват, ки оқибат ба пастравии шахсияти инсон ва шикастани қудрати маънавӣ меанҷомад. Бо ин ишора бар пояи арзишҳои фалсафии башарӣ ҳушдор медиҳад, ки агар инсон худро зери идораи нафс гузорад, аз роҳи маънавӣ дур шуда, ба фано меравад. Агар воқеан чунин бошад:

Буд, Бобомон, ки ҷаннатро ба як гандум фурӯхт;
Мо, ки донистем қадраш, бар ҷаве нафрӯхтем [12, с. 304].

Бо вуҷуди ин, шоир бар ақидаи худ собит буда, аз ишқи заминӣ ва дидори маъшуқ ҳаргиз даст намекашад. Барои ӯ биҳишт ҳамон дидори маъшуқ ва муҳаббати ҳақиқист.

Маъниҳои фалсафӣ дар шеърҳои «Ҳавсалаи бекорӣ», «Маро ту хор мехоҳӣ...», «Агар замона чунин шуд...», «Дигар наво намехезад...» низ бо тавонмандии хос ифода ёфтаанд. Масалан, дар шеъри «Агар замона чунин шуд...» шоир ба ин андеша аст, ки бо вуҷуди мушкилот ва машаққати зиндагӣ, адолат ва ҳақиқат дар ҷаҳон ҳамеша вуҷуд доранд ва маҳз ҳамин неруи некӣ ва адолат аст, ки оламро пос медорад. Агар чунин намебуд, ҷаҳон низ барҳам мехӯрд. Ба ақидаи ӯ, ҳеч чиз дар олам абадӣ нест, бадӣ нобуд мешавад ва некӣ мемонад. Ин фикр дар мисраи зайл возеҳ баён шудааст: «Ҳамин ки ҳол бигӯӣ, ҳамон нахоҳад монд» [12, с. 300].

Дар силсилаи «Замини сабзи боварҳо» (солҳои 2007-2012) мавзуи мазкур идома ёфта, дар он асосан, шеърҳои фалсафӣ ва лирикӣ ҷой дода шудаанд. «Шукри Худо» дар ин силсила намунаи мушаххаси андешаи фалсафии шоир аст. Маълум, ки ҳар инсони соҳибкасб аз Худованд дархости худро дорад ва дархостҳо аксаран мухолифи ҳамдигаранд. Ин масъала ба воқеияти иҷтимоӣ ва махсусияти равонии инсон ишора мекунад.

Ибни Сино дар асарҳои фалсафиаш инсонро шабеҳи Худо донистааст. Ба қавли ӯ, «азбаски Худо дар ҳамаи чизҳо зоҳир аст, инсони комил онро дар тамоми ашё ва ҳодисаҳо дида метавонад... Инсон дар байни ашёю ҳодисаҳо намуна буда, ба иззату эҳтиром сазовор аст» [119, с. 114-115]. Аскар Ҳаким низ бар ин маънӣ дар сурудаҳояш иброз дошта, ки Худованд ҳангоми офаридани инсон ӯро ба сифати халифаи худ дар Замин баргузид. Бо вуҷуди ин, шоир таъкид кардааст, ки аз Худованд чизе илтиҷо ё дархост нахоҳад кард, зеро Худо будани Холиқ басанда аст: «Маро шукри Худоит бас аст». Аммо дар шеъри баъдӣ бо номи «Ниёиш» шоир бори дигар таъкид мекунад, ки инсон бидуни илтиҷо ба Худованд зиста наметавонад. Дар мисраъҳои ҳар банд, пас аз зикри он, ки гулеро аз сармо, чаманро аз офати тири бад, мӯрчаро аз пойи роҳгузар ва муҳоҷирро аз марги ногаҳонӣ нигоҳ дорад, мисраи «Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!» такрор мешавад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ниёз ва илтиҷо ба Худованд дар фитрати инсон ҷой гирифтааст.

Ба андешаи Аскар Ҳаким, бадӣ ва хислати манфӣ дар сиришти инсон азалӣ нест. Инсон қобили тарбия ва ислоҳ мебошад. Роҳи беҳтарини инсони комил шудан пирӯз омадан бар бадиҳои худ мебошад. Ин андеша ба суннати андешаҳои фалсафии инсонгароёнаи адабиёти тоҷикӣ ва махсусан, шеърҳои ирфонӣ пайвандӣ дорад.

Дар асоси ашъори «Маҷмуаи осор» ва шеърҳои дар саҳифаҳои интернетӣ чопкардаи Аскар Ҳаким мушоҳида мегардад, ки имконияти шаклҳои хурди шеър дар ифодаи андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқӣ бештар аст. Маъниҳои фалсафӣ дар чунин шеърҳои шоир равшан ва нишонрас мунъакис гардидаанд. Тору пуди байт, рубоӣ ва аксар дубайтиҳои Аскар Ҳаким аз фалсафа ва ҳикмат сиришта шудааст. Ҳатто, чун баъзе шоирон тамоми 756 рубоии дар ҷилди дуюми «Маҷмуаи осор»-и шоир дорои сарлавҳаҳои фалсафӣ мебошанд, ки то андозае барои дарки ашъори мазкур, ҳадаф ва маънии онҳо имконияти бештар медиҳанд.

Шоир дар рубоиҳо аз ҳар воқеаи хурди зиндагӣ хулосаи файласуфона ва ҳикматомез мебарорад. Аз ҷумла, як ҳодисаи ба хонандаи мактаб маълумро ба назм дароварда, дар рубоие чунин хулосаи ҷолиб ва фалсафӣ баровардааст: «Себе, ки Нютонро афтод ба сар, // Дар лаҳза зи қонуни кашиш дод хабар. // Он себ агар бар сари пуч афтодӣ, // Ҷуз ғуррии сар набуд маҳсули дигар» [13, с. 316].

Шоир дар рубоиҳое ба Худо мурочиат карда, ки ба пари коҳ ҳам «медиҳӣ акси садо», аммо аз рубоии дигар маънии баръакс бармеояд, ки тибқи он ба сару садое, ки дар дунё мешавад, аз ҷониби кӯҳ «нимсадое» ҳам нашуд. Ин маънӣ мураккабӣ ва зиддияти зиндагии инсонро нишон медиҳад.

Аскар Ҳаким дар қолаби рубоӣ, бо риояи тамоми қонунияти жанрии он кӯшидааст, андешаю афкори фалсафӣ ва ҳикматомези худро ифода намояд. Аз ҷумла, дар ҳама ҳолат дар мисраи охир ҳадафи қаҳрамони ғиноиро ифода кардааст. Чунончи, дар олам ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шудани инсонро ёдовар шуда, чунин хулоса баровардааст:

«Бар рӯйи ҷаҳон чу раҳгузор ойӣ ту,

Бо васвасаи дору мадор ойӣ ту.

Ҳар рӯз ба сад кас, ки канор ойӣ ту,

Эй кош, ба хеш ҳам дучор ойӣ ту» [13, с. 383].

Дар бисёр рубоӣ ва дубайтиҳои Аскар Ҳаким бо ишора ба ривоятҳои қадимӣ маъниҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ баён шудаанд. Масалан, дар яке аз рубоиҳояш аз сарнавишти Одам ва ронда шуданаш аз биҳишт чунин натиҷа мегирад, ки инсон, бо вуҷуди аз биҳишт ронда шудан, бояд бо меҳнат ва кӯшиш зиндагии худро созад ва «биҳишти рӯйи замин»-ро аз роҳи ҳалол ва нон пайдо кунад. Мавзуи ронда шудани Одамро аз биҳишт шоир на ҳамчун як фоҷиа, балки ҳамчун оғози зиндагии нави инсон дар рӯйи замин ва намунаи ибрат тасвир мекунад.

Дар ин рубоӣ шоир ривояти рондани Одам аз биҳиштро ба ҳикмати меҳнат ва озодии иродаи инсон пайванд дода, бар он аст, ки маҳз кор кардан ва нон ёфтан бо роҳи ҳалол «биҳишти рӯйи замин»-ро месозад. Яъне, инсонро зарур аст, ки пас аз ҳар бурду бохт ва ҳатто, пас аз «ронда шудан» аз як неъмат, бо дастони худ биҳишти нав эҷод кунад. Ин ҷараён ба инсон қувват, ибрат ва масъулияти ахлоқиро меомӯзад.

Дар ашъори Аскар Ҳаким «хонанда агар ҷиддан фикр накунад, ҳеч пай намебарад, ки шоир дар баробари изҳори ҳиссиёти шахсӣ ва отифии хеш масъалаҳои ҳастии фалсафии инсонро ба маърази андеша мегузорад» [114, с. 59]. Ӯ бисёр вақт мекӯшад, ки афкори мардумиро бо тафаккури фалсафӣ ва арзишҳои маънавии динӣ пайваст намуда, аз ин роҳ ғоя ва масъалаҳои муҳимми ҷомеаро ба риштаи тасвир кашад. Ба ин монанд ишора ба воқеаҳои таърихӣ ва ривоятҳои исломӣ, аз ҷумла, сарнавишти Ҳаллоҷ, на танҳо ҳамчун як ривояти динӣ, балки ҳамчун рамзи муборизаи маънавӣ, озодфикрӣ ва ҳақгӯӣ дар шеъри Аскар Ҳаким ба назар мерасад.

Агар дар ривоятҳои динӣ рондан аз биҳишт ҳамчун ҷазо маънидод гардад, дар ашъори шоир ин ҳодиса ба сифати огоҳӣ ва сабаби баланд гардидани маънавиёти инсон баррасӣ мешавад. Ин гуна бардоштҳо дар рубоӣ ва

дубайтиҳои шоир, ки аз анъанаи шифоҳии мардумӣ об мехӯранд, дар радифи паёми ахлоқӣ дар рушди тафаккури иҷтимоӣ низ таъсиргузоранд.

Дар маҷмуъ, шоир дар тамоми силсилаи шеърҳои худ аз «Нону имон» то «Санги ман – алмос», «Мӯри донакаш» ва рубоиву дубайтиҳо рӯ овардан ба масалҳо, ривоятҳои динӣ ва мақолҳои халқиро воситаи ифодаи маърифат ва ахлоқи иҷтимоӣ қарор додааст. Аз ин роҳ уқдаи пайванди миёни анъанаҳои фарҳанги мардумӣ ва ҷаҳонбинии муосирро таҳким бахшида, ба воситаи мисолҳои ошно барои хонанда маъниҳои баланд ва хулосаҳои ахлоқиро пешкаш мекунад.

Дар шеъри «Рӯзиофарин», аз силсилаи «Нону имон» шоир таъкид кардааст, ки агар Худованд инсонро аз барои донаи гандум аз биҳишт ронда бошад, пас, ӯ барои он ки бо Ҳавво (маҳбуба) омехтааст, аз ин ҳолат пушаймон нахоҳад буд:

Дар чунин ашъор алоқамандии сиришти одам ба гандум низ ишора шудааст. Яъне, инсон низ «дар пайи кори Худо» буда, дар замин ба кишти гандум машғул аст. Ба қавли шоир, Одам пас аз ронда шудан аз биҳишт бо алоқамандии табиии хеш ба гандум ва нон ҳамчун рамзи зиндагӣ ва ибтидои меҳнат ба рӯйи замин омад: «Баҳри гандум ронда шуд гӯё ки Одам аз биҳишт, // То биҳиште офарад худ, дар замин гандум бикишт» [13, с. 417].

Шоир бо як шевоӣ масал ва гуфторҳои халқиро ба кор бурда, онҳоро бо маъниҳои фалсафӣ таҳким бахшидааст. Ин равиш дар ашъори Аскар Ҳаким, махсусан, дар силсилаи шеърҳои иҷтимоӣ ва фалсафии ӯ ба як унсури муҳимми бадеӣ ва маънавӣ табдил ёфтааст. Масалан, дар шеъри «Нонгурезон» шоир нонро ҳамчун ғизо, рамзи ҳаёт, баракат ва пайванди инсон бо замин ва анъанаҳои гузашта тасвир мекунад. Шоир аз урфу одат ва эътиқодҳои мардумӣ: дар шифти хона овехтани нон, ҳамроҳ бурдани он ба сафар ва кулчаи навзод мисол оварда, онҳоро ба маънии ҳаётбахшии нон ва муҳаббат алоқаманд месозад. Ӯ бо ишора ба урфу одатҳои мардумӣ, ки ҳаргиз нонро таҳқир кардан мумкин нест ва онро бояд ҳамеша эҳтиром кард, арзиши маънавии онро боло

мебардорад. Нон дар ашъори ӯ рамзи меҳнат, муҳаббат ва нишона аз ризқи ҳалол ва покии инсон аст:

Модарон миранду монад нонашон

Аз умеди модарон ҳамчун нишон [13, с. 419].

Хусусияти густурда ва ҳикматомез доштани масалу мақол дар ашъори Аскар Ҳаким яке аз омилҳои пойдории шеъри ӯ дар замони муосир гардидааст. Ӯ аз расму ойини мардумӣ на ба унвони анъанаи куҳна, балки ҳамчун сарчашмаи маърифати ҷовидон истифода мекунад. Ҳатто, дар баъзе дубайтиҳое, ки маънии фалсафӣ доранд, ба урфу одат, маъниҳои қуръонӣ ишора шудааст. Дар онҳо аз камбудӣ, нотифоқии мардум вобаста ба дину мазҳаб ва ҷаҳонбинӣ низ ёдовар мешаванд. Барои ифодаи мақсад шоир аз ривоят ва устураҳои халқӣ низ кор мегирад.

Дар чунин ашъори пандомез арзишҳои маънавии мардум, мафҳумҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба тарзи муассир таъкид шудаанд. Истифодаи маъниҳои панду насиҳатӣ ва мақолҳои халқӣ, ки асосан, аз таҷрибаи зиндагӣ ҳосил шудаанд, дар рубоиҳо зиёд ба назар мерасанд. «Дар ин қабил рубоиҳо Аскар Ҳаким аз таъбир, ибораҳои рехта, зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ истифода менамояд» [92, с. 409]. Дар бисёр рубоӣ ва дубайтиҳо сухан аз аҳаммияти ростӣ, вафо, меҳнатдӯстӣ ва худогоҳии инсон меравад. Аскар Ҳаким бо истифодаи урфу одат, мақол, зарбулмасал ва масалҳои халқӣ, ки аз насл ба насл гузаштаанд, ин маъниҳоро ба хонанда бо забони шевои шеър мерасонад. Ин шева ба шеърҳои ӯ шукӯҳи хос дода, онҳоро на танҳо оинаи зиндагӣ, балки мактаби маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоии замони муосир мегардонад. Аскар Ҳаким аз ин ва дигар намунаҳои таърихиву динӣ, афсона, устура, масал ва мақолҳои халқӣ ҳамчун воситаи муҳимми баёни афкор истифода бурда, маърифати ахлоқию иҷтимоиро бо назари таҳлилӣ дар шеърҳои худ ҷой додааст. Ҳамин тавр, мазмунҳои фалсафӣ баробари тамоми ашъори ғиноии шоир дар аксар рубоиёти сершумори ӯ ба чашм мерасанд. Дар рубоиҳои Аскар Ҳаким паёмҳои муҳим ва арзишманди ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ ба назар расида, пояи онҳо бар ришташои амиқи робитаи адабиёт бо мероси мардумӣ ва

арзишҳои динӣ устувор гузошта шудаанд. Ин нукта яке аз вежагиҳои муҳимми назми ӯст, ки дар адабиёти муосири тоҷик мақоми махсусро соҳиб гаштааст.

Аскар Ҳаким барҳақ шоири файласуфест, ки мазмунҳои фалсафиро дар ашъори худ ба таври возеҳ истифода намудааст. Маъниҳои фалсафӣ, дар ашъори солҳои охири асри XX ва аввали XXI дар ашъори шоир бештар гашта, дар онҳо то андозае таъсири фалсафаи муосир мушоҳида мешавад. Бо таъсири вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҷаҳонишавӣ, интернет, рушди илму технология, саноатикунонӣ, фардгароӣ (индивидуализм), раҳоӣ аз таъсири динӣ дар асри XXI дар илми фалсафа ҷараёнҳои нав падид омаданд, ки муҳимтаринашон постмодернизм аст. Барои он «хирад, эътиқод ба пешрафт ва таҷдиди муттасил, инсонгароӣ, озодӣ, инқилоб хосанд, ки назари шоиронро низ ба зиндагӣ дигар кард» [122, с. 480]. Вобаста ба ин, дар ашъори Аскар Ҳаким таъбиру калимаҳо ва ифодаҳои замони навро мушоҳида кардан мумкин аст, ки намунаашонро дар боло мушоҳида кардем.

Дидгоҳи фалсафии шоир аз таҷриба, дониш, ҷаҳонбинии фарохи ӯ ҳосил шуда, дар шакли сухани мавзун пешниҳод мегардад. Ҳадафи шоир аз истифодаи маъниҳои фалсафӣ дар шеър тарбияи ахлоқии инсон, бедории маънавӣ ва ҳидоят ба роҳи рост мебошад.

2.3. Мавқеи панду ахлоқ дар ашъори Аскар Ҳаким

Панду ахлоқ яке аз вежагиҳои асосии адабиёти классикии тоҷик мебошад. Ин анъана дар чанд асри охир низ идома ёфт. Дар ашъори шоирони муосир, аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ шеърҳои ахлоқӣ ва панду насиҳатӣ зиёд мушоҳида мешаванд. «Панду ҳикмати анъанавӣ дар ибтидои асри XX дар ашъори Айнӣ мувофиқи воқеияти иҷтимоии тоза тағйир ёфта, руҳи замони нав ва барои инкишофи реализми маорифпарварӣ замина тайёр кард» [164, с. 47].

Дар идома дар охири асри XX ва аввали асри XXI дар ашъори Аскар Ҳаким панду ахлоқ мавқеи намоён касб намуд. Муҳаққиқ С. Саидов дар бораи мавқеи ҳикмат, панду насиҳат дар ашъори Аскар Ҳаким таҳқиқот бурда, дар ин бора ба натиҷаи зер расидааст: «Тору пуди шеъри Аскар Ҳаким ҳикмат аст»

[108, с. 368]. Ин хусусият дар шеъри «Киштии тақдир» зимни таҳлили мисраи «Заминро барзгар танҳо барои худ намекорад» [12, с. 36] мавриди назар қарор дода шуда буд. Ин маънӣ дар шеъри «Тутзори азим» низ бо истифодаи санъатҳои бадеии зебо муассир ифода ёфтааст. Дар он аз шахси одии ватандӯсте ёд мешавад, ки ба хотири дигарон, ояндагон, дарахти мевадор парвариш мекунад.

Ин шеър баёнгари он аст, ки инсон танҳо барои манфиати худ зиндагӣ намекунад, бояд ба ҷомеа манфиат расонад. Таъкид бар арзишҳои беҳтарини инсонӣ, фалсафаи зиндагӣ ва ишқи маънавӣ ҷузъи таркибии шеърияти ашъори ӯ маҳсуб мешавад.

Андешаҳои ахлоқӣ ва панду насиҳатӣ бо ёрии масалу мақолҳои халқӣ ва гуфторҳои маъруфи классикӣ муассиртар ифода карда мешаванд. Бояд таъкид кард, ки Аскар Ҳаким дар истифодаи зарбулмасалҳо таҷрибаи кофӣ дорад. Шоир онҳоро дар шакли аслӣ ва коркардшуда истифода мебарад. Солҳои охир ин равиш бештар такмил ёфта, яке аз вежагиҳои барҷастаи услуби эҷодии шоир гардидааст. Истифодаи масалу ривоятҳо дар адабиёт **ирсоли масал** ном дорад. Он дар ашъори Аскар Ҳаким ҷиҳати таъкиди ҳадафи маънавии шеър ва ба хотири устувор сохтани робитаи байни анъанаҳои адабии гузаштаву имрӯзи адабиёти тоҷик хизмат мекунад.

Панду ҳикмат дар шеъри «Тирачашме бо чароғ» барҷаста ба назар мерасад. Дар он шоир масали маъруферо ба ёд меорад, ки чӣ гуна шахси нобино шабона бо чароғ роҳ меравад ва аз ӯ мепурсанд, ки чаро дар ҳоле ки худ роҳро намебинад, бо чароғ мегардад ва ҷавоби хуб мешунавад.

Сипас, ҳамчун руҷуи лирикӣ андешаи шоир ривоятро тақвият ва хотима мебахшад:

Тирачашмон чароғҳо доранд
Рӯзи равшан ба роҳи биноён [12, с. 33].

Ин ҷо зимни ифодаи матлаб аз масал ва ривоят истифода шуда, бо андеша ва паёмҳои тоза масъалаҳои наву замонавӣ ба он илова гаштааст. Агар дар ривояти маъруф мақсади шахси нобино танҳо амали прагматикӣ ва эҳтиётиеро

дар бар гирад, ки чароғро барои роҳравон нигоҳ дорад, дар шеъри Аскар Ҳаким ин маънӣ ба сатҳи баланди рамзӣ ва фалсафӣ бардошта шудааст. Яъне, ба андешаи шоир, «тирачашмон» на танҳо онҳое ҳастанд, ки аз нигоҳи ҷисмонӣ нотавонанд, балки бештар ба инсонҳое ишора мекунад, ки бо вуҷуди доштани чашмони зоҳирӣ аз дидаву фаҳми маънавиёт ва маърифат бехабаранд. Ба ин васила, шоир маънии шеърро аз доираи як ҳодисаи воқеӣ берун оварда, ба он рамзи иҷтимоӣ ва фикрӣ илова намудааст. Ин яке аз фарқиятҳои асосӣ ва бурди шоир дар корбурди масалҳои халқӣ ва классикӣ мебошад. Яъне, Аскар Ҳаким ривоят ва гуфтори маъмулиро барои муҳим ва шавқангез буданашон ва ҳамчун василаи баёни арзишҳои фикрӣ ва ахлоқӣ истифода менамояд. Ин аст, ки шеъри «Тирачашме бо чароғ» дар заминаи ривояти машҳур ба вуҷуд омада, дар он зарурати бедории маънавӣ ба миён гузошта шудааст. Чароғ ин ҷо рамзи маърифат, дониш, дарк ва шинохти рӯшанфикрона мебошад. Шоир таъкид карданист, ки ҷомеаи имрӯз ба чароғ ниёз надорад, аммо онҳое, ки дар замир чунин чароғ надоранд, дар зулмати ҷаҳолат ва бехабарӣ мемонанд, ҳатто, метавонанд одамони донишмандро ҷисман пешпо диҳанд. Бо ин ашхоси каммаърифат ва тирабин, ки шуморашон зиёд аст, зери танқид гирифта, зарурати рӯшансозӣ ва бедор кардани зеҳнҳо ба миён гузошта мешавад.

Чунин тамоюл дар дигар шеърҳои Аскар Ҳаким идома меёбад. Шоир бо истифодаи ривоят ва масал, ки аслан дар адабиёти тоҷик ҷойгоҳи махсус дошт, кӯшиш кардааст ҷанбаи ахлоқӣ, панду насиҳатии ашъорашро назаррас намояд. Он ба хонанда имкони бештари тааммул, тафаккур ва андешамандӣ фароҳам меорад. Шоир дар чунин ашъор бо истифода аз мавод ва манобеи анъанавии адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ онҳоро бо диди муосир ва интиқодӣ ба ғояҳои худ мутобиқ месозад. Ин гуна муносибат сабаби ҷаззоб ва таъсиргузор гардидани шеърҳои ӯ дар байни ҳаводорони шеъри панду ахлоқӣ гаштааст.

Дар шеъри «Армон» панду насиҳат, масалҳои халқӣ фаровон ба кор рафтаанд, ки мазмунҳои «дар дил санг бастани орзу», «мурват будани инсон дар чархи ҷомеа», хешро «ту» гуфтану ӯро «Шумо» номидан, «шоми худро бо дуд рӯз кардан» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Зикри булбули даштӣ дар шеъри

ҳамном низ маънии ҳикматомез дошта, хулоса шудааст, ки «мурғи дашт» баробари булбули гулшан эътибор ва вазифа дорад. Масалҳое чун «бар табар даста шудани дарахт», «боғ бе мурғу мурғ бе лона», «бо дасти худ реша кандан», «пароканда шудани дили ҷамъ» дар шеъри «Решаи табархӯрда» ва масали «кас сар набояд хам кардан» дар «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст» ба кор рафта, дар поёни силсилаи ашъори «Рӯзи умед» байтҳое ҷой дода шудаанд, ки аксарашон маънии масалҳои халқиро доранд, аз ҷумла «Гар дарахти борвар ҷогардон шавад, ё зи реша хушк гардад, ё ки монад аз самар».

Бо истифодаи мазмуни гуфтори халқии «Май дер истад, шавад шароби зудгир» байти зерин ба вуҷуд омадааст:

Дарди ишқи ёри дилбар дер мебояд нуҳуфт,
Май, ки дер истад ба хум, гардад шароби зудгир [12, с. 158].

Ба ҳамдигар муҳаббат парваридани инсонҳоро шоир мавриди ситоиш қарор дода, зимни он масали маъруфи халқиро ба кор бурдаст: «Эй раҳгузар, беғам марав, // Бе ту ба ӯ ғам мерасад. // Кай мерасад кӯҳе ба кӯҳ, // Одам ба одам мерасад» [12, с. 57]. Чунин усули корбурди масал ва мақолҳо дар шеърҳои силсилаи «Замини сабзи боварҳо» ва «Гуфтам ба бод» низ ба назар мерасад. Дар онҳо шоир масалҳоро дар шакли аслӣ ва бо тағйироти ҷузъӣ, мутобиқ ба мазмуни муҳокима ва паёмҳои ахлоқиву насиҳатӣ истифода намудааст. Илова бар ин, дар шеърҳои охирини шоир, ки хусусияти ирфонӣ доранд, масал ва зарбулмасалҳо ҳамчун рамз ва ишораҳои зеҳнӣ барои баёни ҳақиқатҳои мураккаби зиндагӣ истифода шудаанд.

Метавон хулоса кард, ки истифодаи чунин услуб нишонаи бедории зеҳнии шоир ва ҳассосияти иҷтимоиву фалсафии ӯст, ки бо такя ба анъана ва мероси маънавии гузашта барои таъмини маърифати иҷтимоӣ ва ахлоқии наслҳои имрӯз ва фардо мусоидат менамояд.

Дар ашъори Аскар Ҳаким, чӣ тавре ки зикр шуд, андешаҳои ахлоқӣ, панду насиҳатии шоир бо ёдоварии ривоят ва қиссаҳои маъруфи халқиву динӣ низ ифода шудаанд. Яке аз чунин ривоятҳо, ки шоир ба он зиёд ишора кардааст, достони рондани Одам ва Ҳавво аз биҳишт аст. Агар дар ривояти классикӣ

Ҳавворо аз қабурғаи чапи Одам офаридан маънии сарчашмаи ишқу ҳамбастагии инсонро дошта бошад, Аскар Ҳаким тавассути баршуморидани тамоми узвҳо дармеёбад, ки дил ба ин ҳисоб дохил карда нашудааст. Маълум мегардад, ки дил ҳамчун маҳалли ишқ дар вуҷуди зан ҳувайдо гардида, инсонро мукаммал мегардонад. Бо ин эътибори ишқ, зан ва зиндагӣ баланд карда шудааст.

Ҳамчунин, дар шеъри «Мӯри донакаш» масали маъруфи халқӣ «мӯри донакаш, Худо ёракаш» ҳамчун талмеҳ оварда шуда, бо истифода аз он меҳнатдӯстӣ ва талоши пайвастаро ситоиш менамояд, ҳамзамон, нишон медиҳад, ки ҳар касе бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекунад, дар назорат ва паноҳи Худо хоҳад буд. Ин маънӣ ба мазмуни иҷтимоӣ ва ахлоқии шеър қувват бахшида, масъалаи арзиш ва масъулияти инсонро дар ҷомеа мушаххас мекунад. Ин равиши рамзӣ ва масаломез дар шеъри «Тахтасанги гушнагӣ» низ таҷассум ёфтааст. Шоир барои тасвири фақру бенавоӣ масали маъруфи халқиро дар шакли нав ба кор бурдааст:

Мардуми бечора мехобанд шаб дар чорсӯ,
Болиши дигар набошад зери сар ҷуз гӯшашон [13, с. 440].

Ин ҷо масали «гӯш зери сар кардан» ба маънии ноилоҷӣ ва тангдастӣ ба кор рафта, ҳамзамон бори ахлоқӣ ва иҷтимоиро ба дӯш дорад.

Ба ин тариқ, дар тамоми ин ашъор: «Рӯзиофарин», «Тахтасанги гушнагӣ», «Ҳадиси Одам дар офариниши Ҳавво», «Умед», «Нонгурезон», «Мӯри донакаш» рамзу масал ва зарбулмасалҳо василаи муҳимми баёни афкору андешаҳои ахлоқиву панду насиҳатии Аскар Ҳаким мебошанд. Онҳо воситаи ороиши сухан, бозгӯи таҷрибаи иҷтимоӣ, арзишҳои маънавӣ ва талоши инсон дар роҳи пурпечутоби зиндагӣ ҳастанд. Аскар Ҳаким тавонист, ки рамз ва масалҳоро на ба сифати ороиши сухан, балки ҳамчун унсури амиқи маънавӣ дар матни шеър ҷой диҳад.

Метавон хулоса кард, ки Аскар Ҳаким масалу ривоятҳои халқӣ ва достону афсонаро бо зеҳни тоза ва нигориши ахлоқии муосир коркард намуда, ба онҳо

мазмуни нав бахшида, фикру андешаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро ба воситаи санъати баланди сухан ба хонанда мерасонад.

Мазмуни мақоли «Некӣ куну ба дарё андоз» дар сарлавҳаи яке аз шеърҳои силсилаи «Нону имон» ва матни он ба кор рафтааст:

Гуфт: «Бишнидам, ки мегуфтанд: дар роҳи савоб
Бебадал некӣ куну андоз некиро ба об [13, с. 442].

Дар манзумаи «Санги ман – алмос» низ масалҳое оварда шудаанд, ки аз мушоҳидаҳои зиндагӣ бармеоянд. Дар яке аз онҳо чи тавр донаро барои он ки то баҳор неш назанад, чор тақсим карда ба хонааш бурдани мӯрча зикр гардидааст, ки аҳаммияти ахлоқӣ ва панду насиҳатӣ дорад:

Ва агар мӯр бад-ин сон доност,
Чӣ тавон гуфт зи донишварии инсонаш.
Дафтари дониши андӯхта шӯям ба об [13, с. 459].

Дар ин манзума, ҳамчунин, мазмуни масалу мақолҳои «чашми бад дур», «кач будани думи саг», «тарошидани соя аз девор», «ба сари касе нишастани бози давлат», «пораи девори диёр будан», «афтодани девор ба ҷониби хеш», «ҳадди хеш бишнохтан», «бо думи шер бозӣ кардан», «ҳар чиз бикорӣ, он бидравӣ», «метавон нон ба гадоӣ ёфт», «бори амонат кашида натавонистани одам» ва ғайра ба назар мерасанд.

Масъалаи истифодаи мақол дар рубоиҳои Аскар Ҳакимро муҳаққиқ М. Неъматзода мавриди баррасӣ қарор дода, зикр намудааст, ки «тамоми зарбулмасалу мақолҳои истифодакардаи шоир дар ду услуб: айнан ва мазмунан вомехӯранд» [92, с. 410]. Чунончи, дар мисраъҳои «Эй сода, чӣ хоҳӣ аз Худо умри дароз, // Дар умри дароз бори ғам бештар аст», мақоли маъруфи халқӣ корбаст шудааст. Дар рубоии дигар, маънии ҳикмати халқ – «даҳони баста сад тилло» чунин ифода гардидааст: «Ҳарфе наравад то зи лабонам берун, // Он қадр газидам, ки лабам хуншор аст» [13, с. 251]. Мазмуни ин сухани халқ, ки дилёбиро аз Ҳақ боло меҳисобад, дар рубоии дигари шоир навоварона ифода ёфтааст. М. Неъматзода танҳо ба ҷиҳати сохтории ашъори мазкур, ки дар он масалҳо ба кор рафтаанд, таваҷҷуҳ намудааст. Зарур аст, ки хусусиятҳои

маънавӣ, аҳаммияти маърифатӣ, ахлоқӣ, панду насиҳатӣ, ҳадаф ва дастовардҳои шоир дар мавриди истифодаи масалҳо мавриди баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор дода шавад.

Дар чунин ашъор, аз ҷумла, рубоиҳои зикршуда ақлу хирад унсури муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Баробари хирад шоир аҳаммияти ақлро низ муҳим арзёбӣ кардааст. Масъалаҳои ирфонӣ, ахлоқӣ, панду насиҳат, расму ойин, ақлу хирад аз мавзуъҳои асосии Аскар Ҳаким дар солҳои охир ба шумор мераванд. Аз ҷумла, дар сурудаҳои солҳои охир масъалаи имон аз ҷиҳати мантиқӣ, равонӣ ва таърихӣ ба миён гузошта шудааст:

Афроди башар ҳодисаву чизеро
Бо ақл, ки дарнаёфт, имон овард [172].

Аскар Ҳаким дар мавриди ашъори устодаш А. Шукӯҳӣ чунин изҳори назар кардааст: «шеърҳое, ки дорои андешаҳои фалсафӣ ва панду ҳикмат ҳастанд, бешубҳа, бо таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва маънавии шоир пайванди мустаҳкам доранд» [16, с. 104]. Ин ҳарфҳо ба ашъори ӯ низ тааллуқ дошта метавонанд. Бо ин «Аскар Ҳаким дар тавсияи бунёди ақлӣ (интеллектуалӣ) ва ҷанбаи андешапарварии назми муосири тоҷик саҳми муҳим доштааст» [132, с. 207].

Масалҳои халқӣ ва классикӣ, ки то имрӯз дар ашъори Аскар Ҳаким мазмунан ё айнан истифода мешаванд, дар солҳои охир ба шакли ҷудогона ва бо зерсарлавҳаи «масал» низ ба вуҷуд омадаанд. Масалан, дар масали нави «Сангпушт ва уқоб» масъалаи озодӣ, ҷасорат ва тақдири инсон дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Сохтор ва шеваи баёни ин асар аз анъанаи классикӣ бархурдор буда, қаҳрамонҳо – сангпушти сустгард ва уқоби баландпарвоз ҳамчун рамзҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ истифода шудаанд. Агар дар адабиёти классикӣ чунин масалҳо бештар хусусияти таълимӣ ва ахлоқӣ дошта бошанд, дар эҷодиёти Аскар Ҳаким онҳо илова ба ин, масъалаҳои фалсафии замон ва мушкилоти иҷтимоиро ба меҳвар гузоштаанд:

«Сангпуште хост боре аз уқоб:
«Ту маро бар фаротар аз саҳоб,

То ки бинанд ин замингирони паст,
Байнашон чун ман фалакрав низ ҳаст»...
Омаду бардошт аз хокаш уқоб,
Бурд бар авҷаш, фаротар аз саҳоб... » [172]

Агар дар масалҳои маъруфи «Мурғобиву ғук» ҳодиса тасодуфӣ рӯй дода бошад, ин ҷо амали уқоб – партофтани сангпушт огоҳона мебошад. Шоир бемаънӣ ва беҳуда будани хислати шуҳратталабиро бо рамз ифода намудааст. Ин ҷо беихтиёр масали «Ба кӯрпаи худ нигоҳ карда по дароз бояд кард» ба ёд меояд. Дар ин маврид хулосаи муҳаққиқ М. Неъматзода дуруст мебошад: «Аскар Ҳаким бо истифода аз таҷрибаи шеърӣ ва анъанаҳои адабии классикӣ ва мардумӣ, ба маънии тоза бахшидани анвои суннатӣ, хусусан, масал, муваффақ шудааст» [92, с. 412]. Дар воқеъ, дар масалҳои шоир, новобаста ба мазмуни зоҳиран сода, паёмҳои мураккаби иҷтимоӣ, панду ахлоқӣ бо рамзу киноя, ба таври образнок пешниҳод шудаанд. Ин равиш, яъне, истифодаи зарбулмасалу мақолҳо, масал ва ҳикояҳои пандомез бо нигоҳи фалсафии замонавӣ яке аз хусусиятҳои барҷастаи назми Аскар Ҳаким ба ҳисоб меравад. Чунонки худ борҳо таъкид кардааст: «Шеъри хуб бояд шеъри андеша бошад, // На шеъри ҳазл, на шеъри парешон» [172].

Масали дуюм, ки низ солҳои охир эҷод шудааст ва қаҳрамонҳояш уқоб ва зоғ мебошанд, бар пояи ин ғояи ахлоқӣ ба вуҷуд омада, аз он ҷиҳат фарқ дорад, ки агар дар масали аввал мавзуи асосӣ накуҳиши зиёдаравӣ ва шуҳратталабӣ бошад, дар ин масал мавзуи ҳасад ба миён гузошта шудааст:

«Зоғро як умр дар дил буд ҳасад,
К-аз чӣ хубӣ бар уқобон мерасад?!
Омаду биншаст бар дӯши уқоб,
Мезадаш минқору мекардаш азоб...
Ту куҷо, эй зоғу шаҳболи уқоб,
Ки бубинӣ хеш амсоли уқоб?!» [172]

Вазни ҳар ду масал рамали мусаддаси маҳзуф (фоилотун / фоилотун / фоилун, – у – – / – у – – / – у –) мувофиқ бар маснавии Мавлоно Ҷалолуддини

Балхӣ, ҳамчунин, «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор ва достони «Ҷони ширин»-и М. Турсунзода мебошад. Масали аввал аз 11 байт, дуюмӣ аз 20 байт иборат аст.

Истифодаи маънӣ ва мазмуни устура, ривоятҳои мардумӣ, зарбулмасал ва маҷозҳо дар ашъори ӯ ба ифодаи маъниҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва дар тарбияи ахлоқии хонанда нақши муассир мебозад. Ҳадафи асосии шоир аз истифодаи чунин анвои адабӣ бедор кардани афкор, тарбияи ахлоқии ҷомеа ва ҳидоят ба зиндагии солим мебошад. Бо ин усул ва муҳтаво шоир тавонистааст, ки масалро ҳамчун жанри пандомез ва муҳимми адабӣ дар низоми шеъри муосир эҳё ва такмил диҳад.

Дар маҷмуъ, Аскар Ҳакимро дар адабиёти муосири тоҷик ҳамчун шоири андешапарвар ва пандомӯз метавон шинохт. Агар Лоиқро муҳаққиқон ва ҳамзамонон шоири миллат, Б. Собирро шоири тасвир ва тасвиргароӣ номида бошанд, бешубҳа, Аскар Ҳакимро метавон шоири ҳикматсаро донист.

Ба ҳукми хулоса, истифодаи устура, ривоятҳои динӣ, афсонаҳои мардумӣ, мақол ва зарбулмасалҳо дар шакли аслӣ ва мазмунан яке аз вежагиҳои барҷастаи ашъори шоир ба шумор меравад. Маъниҳои ахлоқӣ ва панду насиҳатии масалҳои мардумӣ бештар дар рубоӣ ва дубайтиҳои шоир ҷилвагар шудаанд. Аскар Ҳаким анъанаи ашъори классикии ахлоқӣ ва панду насиҳатиро ба таври назаррас эҳё намудааст. Дар солҳои охир ӯ ба эҷоди шеърҳое рӯ овард, ки бевосита дар сарлавҳаи онҳо калимаи «масал» зикр гардида, қаҳрамонони онҳо ҳайвонот, парандагон ва наботот мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқи боби дуюм – **«Мазмуну мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким»** имкон медиҳанд, ки чунин хулосаҳо пешниҳод карда шаванд:

1. Ашъори давраи аввали эҷодиёти Аскар Ҳаким бештар мавзуъҳои иҷтимоӣ, ватандӯстӣ, ишқӣ, тасвири табиат ва панду ҳикматро фаро гирифта, асосан дар қолабҳои анъанавӣ эҷод шудааст. Минбаъд дар шеъри ӯ тамоюли иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ҳикматомез тақвият ёфта, ғазал, рубоӣ ва маснавӣ барои ифодаи ин мазмунҳо бештар истифода гардидаанд.

2. Аз оғози солҳои 90-уми асри XX дар ашъори иҷтимоӣ ва ватандӯстонаи Аскар Ҳаким андешаҳои фалсафӣ бештар мавқеъ пайдо карда, муносибати шоир ба воқеият ва сарнавишти ҷомеа мазмуну тобиши тоза касб намудааст.

3. Дар ашъори солҳои муқовимати дохилӣ, таъсири вазъи иҷтимоии замон эҳсос мешавад. Даъват ба оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳу салоҳ ва муносибати интиқодӣ ба муқовимату майдоннишинӣ аз мавзуъҳои асосии ашъори ин давра мебошанд.

4. Дар марҳилаи дуюми фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким шеъри озод мавқеи бештар пайдо карда, асосан барои баёни андешаҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва тасвири воқеият истифода шудааст. Ин тамоюл аз густариши ҷустуҷӯҳои шакливу мазмунии шоир шаҳодат медиҳад.

5. Дар даҳсолаҳои охири фаъолияти эҷодӣ ҳикматгароӣ ва ахлоқандешӣ дар ашъори Аскар Ҳаким тақвият ёфта, рубоӣ, дубайтӣ, фард, қитъа ва масал барои ифодаи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқ ва таҷрибаи зиндагӣ бештар истифода шудаанд. Пайванди чунин мазмунҳо бо мавзуъҳои иҷтимоиву ватандӯстӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми эҷодиёти шоир ва муайянкунандаи ҷойгоҳи ӯ дар шеъри муосири тоҷик мебошад.

БОБИ III
ПОЭТИКАИ АШЪОРИ АСКАР ҲАКИМ

3.1. Сабку услуб ва санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким

Шарҳ ва тафсири сабк дар адабиётшиносии тоҷик аз асри XIX шуруъ шуда, то ин вақт таърифҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Донишманди эронӣ Маликушшуаро Баҳор бар он аст, ки «сабк – дар луғати тозӣ ба маънии гудохтан ва рехтани зару нуқра аст... вале удабои қарни ахир сабкро маҷозан ба маънии «тарзи хоссе аз назму наср» истеъмол кардаанд ва тақрибан онро дар баробари «стил – style»-и аврупоиён ниҳодаанд» [36, с. 16-17]. Ин муҳаққиқ истилоҳи сабкро бо мафҳумҳои «рехтагарӣ», «сутун», «ҳак (к) кардан» ё «рехтан дар олати филизӣ ё чӯбӣ», «қалам доштан» дар ягон навъи ҳунар дар иртибот донистааст, ки бесабаб нест.

Сабк аз мафҳумҳои «навъ», «намуд» фарқ мекунад. Сабки адабӣ гуфта, табиати умумии асари бадеӣ аз лиҳози мавзуъ ва инъикоси муҳит фаҳмида мешавад. Аз ин бармеояд, ки агар «навъ», «намуд» ба шакл, сохтори асар дахл дошта бошад, сабк ба мазмун ва муҳтавои он алоқаманд мебошад. Ба андозае ки ду асар метавонанд аз ҷиҳати шакл ва навъ монанд бошанд, аммо аз ҷиҳати мазмун (яъне, сабк) фарқ кунанд. Масалан, достонҳои «Ҳасани аробакаш»-и Мирзо Турсунзода ва достони «Нону имон»-и Аскар Ҳаким аз ҷиҳати навъ (жанр) монанданд, аммо сабкашон фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, шакл ва маънӣ дар асари бадеӣ алоқаи мутақобила доранд ва «ҳамин ягонагии фикру шакл ё маънӣ ва сурат аст, ки бунёди сабкро ташкил медиҳад». Аз ин бармеояд, ки танҳо дар ҳолати мувофиқ омадани шакл ва мазмун сабки тоза ба вуҷуд меояд.

Дар адабиётшиносии тоҷик сабк ва услуб ҳамчун истилоҳ бисёр вақт ба ҷойи якдигар истифода мегардад. Хуб мебуд, ҷойгоҳи ҳар яке аз онҳо муайян карда шавад. Сабк то андозае мафҳуми кулл ва услуб ҷузъро ифода мекунад. Дар мавриди тарзи хоси навиштории як нависанда будани услуб муҳаққиқ М. Муродӣ қайд кардааст, ки услуб «ба махсусияти эҷодии як муаллиф» тааллуқ дошта, «сабк ҷиҳатҳои муштараки услубии гурӯҳи муаллифон аст, ки

хусусияти типпӣ пайдо кардааст, масалан, сабки хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ» [79, с. 81].

Вобаста ба ин, таҳлили махсусиятҳои поэтикӣ ва ҳунари суханварии шоир яке аз усулҳои муайян кардани сабку услуби шоир буда метавонад. Аз ин рӯ, дар ин таҳқиқ махсусиятҳои поэтикии ашъор, санъати суханварии шоир Аскар Ҳаким мавриди таҳлил қарор мегирад, ки ин барои муайян кардани сабку услуби шоир кумак мерасонад.

Муҳаққиқон Маликушшуаро Баҳор ва М. Нарзиқул барои муайян кардани сабки шоирӣ чанд талабот пешниҳод кардаанд, ки онҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:

1. **Усули таърихӣ**. Маликушшуаро Баҳор бар он аст, ки омӯзиши муҳити зиндагии шоир яке аз роҳҳои шиносоӣ бо сабки шоир буда метавонад «Барои фаҳми муҳити маънавии як шоир ё насрнавис бояд ба таърихи сиёсию иҷтимоӣ ва илмии асри вай ошно гардид» [36, с. 19-20]. Дар адабиётшиносии тоҷик низ анъана шудааст, ки асосан аз ин усул истифода мебаранд. Зеро услуби ҳар шоир то андозае ба шароити таърихӣ, вазъи ҷомеа, муҳити зиндагии ӯ алоқаманд аст. Ин маънои онро дорад, ки барои муайян кардани услуби ашъори даврони шуравии Аскар Ҳаким ё ашъори замони истиқлоли шоир бояд муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавию адабии он давраҳо омӯхта шаванд. Усули мазкури муайян кардани услуби шоирро метавон **таърихӣ** номид.

2. **Усули забонӣ, фикрӣ ва адабӣ.** Ба қавли муҳаққиқ М. Нарзиқул, мушахассоти сабки шоирро метавон вобаста ба ҷиҳатҳои зер муайян кард:

- Забонӣ;
- Фикрӣ;
- Адабӣ [88, с. 227].

Истифодаи ин мафҳумҳо «дар аксар маврид баргирифта аз шеваҳои мутааддиди шеършиносии суннатӣ, бо фарогирии нақди завқию ҳунарӣ ва андешаҳои назарии мактаби сохторгароёнаи урупоӣ мебошад» [88, с. 226].

Талаботи дигар барои шинохти сабку услуби шеър, ки асосан солҳои охир дар адабиётшиносӣ ба вуҷуд омад, ин ба шакл ва сохтори шеър тааллуқ дошта,

мусиқӣ ва оҳанги шеърро меомӯзад. Оид ба ин масъала муҳаққиқ Р. Ваҳҳоб чанд таҳқиқот анҷом дода, собит намудааст, ки шеър ва мусиқӣ ба ҳам «пайванди қавӣ» доранд. Муҳаққиқ ин хусусиятро дар асоси шеъри озоди «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ таҳлил намудааст. Бо назардошти ба «Марселеза»-и аврупоӣ ҳамоҳанг омадани шеъри мазкур собит гардида, ки «вазни суннатии арӯз метавонад ба мусиқии дигар халқҳои ҷаҳон созгорӣ дошта бошад» [170].

Бо мақсади дарёфти тарзи пайвандии шеъру мусиқӣ имрӯз аз усули тасниф истифода мешавад. Он асосан бар пояи шеъри нав ба вуҷуд омадааст. Муҳаққиқи зикршуда бар он ақида аст, ки матни Суруди миллии Тоҷикистон, ки ба қалами Шоири халқии Тоҷикистон К. Гулназар марбут мебошад, дар вазни арӯзи ҳазаҷи мақбуз (V-V-) ва дар қолаби арӯзи нав буда, ба оҳанги интихобшуда мутобиқат дорад. «Мутобиқати арӯзи нав ба мусиқии ҷадид мисли тасниф ба фазли ҳамон имкони гуногунии тули мисраъҳо муяссар мегардад» [170].

Дар ин маврид худи Аскар Ҳаким ҳам андешаҳои ҷолиб баён кардааст: «муносибати байни тафаккуру забон чунон наздик буд, ки забон бо шеър қариб ҳамсон гаштааст» [14, с. 101]. Вобаста ба ин, назарияи муносибат ва алоқаманди шеър ва мусиқӣ ба вуҷуд омад.

Аскар Ҳаким «бори аввал дар адабиётшиносии мо ҳамоҳангии садонокҳову ҳамсадоҳо дар шевоии мисраъҳоро таҳқиқ кардааст» [48, с. 266]. Маҳз ба ин сабаб ашъори беҳтаринро бо мусиқӣ мехонанд ва «иллати гароиши аҷиби Мавлавӣ дар қофияҳо ин аст, ки шеърашро ба зарб менавохтанд» [16, с. 75-76].

Дар мавриди мувофиқати садову овозҳо дар шеър корҳои анҷомдодаи муҳаққиқи эронӣ Шафеии Кадканӣ қобили қайд мебошанд [57, с. 96].

Дар осори шоирони бузург овоз ва мусиқӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми шакл ва мазмун бо ҳам пайвастанд ва ин пайванди қавӣ боиси шуҳрат ва арҷгузории шеъри онҳо шудааст. Таҳқиқоти илмиву назариявӣ дар бораи муносибати шеър ва мусиқӣ нишон медиҳад, ки барои дарки асарҳои ҳунарӣ, бахусус, шеъри

шеваи арӯзи ва таснифӣ, бояд на танҳо маънии калимот ва ташаккули фикр, балки ҳамоҳангии овоз, мусиқӣ ва ритми шеър низ ба назар гирифта шавад. Ба ин васила, шеър ва мусиқӣ ҳамчун ду шакли гуногун ва ҷузъи ягонаи фарҳангӣ ва эстетикӣ, ки бо ҳамдигар пайванди қавӣ доранд, дар табиати инсон ва адабиёти бадеӣ нақши калони таърихӣ ва иҷтимоиро дороанд. Ба ин маънӣ, Аскар Ҳаким шеърҳои солҳои аввали устодаш Шукӯҳиро «насри шоирона» номидааст. Чунин осори мансури шоирона дар вақташ таҳти рубрикаи «Шеъри мансур дар рӯзномаи «Бухорои шариф» низ дида шудааст [39].

Бо вуҷуди ин, истилоҳи сабк ва услуб, ҳадди байни онҳо дар адабиётшиносии тоҷик то ҳол пурра муайян нагардидааст.

Дар даврони шуравӣ шоирон сабку услуби хосси худро доштанд. Бо талаботи сиёсӣ ва ғоявӣ ҳама маънавиёти инсон, аз ҷумла, адабиёт ба хубу бад, сиёҳу сафед ҷудо карда мешуд, барои ранги миёна ҷой набуд. Ҳол он ки ранги миёна «воқеиятест, ки дар он сифатҳо ба ҳам омехтаанд» [14, с. 62]. Дар охири даврони шуравӣ ва имрӯз дар шеър сабке роиҷ гардид, ки алҳол номи муайян пайдо накардааст. Омӯзиши сабку услуби шоироне чун Аскар Ҳаким метавонад дар ҳалли ин масъала кумак расонад. Таҳқиқи ашъори даврони шуравии Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки интихоби мавзуъ, сохт ва услуби эҷодии ин шоир ба шароити замон – даврони осоиштаи шуравӣ, минбаъд даврони бозсозӣ, худшиносӣ, доругири солҳои аввали истиқлол, ҷангҳои дохилӣ, тарғиби сулҳу салоҳ, ободонию ободкорӣ созгор мебошад.

Аскар Ҳаким дар маҳфиле, ки бо эрониёни дӯстдори назми форсӣ баргузор шудааст, намунаҳо аз ашъораш – «Баргпайванд», «Чӣ эҳсоне?!», «Дарё маро бигир»-ро қироат кард; вақте ҳозирон онҳоро ҳамчун «ҳаммонанди шеъри нави Эрон» дониста, чунин изҳори назар мекунанд, ки оё шеъри муосири тоҷик аз аввал чунин будааст, шоир ҷавоб медиҳад: На, шеъри даврони шуравӣ каме дигартар буд. Бале, сабки шеърҳое, ки ҳоло ӯ қироат кардааст, ба сабки нисбатан озоди тасвирии шоирони эронӣ шабоҳат дорад, аммо «ин сабк дар Тоҷикистон тоза шуруъ шуда, шеъри тоҷик дар садаи бист

(яъне, даврони шуравӣ – Меҳроҷиддин Қаҳорзода) асосан дигаргунатар... аст» [135, с. 77].

Бо назардошти он ки ҳадди байни сабк ва услуб то андозае муайян гардид, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ашъори Аскар Ҳаким равиши реализм (воқеиятнигорӣ) ҷойгоҳи асосӣ пайдо кардааст. Инро оид ба ашъори устод Садриддин Айнӣ низ метавон ёдовар шуд, ки дар вақташ ба он тамоюлоти реалистии шеъри иҷтимоии замон таъсир расонида буд [164, с. 31].

Дар бораи махсусиятҳои шеъри даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти зиёд анҷом дода шудааст. Муҳаққиқон бар онанд, ки сабки ашъори шоирони насли калонсоли даврони шуравӣ чун М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ ва шоирони ҷавон, чун А. Ҳаким «бештар такя бар сабки хуросонии классикӣ» [14, с. 77] дошт.

Дар бораи махсусиятҳои сабки шеъри даврони шуравӣ муҳаққиқон М. Шакурӣ [154; 155;], А. Сайфуллоев [109, с. 200-206], Х. Шарифзода, А. Сатторзода [117], А. Ҳаким ва дигарон изҳори назар карда, қайд намудаанд, ки шеъри даврони шуравӣ аслан «шеъри фаъолият буд», дар он албатта, ҷаҳони ботин эҳсос мешуд, аммо фақат аз «шодию сурур» иборат буд [14, с. 37]. Оид ба ашъори даврони шуравии Аскар Ҳаким низ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он асосан аз мавзуъҳои зерин иборат аст:

– Ифтихор;
– Даъват;
– Тасвир;
– Ишқ.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки бисёр шеърҳои солҳои 70-ум ва 80-уми асри XX-и Аскар Ҳаким шеъри муроҷиат ва ифтихор буданд. Ҳатто, номи шеърҳоро мулоҳиза кунем, дар онҳо асосан калима, ибора ва мафҳумҳои конкрет (на абстрактӣ) истифода мешаванд:

– «Асри бист»,
– «Мероси аҷдод»,
– «Хоки Ватан»,

– «Дар осорхонаи устод Мирзо Турсунзода»,
– «Масъули замин»,
– «Шеъри Ватан»...

Аз ҷумла, дар шеъри аввал – «Асри бист», бартарӣ ва норасоиҳои асри XX канори ҳамдигар дарҷ шудаанд.

Дар чунин ашъор мавзуъҳои ифтихор аз Ватани шуравӣ, дастовардҳояш, сулҳ, меҳнат, табиат ва мардум дар ҷойи аввал қарор гирифтаанд. Дар ин робита аз калимаву ибораҳое истифода шудааст, ки баёнгари эҳсосоти ҳамонлаҳзаи шоир мебошанд. Аз ҷумла, «мероси аҷдод», «мероси пуршон», «ватандор», «авлод», «сайёра», «ганҷи ашъору сухан», «кӯҳсон» аз шеъри «Мероси аҷдод»; «ҳасрату доғи Ватан, «рӯзи одам беватан», «бигзор як рӯз нагзарад» аз шеъри «Хоки Ватан»; «касби камол», «одами одии даврони басо ноодиям», «кину адоват», «инсони нав», «марди инқилоб», «даврони нав», «давронсози нав», «замонбардӯш», «замонсоз» аз шеъри «Масъули замин»; «шеъри Ватан», «шеъри замон», «шаҳболи парвози сухан», «ақибафтода», «давру даврон», «ҷаҳони бевафо», «пурсамар» аз «Шеъри Ватан» ва ғайра ба кор рафтаанд. Агар дар қиёс оварда шавад, бояд қайд кард, ки аксари калимаву ибораҳои зикршуда дар ашъори давраи дуюми шоир – даврони Истиқлоли давлатӣ, дида намешавад ё кам аст.

Чунонки қайд шуд, аксар ашъори нахустини шоир дорои оҳанги иҷтимоӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар шеъри «Асри бист» шоир тавассути истифодаи вожаҳои оҳангнок ва тасвирҳои рамзии «хоксори пурғурур», «арсагоҳи хайру шарр», «асри пуршӯру ҷадал», «асри инсонро ба дӯш», «асри инқилобии ҷавон» [12, с. 20] махсусиятҳои асри бистро ба тасвир кашида, дар ин замина мавқеи иҷтимоӣ ва сиёсии хешро баён кардааст.

Ба андешаи шоир, «Ватан монанди модарест, ки дар канораш фарзандонашро парвариш мекунаду муҳаббаташ ба ҳамаи онҳо яксон аст» [108, с. 365].

Шахсияти ғиноӣ худро фарзанди Ватан дониста, «ба арсаи сухан қадам монданашро тавзеҳ медиҳад, ки он низ заминаи иҷтимоӣ дорад» [108, с. 365].

Шоир дар шеъри «Хоки Ватан» нафареро, ки аз Ватан дур аст, аммо ба ёди Ватан зиндагӣ дорад, ба бозгашт хондааст. Зеро дурӣ аз Ватан аз ҳамаи дардҳо гаронтар аст: «Ҳасрату доғи Ватан садчанд аз ин бошад гарон» [12, с. 22].

Дар ҳамон марҳилаи аввали эҷод Аскар Ҳаким барои ба шеър ворид намудани андешаҳои фалсафии иҷтимоӣ тавассути тасвирҳои табиӣ ва ишораҳои **рамзӣ** иқдом кардааст, ки онро метавон яке аз навоварии сабки эҷодии ӯ донист. Рамз дар ин давра барои ифодаи мақсад нақши асосӣ бозидааст. Бо ёрии он зебоии муҳаббат ва маънавиёти инсон тавъам бо муҳити зист тараннум гаштааст.

Тасвирҳои рамзӣ бисёр вақт дар ашъори шоир дар инъикоси мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ истифода мешаванд. Гуфтан мумкин аст, ки махсусиятҳои услуби ашъори даврони шуравии Аскар Ҳаким ба таври зер мебошад:

1. Сиёсат, иҷтимоиёт ва маънавиёти давр дар шаклгирии сабку услуби шоир таъсир мегузорад. Ин аст, ки дар давраи аввали фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким шеъри иҷтимоӣ мавқеи аввалиндараҷа дошт;

2. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ баъзе махсусиятҳои сабку услуби ашъори анъанавии шуравӣ аз байн рафта, ба ҷойи он таваҷҷуҳ ба маънавиёт, фалсафа, панду ахлоқ бештар шуд, ки инро дар ашъори индавраинаи Аскар Ҳаким метавон дид.

Дар солҳои 70-ум – 80-уми асри XX низ ашъори ошиқона, ирфонӣ ва тасвирӣ дар ашъори шоирони дигар ҷойи асосиро ишғол мекард. Аммо Аскар Ҳаким дар ин мавзуъ он вақт кам шеър мегуфт. Сабаби инро аз таваҷҷуҳи ӯ ба мавзуъҳои иҷтимоӣ донистан мумкин аст.

Дар ин давра намунаҳои аввалини шеъри фалсафӣ ва ирфонии Аскар Ҳаким низ ба вуҷуд омаданд, ки намунааш чаҳорпораи «Ту маро, эй дил...» аст.

Дар байни ашъори давраи аввали Аскар Ҳаким ва устодаш А. Шукӯҳӣ монандиеро метавон дид. Ин монандӣ, дар навбати аввал, дар мавзуъ, содабаёнӣ, оҳанг, созу навои шеър дида мешавад. Масалан, Шукӯҳӣ:

Саҳаргаҳ нолаи ошиқ шунида
Ҷаҳон бо чашми булбул дида будам.

Аскар Ҳаким монанд ба он дар ҳамин мавзуъ дар чаҳорпорае сурудааст: «Дар лаби дарёи сабзе // Бо ғамат биншаста будам. // Дар шикасти мавҷи дарё // Орзу бишкаста будам» [12, с. 82]. Чунин қаробати мавзуӣ ва услубӣ ба ашъори устодаш дар даврони Истиқлол аз байн рафтааст, зеро Аскар Ҳаким аллакай сабку услуби хоси худро пайдо карда буд. Ба қавли муҳаққиқон, «ҳангоми фаъолияти эҷодӣ тафаккури ҳунарманд таҳти таъсири тахайюли халлоқ дар сатҳи дигари муносибату робитаҳо қарор мегирад ва дар интихобу риояти меъёрҳои назариву амалӣ ихтиёру озодиҳои бештар дорад» [170]. Ин ба он маъност, ки шахси эҷодкор баробари риояи «меъёрҳои назариву амалӣ», ки аз тарафи ҷомеа қабул шудааст, ба худ иҷозат медиҳад, ки дар ифодаи эҳсосоти ботинии хеш то андозае озод бошад, аз доираи таъсири устодони худ берун барояд. Ашъори мақбули ғиноии М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат ва шоирони дигари маъруф намунаи ин аст. Аз ин рӯ, табиист, ки Аскар Ҳаким ҳам тадриҷан пайроҳаи эҷодии худро пайдо кард.

Дар интихоби сабку услуб, шакл ва мавзую мазмун Аскар Ҳаким бештар озодона рафтор карда, шеърҳои мазмунан ва шаклан нав эҷод кардааст. Муҳаққиқон зимни номбар кардани баъзе ғазалҳои шоир чун «Ба камон чӣ гуна хӯ гирам...» [12, с. 218], «Шеъри хундори ман гиряд...» [12, с. 219], «Қимати коло баланду ҳиммати воло шикаст» [12, с. 220], «Кӯча шомгоҳон холист...» [12, с. 259], «Ҳаққи ҳақвар» [12, с. 262], ки солҳои 80-90-ум эҷод шудаанд, қайд карданд, ки дар онҳо ба ғайр аз мазмуни нав – ба ғазал ворид кардани мавзуи сиёсӣ, дар шакл ҳам навоварӣ мушоҳида мешавад: «вазни баъзеи онҳо он вақт аввалин бор дар шеъри муосири тоҷик истифода шуда буд» [98, с. 8]. Ин аст, ки шеъри Аскар Ҳаким, ҳарчанд дар сабк ба шоирони ҳамдавр мувофиқ буд, аз баъзе ҷиҳатҳо аз онҳо фарқ мекард. Дар ин бора шоири ҳамзамони ӯ К. Насрулло чунин иброз доштааст: «Аскар Ҳаким на ба забони маъмулие, ки ҳамагон менависанд, шеър мегӯяд, ӯ як забон ва баёни хоси худро дорад... Бадоҳатан мехоҳад дар як шеър ҳама гапро гунҷонад, яъне, ки шеъри ӯ дар аксари мавридҳо хеле пурбор аст» [172]. Маҳз ҳамин ҷустуҷӯю ковишҳои зиёди

амалию назариявӣ буд, ки Аскар Ҳаким дар давраи дуюми эҷод – Истиқлоли давлатӣ, услуби хоси худро ба вуҷуд овард.

Аз вежагиҳои ашъори Аскар Ҳаким аст, ки тавонистааст маъниҳои иҷтимоиро бо оҳанги бадеӣ ва образсозии нозук ба тасвир кашад. Дар шеъри «Найсаворем ба мисли кӯдак» муаллиф ғурури шоириро ба «найи худ», ки онро ба Рахши Рустам монанд карда, образи нав офаридааст [12, с. 53]. Ин аз ҷаҳони маънавии ғании эҷодкор дарак медиҳад.

Ҳамчунин, дар яке аз шеърҳои дигар, шоир сухани шоиронаро ҳамчун «мисраи тар» ба тасвир гирифта, онро мояи руҳу нафаси тоза медонад: «Зиндагии тоза мебахшад шабе // Мисраи тар шоири бедорро» [12, с. 54]. Ин ифода баёнгари он аст, ки шеър аз нигоҳи шоир василаи ҳунар ва роҳе барои эҳёи маънавӣ ва бедории фикрии инсон аст.

Масъалаҳои асрори зиндагӣ ва муҳити иҷтимоӣ дар шеъри «Акси садо» ба ҳам омезиш ва ба таври табиӣ тасвир ёфтааст. Аскар Ҳаким дар ин шеър русто ва зиндагии мардуми деҳотро тасвир карда, ки бо оромиву осоиш умр ба сар мебаранд, вале «занҷир»-е дар пояшон бастааст, ки онҳоро ҳамеша ба тарафи шаҳр мекашад [12, с. 63]. Ин тасвир дар баробари баёни муҳаббати инсон ба хона ва рӯзгори хеш, андешаи то андозае пӯшидаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва равониро низ фаро гирифтааст:

Мафҳуми «шеър» ба маънои зиндагии шоир низ омадааст. Маҳз шеър аст, ки шахсияти ғиноиро ба майдони зиндагӣ кашидан дорад. Ин маънӣ дар шеърҳои тасвирии дигар низ ба таври нозук ифода ёфтаанд. Дар ин маврид яке аз чаҳорпораҳои Аскар Ҳаким – «Ту будию ману ин обшорон» суруди дӯстдоштаи мардум гардидааст [12, с. 75]. Ин суруд бо образофаринии нозук ва эҳсоси поку самимии инсонӣ тарҳрезӣ шуда, бозгӯи фазои ошиқонаву табиӣ мебошад.

Дар солҳои нооромиву бенизомии сиёсию ҷамъиятии солҳои 90-уми асри ХХ ашъори шоир шаклу оҳанги нав касб намуда, бо таъбирҳои файласуфона даромехта, рангу тобиши дигар пайдо кард. Ҳамин тавр, дар шеъри «Чӣ эҳсоне?!» сухан аз «кӯдакони гушна», «оташдони сармохез, ки кайҳо нест аз

ангиштсангаш ёд», «шоҳзодаи ҳақиру зору нодор», «дасту домани холӣ», «хонаи пирони зор», «умеди мурдани осони боғбон», «ранҷу машаққатҳо», «марги осон» сухан меравад. Яъне, мисли аксар эҷодкорон дар ин давр оҳанги яъсу ноумедӣ ба ашъори А. Ҳаким низ роҳ ёфт. Ин ҳолатро муҳаққиқон низ ҳис кардаанд. Аз ҷумла, сабаби ба шеъри «Шаҳри меҳолуд» ворид гардидани оҳанги ноумедиро М. Шакурӣ чунин шарҳ додааст: «Ноумедӣ дар шеъри некбинтарин шоирони имрӯз низ дида мешавад. Аскар Ҳаким аз ҷумлаи онҳост. Як шеъри ӯ «Шаҳри меҳолуд» ном дошта (ва «меҳ» ин ҷо туман, абри ғализ маънидод шудааст), суруди ҳазинест... Ва як мисраи он ин аст: «Агар як зарраи нуре буд, он ҳам мурд» [12, с. 164]. Яъне, охирин умедҳо низ нобуд мешаванд. Дар ин шеър, ба таъбири шоир, шаҳрро абрҳои сиёҳ фаро гирифта, ҳатто, чароғе қудрати равшанӣ бахшидан надорад: «оҳиста, ки зери пойи ту на роҳ аст, бал чоҳ аст», мардумон «дар байни роҳ ҳайрону ошуфта», «рӯзи бесару сомону ноҳамвор», «агар як зарра нуре буд, он ҳам мурд» [12, с. 163-164]. Ҳодисаи воқеии гаравгонгирии Сарвари давлат низ бо забони бадеӣ басо возеҳ ва хотирмон тасвир шудааст. Ин ҳолат шоирро ба ташвиш оварда, ҳайрону пурташвиш нидо медиҳад:

– Худоё, ин чӣ ҳол,
имрӯз бо мардум
чӣ коре шуд [12, с. 164].

Шеър дар шакли озод буда, дар вазни ҳазаҷи солим ва рункҳои шикастаи он суруда шудааст. «Чӣ кунам?!» низ шеъри иҷтимоӣ буда, ошуфтаҳолии мардумро бозтоб медиҳад. Дар он вазъи нооромии ҷумҳурӣ дар солҳои аввали навадуми асри гузашта ба таври бадеӣ хеле муассир инъикос ёфтааст [12, с. 165].

Шахсияти ғиноии шеър дар лобалои он намедонад чӣ кор кунад – бигиряд ё «наъразанон» бархезад. Ин мавзуъ дар шеъри озоди «Муаммои ворастан» низ мушаххасу муассир ифода ёфтааст. Дар ин шеър ибораҳое чун «рӯзи ором», «абри гирён», «раъди ғуррон», «сангборон», «бедод», «сайёд» ва ғ. ба кор

рафтаанд, ки асли мақсад ва муҳити иҷтимоиро бо баёни рамзӣ ва бадеӣ ба шунаванда ва хонанда мерасонанд [12, с. 166-167].

Мувофиқ ба вазъи иҷтимоӣ, дар ҳамон айём ҳодисаҳои нохуши табиат низ яке аз паси дигар рух медоданд. Ин аст, ки дар ин шеър ифодаҳои халқие чун «кӯл шудани об», «дар лой ҷӯлидан» маънии рамзӣ гирифта, мушкили вазъи иҷтимоиро боз ҳам барҷастатар ва пурмаъно ба намоиш гузоштаанд:

Дар заминҳо обҳо кӯланд,
Чӯҷаҳо дар лой меҷӯланд...
Бод мешӯрад...
Абр мегиряд...
Раъд меғуррад [12, с. 166-167].

Баробари ин, дар ин давра кам бошад ҳам, ашъоре низ суруда шудаанд, ки аз тағйири руҳияи шоир дарак медиҳанд. Инро дар баъзе ашъори силсилаи «...Боз мерасад хуршед» (1998-2002) – шеърҳои «Рақси камари ироқӣ», «Ҳасрати ишқ», «Лоилоҷ», «Умр агар вафо кунад» мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо оҳанги саршор аз шавқу завқ, тасвирҳои пурҷило ва ташбеҳоти навин суруда шудаанд. Гузашта аз ин, дар ин шеърҳо боз як вежагии шоёни таъкид падид омадааст – истифодаи образу ташбеҳҳои тоза ва ғайриқолабӣ, ки муҳити лирикиро аз эҳсосоти зебоӣ ва самимият пур месозанд. Масалан, ташбеҳҳое чун «майсаи мижгони ту», «кӯли чашмон», «мармиҷонҳои лаб», ки табиату инсонро бо як муҳаббати тоза ва ба тариқи нафис ба ҳам мепайвандад, гувоҳи завқи баланди шоир ва рӯ овардани ӯ ба ҳаётдӯстӣ дар шароити фишори равонии даҳсолаи пешин аст [12, 248].

Дар шеъри «Ин чӣ эъҷозу ин чӣ эҷоде?!» ишқ ба андозае равшан тасвир ёфтааст, ки мунаққиди сахтгир метавонад муаллифро ба фаҳшгӯӣ гунаҳгор намояд. Аммо тасвирҳои Аскар Ҳаким, ки табиатро ба ҷисми зан монанд кардааст, нозук ва табииву гӯшрас буда, дили инсонро ба зиндагӣ гарму нарм мекунад. Дар ин бобат, шахсияти лирикӣ ба қувваи Худованд қоил шудааст:

Қуллаи кӯҳу жарфии дарё
Дар зане ту чӣ гуна ҷо додӣ?! [12, с. 287]

Он чиз аён аст, ки пайравии Аскар Ҳаким ба чунин ашъор эҷодкорона ва навоварона аст. Агар Б. Собир дар чунин як шеъри ошиқона ифодаи «Заррае кам намешавӣ»-ро истифода бурда бошад, Аскар Ҳаким дар «Шеъри зани маҳбуб» таъбири «То ба ҳар мавҷуд тапиш мегардӣ имшаб тозатар аз хеш» [12, с. 206]-ро ба кор бурда, ки то андозае нав буда, дар он шоир аз чаҳорчӯбаи одоб убур накардааст. Ё дар яке аз ғазалҳои солҳои охир дар саҳифаи интернетиаш мавҷуда бонувонро барои «танҳо зан будан»-ашон чунин васф кардааст: «Туро танҳо барои буданат ман дӯст медорам, // Тани дар ҷон, туро чун ҷони дар тан дӯст медорам... // Миёни барфҳо меомадӣ, ту тозатар аз барф, // Туро бо барфҳои куҳу барзан дӯст медорам» [172].

Муҳаққиқон, таваҷҷуҳи Аскар Ҳакимро ба сохтору шакли шеър ба мушоҳида гирифта, аз ҷумла, М. Меҳрдод ӯро «шоири сохторгаро» номидааст [74, с. 421]. Вобаста ба ин, дар шеъри дигар истифодаи калимаи «чашмандоз» ба маънии нав, ки ҳамчун «чашмаки дари хона» корбаст шудааст, нишонаи талоши ӯ барои эҳёи истилоҳу маъниҳои нав ва тақвияти забони адабии тоҷикӣ мебошад: «Туро аз пушти дар бинад ба чашмандоз» [12, с. 251]. Ин гуна таҷрибаҳои луғавӣ яке аз вежагиҳои фарқкунандаи сабки шоир маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқ Б. Шарифзода яке аз хусусиятҳои асосии ашъори давраи аввали Аскар Ҳаким – шеъри тасвириро муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд кардааст, ки дар шеъри «ғиноии тавсифию тасвирӣ» (истилоҳи сохтаи Аскар Ҳаким) тавсифу тасвир бар андешаву эҳсосоти фарди ғиноӣ бартарӣ дорад. Чунин навъи шеъри тасвирии ишқиро Б. Шарифзода «шеъри пейзаж – манзара» номида [158, с. 109] бошад, Аскар Ҳаким онро «шеъри манзара» номидааст [76, с. 132]. Ҳамчунин, дар ашъори Аскар Ҳаким шеърҳои тавсифӣ мушоҳида мешаванд, ки дар чунин шеъри «ғиноии шахсиятӣ» (истилоҳи Аскар Ҳаким) сухан аз шахсиятҳо меравад ва ин услуб дар шеърҳои тавсифӣ (ба шахсони алоҳида бахшидашуда) риоя шудааст.

Сифати асари бадеӣ, пеш аз ҳама, шеър, аз маҳорати шоир дар мавриди истифодаи санъатҳои лафзию маънавии маъмул, риояи қоидаҳои қофияву радиф ва ғайра иборат нест. Инҳо унсурҳои шаклии шеър мебошанд. Дар шеър

ҷобаҷогузорӣ, риояи унсурҳои маънавӣ, руҳиву равонӣ ва ботинии он низ муҳим арзёбӣ мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои забонии сабки ашъори Лоиқро муҳаққиқ М. Нарзиқул дар истифодаи луғати омиёна ва халқӣ дониста буд [88, с. 228], ки чунин хусусият дар ашъори Аскар Ҳаким низ дида мешавад. Дар шеърҳои ӯ, махсусан, дар давраи дуюми эҷодиёташ калимаву ифодаҳои мардумӣ, омиёна зиёд истифода шуданд. Баъзеи онҳо оҳанги духӯра дошта, таъсирбахшии шеърро афзун намуданд ва бозёфти шоир дар тасвир мебошанд. Дар ин шеърҳо калима ва ифодаҳои нав ба назар мерасанд, ба мисли «меҳнатдӯст», «содиқ», «бӯстон», «оммавӣ», «шодоб», «дили пок», «давлатдӯстӣ», «рушд», «ташаккул», «барқарор», ки аз луғати мардумӣ ва забони рӯзмарра гирифта шудаанд. Ин калима ва ибораҳо боиси наздиктар шудани шеър ба забони муқаррарӣ ва ҳусни таассурот дар шунаванда мегарданд. Онҳо дар эҷодиёти Аскар Ҳаким маҳз дар давраи Истиқлол бештар мушоҳида мешаванд ва дар баробари ин, таъсири паёмадҳои иҷтимоию сиёсӣ низ ҳастанд. Ашъори ӯ дар баробари таҷассуми меҳри беандозаи худ ба Ватан, инчунин, таъкиди сулҳ, субот ва рушди давлату ҷомеа мебошад. Ин нуктаҳо дар ибора ва калимаҳои интихобкардаи шоир ҳамчун рамзҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ҷилвагар мешаванд.

Дар мавриди сохти ашъори солҳои охири Аскар Ҳаким бояд гуфт, ки бештари онҳо дар вазни ҳаҷази мусаддаси маҳзуф, бо қофиябандии абаб, ааба ва абвб суруда шудаанд. Ин интихоби вазну қофия мувофиқ ба мазмун ва эҳсоси баёншуда мебошад. Зеро вазни ҳазаҷ бо сабукию лаҳни нарм ва оҳангнокӣ барои баёни эҳсоси фалсафию муҳаббат ва панду насиҳат имконият фароҳам меоварад. Дар эҷодиёти Аскар Ҳаким новобаста ба мазмун ҳунари тасвиргарӣ, риштаҳои ирфонӣ ва андешаҳои фалсафӣ мавқеи аввалиндараҷа доранд. Ин хусусиятҳо ӯро миёни адибони муосири тоҷик бо сабку нигориши хос фарқ мекунонад.

Дар бораи сабку услуби шеърҳои Аскар Ҳаким шоирон ва муҳаққиқони хориҷӣ низ изҳори ақида кардаанд. Аз ҷумла, Р. Ҳамзатов услуби хоси ниёиш

доштани ин шоири тоҷикро қайд намуда: «Аскар Ҳаким шеърҳои ҳамсони ниёиш меофарад» [149, с. 17].

Муҳаққиқ А. Сатторзода зимни таҳқиқи сабки шеъри солҳои 70-уми асри XX, бо назардошти ашъори М. Қаноат ҷараёни услубии романтикии он замонро ба ду «шохаи баруманд» ҷудо кардааст:

– Романтикаи ҳамосӣ (М. Қаноат, Қ. Киром, К. Насрулло) ва романтикаи тоза (Б. Собир, Гулрухсор);

– Дар муқобили ҷараёни романтикаи тоза (сирф) реализми тоза гузошта шуда, ки ашъори Лоиқ ва Гулназарро аз ҷумлаи он донистааст [116, с. 49-50].

Ба андешаи мо, услуби Аскар Ҳаким ба шохаи дуюм наздикӣ дошта, бо тарзи баён фарқ мекунад. Онро реализми ҳамосӣ ва воқеиятнигорӣ номидан мумкин аст. Дар чунин ашъори Аскар Ҳаким фалсафа, панду насиҳат ва устура мавқеи намоён дорад.

Чунин хусусияти ашъори Аскар Ҳаким – истифодаи рамзу тамсилҳо, масалу мақолҳоро А. Раҳмонзода ба таҳқиқ кашида, қайд кардааст, ки дар бисёр маврид «бархе аз сувар мисли «шамъу парвона» ӯро ба тааммул вомедорад», ҳамчунин, дар як шеъри ғиноии ӯ «гоҳо чанд чеҳра зуҳур мекунад, ки шинохти шахсият ва эҳсоси андешаи вай осон нест» [103, с. 29]. Ин маънои онро дорад, ки дарки ашъори тамсилӣ ва фалсафию тарбиявии шоир аз хонанда ҷаҳонбинӣ ва дониши васеъро мехоҳад.

Агар шеърҳои давраи аввали Аскар Ҳаким дар заминаи лирикаи иҷтимоӣ ба вуҷуд омада бошанд, дар давраи дуюм бо афзоиши озодии андеша ва эҳсоси масъулияти миллӣ шоир услуби нави шеърро, ки бо истифодаи забони халқӣ ва рамзу тасвирҳои бадеӣ тавсиф мегардад, рӯйи кор оварад.

Собит гаштааст, ки барои ба даст овардани шеъри мақбул истифодаи саривақтӣ ва дурусти санъатҳои маъмули бадеӣ ва бархурдор будан аз сувари хаёл зарур аст. Зеро «шеър бояд мавзуну хаёлангез бошад» [127, с. 10]. Дар ин маврид бояд гуфт, ки то ба ҳол таърифи ниҳоии шеър ба вуҷуд наомадааст. Аз адабиётшиносони Ғарб «шеър ба қавли Пол Элюар ҳунарест ҳарфе бигӯӣ, ки аз

мақсад ҳарфе нагуфта, онро гуфта бошӣ, яъне, як чиз мегӯиву маънои дигареро дар назар дорӣ, ки аз он амиқтар аст» [16, с. 583]. Аскар Ҳаким таърифи мазкурро мантиқӣ ва саривақтӣ шуморидааст.

Муҳаққиқ А. Сатторзода зимни таҳлили як шеъри Аскар Ҳаким мисраи «Ба рӯйи шохаҳоят мурғакон зангӯлаи субҳанд»-ро мисол оварда, қайд кардааст, ки дар он «саҳнаи муқаррарии зиндагии рӯзмарра» инъикос ёфтааст. Байти зерро чунин шарҳ додааст:

Бо ёди ту беёд, ки меистодам
Печида ба ман ошиқи печон гул кард.

«Манзараи дар шохҳои дарахтон шабона хобидани мурғонро дидаед?! Он манзараи басо ҷолиб ва зебост. Вале он ҳанӯз шеър нест. Шеър он вақт шудааст, ки шоир ин манзарароро ба мисраи дар ашъор хуфтани наво, оҳанг монанд намудааст» [117, с. 136]. Бояд гуфт, ки ин ҷо истеъдоду ҳунар ва сувари хаёли шоир ҳувайдо гаштааст.

Дар шеъри шоирони боистеъдод ва донишманд унсурҳои шаклӣ ва зоҳирии шеър – санъати сухан ва унсури маъноӣ ва ботинии шеър – сувари хаёл, ба андозаи зарурӣ мушоҳида мешавад. Замина, мақсад ва сабабҳои бавуҷудоии ин ду унсур дар шеър аз тарафи Аскар Ҳаким чунин шарҳ ёфтааст: «бо истифода аз анвои гуногуни сувари хаёл – маҷозу ташбеҳу истиораву кинояву ташхис ва монанди инҳо сухан гуфтану мақсуди худро баён намудани инсон аз давраҳои хеле қадим оғоз гаштааст» [14, с. 101] Яъне, дар шеър андеша нақши аввалиндараҷа мебозад. Вақте андешаи шоир фароху амиқ ва сувари хаёлаш зебову дилпазир аст, шеъраш дилнишин хоҳад шуд: «Шеъре, ки андеша дар он нақше надошта бошад, танҳо шӯру эҳсосот аст ва замоне шеър умқ (амиқӣ) пайдо мекунад, ки муҳтавӣ (доро)-и андешаи воло ва паёми инсонӣ бошад» [127, с. 10]. Дар ин росто, таҳлили шеъри шоирон ва мутолиаи назарияи шеъри тасвирӣ нишон медиҳад, ки зебоии зотии калима ва нақши он дар шеъри ғиноӣ хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, андешаи Аскар Ҳаким дар мавриди мавқеи аввалиндараҷа доштани калима дар шеър қобили қабул ва муҳим аст. Калима

василаи расонидани маъно, унсури асосии ҳунарӣ ва эстетикии шеъри тасвирӣ мебошад.

Унсури аввалини шеъри хуб – **санъати сухан** мебошад. Шиносоӣ ва ба як қоидаи муайян даровардани санъатҳои сухан дар адабиётшиносии тоҷик тахминан дар асри XIII ба вуҷуд омадааст. Санъатҳои сухан ба маънавӣ ва лафзӣ дастабандӣ карда мешаванд:

1. «Он санъати бадеие, ки тасвирҳои шоирона меофаранд, маънавӣ номида мешаванд»;

2. Он санъатҳои бадеие, ки барои ороиш ва мавзунии сухан хидмат мекунанд, лафзӣ ном доранд – ҳамчун сачъ, радиф, такрор, мувозана, радд-ул-ачуз ала-с-садр ва амсоли онҳо» [83, с. 96].

Дар назми имрӯзаи тоҷик санъатҳои маънавӣ мавқеи аввалиндараҷа доранд. Сабаб дар он аст, ки имрӯз асоси арзёбии шеър чун дар назмшиносии классикӣ сохт набуда, маънӣ аст. «Санъатҳои маънавӣ дар асоси ба назар гирифтани маънои калима, ибора ва ҷумлаҳо сохта мешаванд» [55, с. 56].

Аммо «санъатҳои лафзӣ ба муносибати шаклии калима ва ҳарфу ҳиҷоҳо асос меёбанд» [127, с. 447]. Санъати лафзӣ бештар хусусияти лафзӣ ва сохторӣ дошта, ба шакли шеър алоқаманд аст. Бинобар ин, Аскар Ҳаким чун дигар шоирони муосири тоҷик ба санъатҳои лафзӣ таваҷҷуҳ накардааст.

3. Аз санъатҳои маънавӣ дар ашъори Аскар Ҳаким бештар ба **ташбеҳ ва истиора** метавон дучор шуд. Ташбеҳ аз санъатҳои маънавии машҳур ба ҳисоб рафта, шоирон аз он босамар истифода мекунанд. Дар истилоҳ он монанд кардани чизе бар чизе дар сурати дар байни ҳар ду будани сифати муштарак мебошад. Ташбеҳ аз се рукн иборат аст: сабаб, далел ва худи ташбеҳ. Шоирон бо ёрии ташбеҳ ба хотири барҷаста ифода кардани фикр чизеро ба чизе монанд ё муқоиса мекунанд. Чунончи, дар мисраи «То саҳар гаҳвораҳо ҷунбанд чун сайёраҳо»-и Аскар Ҳаким намуди ташбеҳи возеҳ ба кор рафтааст.

Т. Зеҳнӣ дар «Санъати сухан» дар ин бора навиштааст: «Касе ва ё чизе, ки ба касе ва ё чизе монанд карда мешавад, монандшаванда ё ташбеҳшаванда ном дорад. Ташбеҳ дар роҳи барҷаста, равшан ва зебо ифода намудани ягон лавҳаи

бадеӣ хизмат мекунад» [55, с. 57]. У. Тоиров бошад, дар ин маврид истилоҳи «монанд ва монанда»-ро қобили қабул донистааст [127, с. 583].

Ба ҳунари ташбеҳофарии Аскар Ҳаким муҳаққиқи рус С. Сухоян баҳои баланд дода, истифодаи бамавриди санъатҳои гуногуни сухан дар достони «Санги ман – алмос»-ро таъкид кардааст: «Чунин тарзи баён дар назм метавон гуфт, ки комилан нав аст. Шоир ашёеро ба ҳам мепайвандад, ки пайванд нашуданианд, чунончи, гулро бо шутурхор, сарвро бо газна...» [120, с. 276-277]. Ин муҳаққиқ аз ҳама санъатҳои сухан хуб истифода намудани Аскар Ҳакимро дарҷ кардааст:

Дӯстдори суханам,
Сабз гардад ба кафам парри қалам [13, с. 452].

А. Шеърдӯст дар бораи маҷмуаи «Замини сабзи боварҳо» чунин изҳори назар кардааст: «Аз байни тасвирҳои хаёл, саноеи бадеӣ ва мабоҳиси фанни баён дар ин маҷмуа таваҷҷуҳи шоир бештар ба ташбеҳ... аст» [162, с. 298]. Аз тарафи дигар, ташбеҳҳои ҷолиб ба хонанда имкон медиҳанд, ки бо ёрии тасвирҳои зебо ва равшан дарк ва эҳсосоти амиқтар пайдо намояд. Б. Раҳимзода аз истифодаи санъати ташбеҳ ва санъатҳои дигари маънавӣ дар ашъори Аскар Ҳаким мисолҳо оварда, аз ҷумла, «шеър»-ро ба «чашму лаби маъшуқа» монанд кардани шоирро намунаи ташбеҳи равшан номидааст [97, с. 137-138].

4. Дигар аз санъатҳои маънавии серистеъмол дар ашъори А. Ҳаким **истиора** ба ҳисоб меравад. Ба қавли Т. Зеҳнӣ, истиора «дар адабиёт як намуди маҷоз буда, ба ҷои як калима истифода шудани калимаи дигар аст» [55, с. 79]. Истиора ба маҷоз ва ба ташбеҳ наздик мебошад. Ин аст, ки онро баъзан «ташбеҳи пӯшида» меноманд. «Фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр наёфта, фақат ташбеҳкунанда ном бурда мешавад» [127, с. 153]. Дар шеърҳои нахустини Аскар Ҳаким, аз ҷумла, истиораҳои зерин вуҷуд доранд: «новадони осмон», «дилу ҷони замин», «захмҳои хеш», «сари сабз», «дили равшанқиёс», «офтоби ҷабин» ва ғайра. Ҳамчунин, дар яке аз шеърҳои аввалин «Армон» санъати истиора фаровон истифода шудааст: «бори андуҳ», «хоби кӯҳистон», «пунбаи абр», «дарахти ҷон», «хумори ишқ», «дили шӯрида»,

«осмон гиряд»: «**Паҳҳаҳо ханданд** байни пахтазор, // **Осмон гиряд** ба ҳоли моми зор» [12, с. 138].

Ғазалҳои фахрияи «Ба «касак»-ҳову «хасак»-ҳо» ва ишқии «Бо ту ҳар чи рӯзҳоям офтобӣ, офтобӣ» аз санъатҳои гуногуни бадеии маънавӣ бой мебошанд. Санъатҳои таносуби сухан, ташбеҳ, таҷнис дар ғазали «Ҳам аз ҷавонии ҷонам ҷавонтар астӣ ту» низ ба чашм мерасанд. Дар ғазалҳои А. Ҳаким «Биё, эй дилбари якто, ки гӯям шеъри яктое» истиораҳои «ду оҳуи ту», «оҳанги сабо», «нахли сабзи қомат»; дар «Ғазали бӯса» – ҷони сабз», «лолаи лабон», «гунҷишки орзу», дар ин шеър ва ғазали дигари «Эй кош, ки як шаб зи сари меҳр даройӣ» истиораҳои мураккаби «паризода», «ташнадилон», «хушрабоӣ», «офтобборон» ба кор рафтаанд, ки аз ҳунари калимаофаринии шоир дарак медиҳанд. Дар шеъри «Лолаи сӯзон» сарлавҳа истиора буда, ташбеҳҳои «барги зуф зор асту сархам», «сӯзанак ҳамчу тайёра дар майдон» ба кор рафта, дар шеъри ғиноии «Бо ишқу орзуҳо» истиораҳои «гулҳои бӯса», «ғунчаҳои лабҳо», «чашми сиёҳи шаб», «шаҳри хуфта», «накҳати ҷон» истифода шудаанд. Дар чаҳорпораҳои «Нигаҳҳои ту гарму меҳрубон аст» [12, с. 70] ва «Ба ту имшаби баҳорон...» [12, с. 71] зиёд – 5 ададӣ истиора ба кор рафтааст: «доғи ҳавасҳо», «шаҳри шамолон», «шохи дили ман», «чашмаи дил», «хирмани ҷон», «шаҳри тирарӯй», «чашмаи лабон», «хумори ҷон», «хилвати дил», «бахти сабз». Дар шеъри «Ман чу оҳанги ғазал ёд кунам» [12, с. 84] истиораи нав «гули соя» мушоҳида шуд. Дар яке аз шеърҳои силсилаи «Шаҳри меҳолуд» (солҳои 1990-1993) «Баргпайванд» санъати истиора ва ташбеҳ хеле зиёд ба чашм мерасанд: «ниҳоли сабзи ормонҳо; шароби ноби шабнам; шароби шабнам, ҷоми баргҳои сабз; атри нафасҳо; зангӯлаи субҳ; абри гирён; ғубори шабҳо; қабои сабзи барг; ёди сабз; шохсори тозаи ишқ» ва ғайра.

Маҳорати суханофаринии Аскар Ҳаким дар истифодаи санъатҳои бадеӣ, махсусан, истиора ва ташбеҳ назаррас аст. Ин санъатҳо ба ашъори ӯ рангорангӣ ва амиқии маънӣ мебахшанд ва имкон медиҳанд, ки паёмҳо ва эҳсосотро бо тавзеҳи зебо ва пурқувват баён намояд. Истиораҳо на танҳо калимаҳоро аз маънии аслиашон дур мекунанд, балки тавассути пайвастшавии мафҳумҳои

гуногун, заминаи нав ва маънои бунёдӣ месозанд. Масалан, истиораи «боғ» дар шеъри «Ин кадомин боғ меояд?» на бо маънии боғи воқеӣ, балки бо маънии зебоӣ ва маҳбубияти фаротар аз воқеият истифода шудааст, ки ин ҳолат шаҳодати ихтисоси хос ва эҷодии шоир аст. Санъатҳои ташбеҳ ва истиора дар ашъори Аскар Ҳаким воситаи ороиши бадеӣ, усули муфид ва таъсиргузор барои фаҳмиши маънии амиқи шеър ба ҳисоб мераванд. Онҳо қудрати тавсифро зиёд мекунанд ва ба хонанда имкон медиҳанд, ки бо руҳия ва ҷаҳонбинии шоир ҳамнафас шаванд.

5. Дар чаҳорпораи «Аз навбаҳори рӯят» [12, с. 74] Аскар Ҳаким тавассути истифодаи санъатҳои **такрор ва таносуби сухан** оҳангнокӣ ва муассирии шеърро афзун намудааст. Вақте шоир ибораи «навбаҳори рӯят»-ро истифода мебарад, ифодаҳои «рӯзҳои абрӣ; офтобам; даргоҳи дил; офтобрӯя; офтоби рӯят», баробари калимаҳои «сиёҳ, сафед» ибораҳои «абрҳои найсон; борандагӣ; мисраи тар; дидаи тар ва байти тар» ва ғайра ба он мувофиқ омадаанд.

Такрор ва таносуби сухан шеъри «Дигар кай мерасад дида ба дидор?»-ро хонданбоб ва муассир гардондааст [12, с. 73]. Дар шеър калимаҳои «офтоб», «офтобрӯя, «офтоби рӯят» санъати такрор буда, дар мисраъҳои поён калимаҳои «борандагӣ», «мисраи тар», «дидаи тари ман» таносуби сухан аст. Дар шеъри «Ҳузни ширин» тазод ва санъати муқобила барои риояи таносуб ба кор рафта, ифодаҳои «баландии қулла» ва «пастии зумрае» ва «шеваи якзабони рӯд» ба «садзабонӣ» муқобил гузошта шудаанд [12, с. 105].

Ҳамин тавр, «риояи таносуби сухан яке аз воситаҳои асосии хубтару беҳтар ифода кардани маъно мебошад... Истифода ва риояи дурустии ин санъат ба шоир имконият медиҳад, ки ӯ аз роҳи самимият ва ифодаи табиии сухан берун наравад» [127, с. 340].

6. **Ташхис.** Ташхисро Т. Зеҳнӣ чунин таъриф кардааст: «Ба ҳайвонҳо, парандагон, наботот, ҷамодот, ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра эҳсосоту хислатҳои инсонӣ нисбат дода, онҳоро дар миёни худ ва ё бо инсон гап занонидан ташхису истинтоқ ё ки ба шакли муҷаз ташхис номида мешавад» [55, с. 130]. Он навъи дигар аз шахсиятбахшии шоирона ва муассир мебошад, ки дар шеър

мухотаб қарор дода мешавад. А. Шеърдӯст дар ин маврид қайд кардааст, ки дар истифодаи санъати ташхис мухотаби Аскар Ҳаким бештар «умури ҳиссӣ ва баъзан умури зеҳнӣ ва ақлист: «эй замини сабзи боварҳо!», «достак, омадӣ ин субҳ, биё!», «эй куҷоӣ, ҷавонии бебок!» [162, с. 300]. Бо ин муҳаққиқ Аскар Ҳаким ва шоирони дигари тоҷикро «табиатгаро» номидааст, зеро онҳо санъати **ташхис**ро зиёд истифода мебаранд. Дар ашъори Аскар Ҳаким, махсусан, дар рубоӣ ва дубайтиҳо санъати мазкур зиёд ба кор рафтааст.

Аскар Ҳаким солҳои охир шеърҳои тасвирӣ зиёд эҷод намудааст. Дар яке аз чунин шеърҳо бо номи «Паёме аз шаби маҳтоб» калимаву ифодаҳои ба табиат дахлдор аз сарлавҳа то матни шеър ба мушоҳида мерасад, ки ба руҳия ва рафтори инсон ишора мекунанд: «маҳтоб, чаман, зулф, гулу садбарг, шаббода, бол, нозбӯй, ахтар, ахгар, чашмасор, тамишку шабдару пудина, шаб...»:

Шаб асту
ин замину осмонро
зарҳали маҳтоб печида,
Чаманро ҳам, ки атри зулфи ӯ
аз ҳар гулу гулбарг мехезад
Ва мавҷи нозуки шаббода онро мебарад дар бол
Ва бо хушбӯии гулҳои худрӯе меомезад,
Ба нармӣ,
фораму ором,
дар атроф, дар акноф [172].

7. **Бароати истеҳлол** низ яке аз санъатҳои маъруфи маънавӣ ба ҳисоб меравад. Ба қавли Т. Зеҳнӣ, дар он «шоир дар аввали маснавӣ ё қасида ва ғайра байтеро зикр менамояд, ки дар он аз чӣ иборат будани мундариҷаи манзумаро баён мекунад, ё ба иборати дигар ишорате доир ба мундариҷаи асар меорад» [55, с. 142]. Ин маъниро У.Тоиров мухтасар чунин ифода кардааст: «дар аввали ғазал, маснавӣ, қасида таъбиреро ҷой медиҳад, ки ба мавзуи асар ва мақсади нависанда далолат мекунад» [127, с. 87]. Маънии бароати истеҳлол равшанӣ, фазилат ва бартарӣ ҷустан дар фазлу ҳунар аст. Истифодаи ин санъатро дар

ашъори А. Ҳаким метавон мушоҳида кард. Байти аввали манзумаи «Номаи фахру ихлос» бароати истеҳлол аст, ки аз он ба кӣ бахшида шудани манзума ва ҳадафи шоир аён мегардад: «Шоҳи шоҳон кам набуд дар рӯзгор, // Шоҳи инсон буд, аммо камшумор» [12, с. 15].

Яке аз санъатҳои маънавии машҳури дигар, ки дар ашъори А. Ҳаким зиёд мавриди истифода мебошад, **дақиқа** аст. Ба қавли назмшинос У. Тоиров, дақиқа ба талмеҳ монанд аст, «аммо фарқи талмеҳ аз дақиқа дар он аст, ки шоир дар талмеҳ ба мазмуни оят, ҳадис, достон, қисса, ривояти машҳур, воқеаҳои таърихӣ ишора мекунад, аммо дар дақиқа ба нуктаҳои бисёр латифу дилнишин ва зарофатҳои аҷиби адабӣ майл дорад» [127, с. 102]. Дар ашъори шоирони классикӣ мавзуъҳои қобили тавақҷуҳ дар дақиқа зиёданд. Аз ҷумла, дар рубоии зерини Хайём ба ғанимат донистани умр ишора шудааст:

Ай дӯст, биё, то ғами фардо нах(в)арем,
В-ин як дами умрро ғанимат шумарем.

Дар шоирони муосири тоҷик, аз ҷумла, Аскар Ҳаким зимни истифодаи санъати дақиқа асосан ҳамин мавзуъ пайгирӣ шудааст. Чунончи, дар «Ғазалқасидаи Ватан» Аскар Ҳаким аз ашъори Ҷалолуддини Балхӣ ва Ҳофизи Шерозӣ ёдовар шудааст [172].

8. **Ирсоли масал** дар ашъори шоироне, ки шеъри фалсафӣ ва ҳикматомез мегӯянд, аз ҷумла, Аскар Ҳаким зиёд ба назар мерасад. Овардани масал, зарбулмасал ва сухани ҳакимонаро дар назму наср ирсоли масал мегӯянд. Дар ашъори Аскар Ҳаким байтҳои зиёд мавҷуданд, ки дар онҳо чандин ирсоли масал кор фармуда шудаанд, аз ҷумла, байти машҳури Ҳофиз:

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ оина созад, сикандарӣ донад.

Ба қавли муҳаққиқон, «истифодаи чунин ирсолулмасалайн дар шеър хеле мушкил буда, аз шоир истеъдоди хубу маҳорати баланди эҷодиро талаб мекунад» [127, с. 149].

9. Дар васф ё танқид агар шоир аз ҳадди имкони ақлӣ ва дараҷаи одат нагузашта бошад, онро санъати **муболиға** меноманд. Агар тавсиф аз доираи

ақлу мантиқ берун набошад, муболиғаи таблиғ ё танҳо муболиға мемонанд, агар ба ақл наздику дар амал номумкин бошад, иғроқ ва агар аз сарҳади ақлу одат гузарад, ғулув (в) ном мегирад. Дар ашъори ишқиаш Аскар Ҳаким баъзан ба иғроқ роҳ додааст. Мисраи «Ки ишқи мо ҳаюлои ҳаёт аст [13, с. 102] аз ҷумлаи он аст. Ҳамчунин, санъати иғроқ дар мисраъҳои зерини дубайтиҳои шоир низ дида мешаванд: «Шаш уқёнуси май гардад ҷаҳон ҳам» [13, с. 113]; «Агар умрам равад як рӯз бе ёр, // Шавам аз оламу аз умр безор» [13, с. 143]; «Сарам сад бор меовехт худро,// Агар доре ба болои ту меёфт» [13, с. 97]...

10. Ба қавли муҳаққиқон, **руҷуъ ва нидо** низ аз санъати маъруфи маънавӣ ҳисоб мешаванд. Маълумоти Т. Зеҳнӣ дар бораи руҷуъ муфассал аст. Ӯ руҷуъро гардиш номида, қайд карда, ки шоир «тасвири худро бо калима ва ибораҳои боз ҳам барҷаставу латифтаре иваз ва тасҳеҳ карданӣ мешавад... дар вақти баёни эҳсосот дар сухани худ гӯё ягон норасоӣ пай мебарад, аз сухани аввалаи худ бармегардад ва тасвирро бо ибораи боз ҳам зеботару бурротаре қувват медиҳад» [55, с. 116]. Дар ин шарҳ ифодаҳои «тасҳеҳ», «дар сухани худ гӯё ягон норасоӣ пай мебарад, аз сухани аввалаи худ бармегардад» саҳеҳ нест. Ба андешаи мо, дар руҷуъ шоир суханашро тасҳеҳ намекунад ё аз он барнамегардад, балки ҳадафаш қувват бахшидани суханаш аст. Шарҳи мазкур ба асари У. Тоиров низ кӯчидааст. «Руҷуъ чунон аст, ки ҳангоми баён ё васфи чизе, ё ҳолате нависанда ба нияти таъкиди матлаб зоҳиран аз сухани аввала бармегардад ва ба тавсифи болотару бошукуҳтаре мепардозад... Руҷуъ дар байте ё пораи шеъре омада метавонад» [127, с. 430].

11. Дар яке аз шеърҳо «қиссаи аз хок офарида шудани инсон санъати **талмеҳ** буда, аз ҷумлаи санъатҳои волои назми классикист, маъноро барҷаста ва хотирнишин кардааст» [92, с. 408]. Дуруст дарҷ гардида, ки дар дубайтии «Садои тешаи Фарҳод» «аз талмеҳ ва ривояти мардумии бо тешаи дастии худ аз дили куҳ ҷӯй кандани Фарҳод ёд карда шудааст» [97, с. 139].

Аз санъатҳои маънавии дигар дар ашъори Аскар Ҳаким, ҳамчунин, ба тамсил, амри бадеӣ, маҷоз, тавсиф, муболиға, ибҳом, ибдоъ, ирсол, иҳом,

тазоду муқобала, ирсоли масал, тардид, ташхис, таҷоҳули ориф, саволу ҷавоб, тазмин ва ғайра вохӯрдан мумкин аст.

Истифодаи санъати сухан бо сувари хаёли шоир алоқаманд аст. Сувари хаёлро муҳаққиқ М. Нарзиқул «дар баробари эҳсос ва отифаи фардии шоир аз рукнҳои асосии шеър» дониста қайд кардааст: «суратҳои мумкини хаёл, гузашта аз эҳсос ва отифа, ки ҳолоти муваққатӣ ва зудгузаранд, боз ба чанд омили дигар вобастагӣ дорад, ба монанди андешаи амиқу хос, тарзи биниш ва маърифати бадеии ашё, мушоҳидоти ҳамешагии муҳит, чашмдидҳо, ҳодисаҳои зиндагии шоир, ҷаҳоне, ки ӯро иҳота кардааст ва монанди инҳо. Шоирони соҳибсабк ин ҳама унсурҳоро ба ҳам омезиш медиҳанду каломи мухайялу зебо меофаранд» [88, с. 232]. Аскар Ҳаким аз зумраи шоиронест, ки ҳамаи ин талаботро оид ба унсурҳои сувари хаёл тавассути истифодаи санъатҳои маъмули бадеӣ чун ташбеҳ, истиора, талмеҳ, таҷнис ва ғайра амалӣ сохтааст.

Дар умум, дар шеъри Аскар Ҳаким истифодаи санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ бо мақсади пурзӯр кардани маъно ва тавсифи ҳодисаҳо, эҳсосот ва андешаҳои шоир истифода шудаанд.

Аскар Ҳаким танҳо дарёфт ва истифодаи шаклии калимаҳо ва санъатҳои суханро вазифаи асосии эҷодкор намешуморад. «Ба шоир чунин вонамуд шуданаш мумкин аст, ки ба ҳар объект образ ёфта, онро бо ташбеҳу истиораю маҷозҳо гуфтан камоли ҳунар бошад... Пайравони мактаби имажинизм образро ба мақсади асоси шеър табдил ва мазмунро қурбони он карда, ба чунин натиҷаи номатлуб расидаанд, ки моҳияти иҷтимоии шеъру адабиётро инкор кардаанд» [140, с. 300]. Зеро вазифаи санъатҳои бадеӣ аз ифода намудани мақсад иборат аст.

12. Мавзуи «Поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким» доманадор буда, таҳқиқи васеъ ва амиқтарро мехоҳад. Бо вуҷуди ин, дар ин ҷо ба таври мухтасар гуфтан мумкин аст, ки сабк ва услуби Аскар Ҳаким дар давраи аввали эҷодиёт мувофиқ ба сабки даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ ба вуҷуд омада, ташаккул ёфта, бо хосиятҳои содабаёнӣ, тасвирӣ, ишқу муҳаббати заминӣ, мутантан, ватандӯстона тавсиф мешавад. Вале шоир, на мисли шоирони ҳамнасли худ бо

як шӯру ғалаён ва ишқу муҳаббати заминӣ ба майдон баромад, балки бо тамкини хос, панду ҳикмат ва масал сухан гуфтанро афзал шуморида, минбаъд услуби хоси худро ба вуҷуд биовард.

Ҷустуҷӯю ковишҳои амалӣ ва назариявии шоир имконият доданд, ки услуби хоси худро ташаккул диҳад, ки ин ба таври возеҳ аз услуби шоирони солҳои 70 – 80-уми асри гузашта ва шоирони муосир фарқ мекунад.

Дар давраи дуюми фаъолияти эҷодӣ Аскар Ҳаким услуби худро такмил дода, ашъоре офарид, ки аз беҳтарин хосиятҳои шеъри классикон ва шоирони маъруфи тоҷик бархурдор аст.

Истифодаи санъати сухан, асосан маънавӣ, дар ашъори Аскар Ҳаким ҳамчун ороиш ва воситаи таъбири мақсад ва ғояи шеъри ӯ нақши муҳим дорад, ки ба мазмун ва паёмҳои шеъри ӯ мутобиқат мекунад. Аскар Ҳаким барои нишон додани моҳияти шеър ва баён кардани андешаҳои амиқ истифодаи санъатҳоро на барои намоишкорӣ, балки ҳамчун воситаи ифода ба роҳ мондааст.

3.2. Мақоми шеъри озод дар эҷодиёти Аскар Ҳаким

Дар бораи шеъри озод, шеъри нимоӣ, махсусият, фарқи он аз шеъри анъанавӣ, сабаби пайдоиш, замина, натиҷа ва дурнамои он, ҳамчунин, равияҳои дигари нав ва таъсири онҳо ба шеъри анъанавии форсу тоҷик олимону адабиётшиносон, аз ҷумла, М. Шакурӣ [154; 155;], Н. Маъсумӣ [71], Х. Шарифзода, Н. Юшич, А. Сатторзода, М. Нарзиқул [87, с. 65-75; 88; 89, с. 265-274; 90, с. 275-286], Р. Ваҳҳобзода [44; 45] ва дигарон мулоҳизаҳо баён кардаанд. Бо вуҷуди ин, унсурҳо, қоида ва назарияи мукаммали шеъри озод дар адабиётшиносии тоҷик ҳанӯз ба пуррагӣ таҳия карда, ба таври муайян ба тартиб дароварда нашудааст.

Гуфтан наметавон, ки шеъри озод, нимоӣ замоне ба таври худ аз худ тараққӣ ва рушд кардааст. Барои пайдоиш ва ташаккули он замина ва шароитҳои хосе мавҷуд буданд, ки дар натиҷа то андозае пурра набошад ҳам, қоидаву қонунҳои он шакл гирифтанд. Пеш аз ҳама, дар шеъри озод ба

муаллиф озодии баён ва сабку услуб, ҳамчунин, майдони фарохи эҷодӣ дода мешавад. Ин ҷиҳатҳои мусбати шеъри мазкурро Аскар Ҳаким ба таври амалӣ хуб истифода кардааст. Ӯ дар таҳқиқоти хеш низ аҳаммият ва баъзе бартарии шеъри навро аз ҷиҳати назариявӣ собит намудааст: «дар домани фарохи ифодаи таассурот ва ҳиссиёт, бешубҳа, домани истифодаи васеи калимотро ҳам муҳайё месозад» [63, с. 529]. Албатта, ин ҷо бештар хусусияти шаклии шеър дар назар дошта шудааст.

Пайдоиш, замина ва ташаккули шеъри озод дар назми тоҷик то андозае муайян гардидааст. Аз ҷумла, М. Шакурӣ дар яке аз бобҳои асари бунёдии худ «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист (соли 2006), ки «Тазкори ашъор» ва масъалаҳои пайдоиши шеъри нав» ном дорад, ба ғайр аз масъалаҳои умумӣ оид ба сарчашмаҳои ташаккули шеъри нав мулоҳизаҳои ҷолиб баён кардааст. Муҳаққиқ далел овардааст, ки шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик қариб ҳамзамон бо шеъри нави Эрон пайдо шуда буд, аз ин рӯ, дар Тоҷикистон ва Эрон, ҳамчунин, дар Афғонистон, «аз бисёр ҷиҳатҳо бунёди ягона дорад» [40, с. 59]. Бо ин таъкид гардидааст, ки шеъри озод, ҳарчанд дар кишварҳои дигар дар замонҳои гуногун ва ба таври мустақил пайдо шудааст, «дар се кишвари мо наздикии вежа дорад». Садри Зиё дар ин тазкира пайдоиши шеъри навро дар ҳавзаи адабии Бухоро аз охири асри XIX ва ибтидои асри XX медонад. Дар ин асар мафҳумҳои «шеъри нав», «усули тоза» ва «тарзи ҷадид» бори аввал ба кор рафтааст.

Бояд гуфт, ки баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла, М. Шакурӣ, Р. Ваҳҳоб дар мавриди шеъре, ки дар шакл ва банду баст тағйирот дорад, нахуст, аз як қитъаи устод Айнӣ ёд меоранд, ки соли 1907 эҷод шудааст ва «вазни мисраъҳои он баробар нест». Онро яке аз кӯшишҳои аввалини устод Айнӣ, «кӯшиши қолабшиканӣ, кӯшиши навоварӣ дар вазну қофия, қадаме ба сӯи он чи «шеъри нав» донистаанд, метавон донист» [40, с. 144]:

Субҳоноллоҳ,
Имрӯз ба мо ҳодисаи саъб расид,
гаштем хароб,

Аз хоҳиши чархи фалаки дӯлобӣ,
Пурсанд зи сол, оҳи бепоён каш,
Баргӯ: бад ҳол
Ҷангидани ғиҷдувонию кӯлобӣ
Ин аст ҷавоб [1, с. 167].

Дар даҳсолаҳои дуюм ва сеюми асри ХХ шеъри нав ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам шакл (вазн, қофиябандӣ) шеъри анъанавиро дигар кард. Пас аз он «давраи дуюми такомули шеъри нав дар адабиёти тоҷикии Фароруд аз даҳаи бистуми садаи бистум то охирҳои солҳои панҷоҳум идома ёфт. Дар ин давра, Лоҳутӣ, Пайрав, Турсунзода, Юсуфӣ ва дигарон дастовардҳои шеъри навро хеле такмил доданд» [40, с. 148]. Аммо дар ҳар ду давра истилоҳи «шеъри нав» аз тарафи адабиётшиносони тоҷик то он вақт ба кор намерафт.

Дар охири солҳои 40-уми асри ХХ дар Эрон китобе бо номи «Намунаҳои шеъри нав» ба чоп расид, ки дар он аз шеъри нави шоирони тоҷик ҳам намуна оварда шудааст. Шеъри нав на танҳо шакли зоҳирии шеърро тағйир дод, балки маънии онро низ то андозае дигар кард. Н. Нодирпур таъкид мекунад, ки «шеъри нав бояд бештар ба як навъи гуфтугӯ ва ифодаи сода, аммо амиқ ва таъсирбахш мубаддал гардад. Ба таъбири ӯ, шеъри нав бояд бо калимаҳо ва мусиқӣ ҳамзамон наздик бошад, то ки ҳар як калимаи он бо садо ва маънои зиёд пур карда шавад» [94, с. 140-141].

Баробари ин, дар симпозиуми соли 1967, ки яке аз воқеаҳои муҳимми адабиётшиносии халқҳои форсизабон мебошад, масъалаҳои шеъри нав бо ҷиддият баррасӣ гардиданд. Шоирону мунаққидон, аз ҷумла М. Турсунзода, нақши шеърро дар тарбия ва зебоипарастии инсоният таъкид карданд ва шеъри навро ҳамчун шакли мусоид барои ин мақсад муаррифӣ намуданд. Н. Маъсумӣ ва дигарон таъкид доштанд, ки шеъри нав, бо вуҷуди шаклҳои нави худ, бояд қувваи эстетикӣ ва ҳисси покро нигоҳ дорад. М. Миршакар ҷузъиёти мусиқии шеърро барои таҷассум ва эҳсосоти амиқи лирикӣ муҳим медонист. Ӯ дар шаклҳои озоди шеър ҳам будани вазн ва оҳангро зарур мешуморид. Дар маҷмуъ, бар асоси назарҳои адабиётшиносон ва шоирони барҷаста метавон

гуфт, ки шеъри нав ҳамчун як шакли эҳё ва такмилёфтаи шеърӣ бо таъкид бар мусиқӣ, калима ва шакли озод ва ҳамзамон, бо назардошти арзишҳои ахлоқӣ ва миллӣ, бо мақсади ифодаи эъҷози тозаи ҳаёт ва ҳиссиёти инсон эҷод гардид. Бояд гуфт, ки матолиби чорабинии муҳимми зикршуда – «Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ» (Душанбе, с. 1967) дар маҷаллаи «Садои Шарқ», №2 чоп шуда, дар шумораи сеюми соли 2016-и ҳамин маҷалла бознашр гардидааст. Дар он раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон М. Турсунзода [128], муҳаққиқ Н. Маъсумӣ [71], шоир М. Миршакар [77], шоир ва муҳаққиқи эронӣ Н. Нодирпур, муҳаққиқони афғонистонӣ М. Ҳиравӣ [151], Н. Саидӣ [107] суханронӣ карда, паҳлуҳои муҳимми шеъри навро дар кишварҳояшон иброз доштанд. Шоирони тоҷик М. Турсунзода ва М. Миршакар пайвандии шоирро бо иҷтимоъ дар замони имрӯза муҳим арзёбӣ карданд. Ба андешаи Н. Нодирпур, таҳаввул дар шеър чун дар тамоми соҳаҳо «решаи иҷтимоӣ» дорад, ҳоло «шеъри навро танҳо аз рӯйи шаклаш мешиносанд» [94, с. 150], ҳол он ки чунин нест. Мулоҳизаҳои Нодирпур барои фаҳмиши шеъри нави имрӯз муҳим мебошанд. Чунончи, дар достони «Санги ман – алмос» интихоби шакли озоди шеър ба Аскар Ҳаким имконияти бештар ва фарох додааст, то дар эҷодгарӣ бештар озод бошад ва масъалаҳои муҳимми замон ва ҷомеаро ба миён гузорад.

Р. Ваҳҳоб намунаи барҷастаи ҳамсозии мусиқии ҷадид бо шеъри нав (арӯзи нав)-ро дар яке аз нахустин намунаҳои шеъри нави тоҷик – шеъри машҳури М. Қаноат «Нарав, қуи сафеди ман», мушоҳида карда, ба хулоса омадааст: «Матни суруд қарор гирифтани шеъри нав (арӯзи нав) ва ба хушӣ пазируфта шудани он аз тарафи умуми мардум дар ниҳоят тасдиқи ҳувияти бебаҳси шеъри нав дар матни фарҳангии миллии мо мебошад» [170]. Ин ягонагии шаклу мавзуъ дар шеъри озоди Аскар Ҳаким ва шоирони форсизабонони дунё мушоҳида мешавад.

Ба қавли Аскар Ҳаким, шеъри озод ҳамонест, ки ба талаботи арӯз ҷавоб медиҳад; шеъри сафед бевазну қофия аст. «Шеъри озоде, ки имрӯз дар назми муосир мавқеъ дорад, шеъри арӯз ва қофияи озод аст... Шеъри озоди муосири

тоҷик вазн дорад ва ин вазн арӯз аст» [15, с. 226]. Аз ин бармеояд, ки шеъри нав ҳеч гоҳ зидди вазн ва қофия набудааст.

Гуфтан мумкин аст, ки нишонаҳои шеъри озод, аз ҷумла, шикастани рукнҳои баҳрҳо, аллакай дар шеърҳои аввалини Аскар Ҳаким мушоҳида мешуданд. Минбаъд низ Аскар Ҳаким баъзан, ҳатто, як рукнро ду пора карда, қисми аввали онро дар як мисраъ ва қисми дуюмашро дар мисраи баъдӣ овардааст, ки ин ба мураккаб шудани шакли шеър ва ҳамзамон афзудани равонӣ ва салисӣ оварда расонидааст. Бо назардошти ин, муҳаққиқи эронӣ М. Меҳрдод бар он аст, ки «беҳтарин шеърҳои Аскар Ҳаким шеърҳои нимоӣ ва чорпораҳои ӯянд» [74, с. 422].

Мушоҳида мешавад, ки дар ашъори Аскар Ҳаким шакли озод асосан дар шеърҳои лирикӣ ва тасвирӣ истифода шудааст. Дар маҷмуаи давраи аввал шеъри «Ту маро мешунавӣ?» аз ҷумлаи нахустин таҷрибаи шоир дар шеъри озод мебошад:

Ҷони ширин,
ту биё,
Боз ҷойи ҳама гулҳои чаман
Ту биханд.
Ҷойи мурғони хушилҳон
ба бари боғи ҷавон
Ту бихон [12, с. 152].

Яъне, дар шеъри озод Аскар Ҳаким тавоноии худро нишон дода, тағйир ёфтани шакл, ки аз хусусиятҳои шеъри озод аст, дар ашъори ӯ возеҳ мушоҳида мешавад. Масалан, шеъри «Ин кадомин боғ меояд?» яке аз намунаҳои барҷастаи ин шева аст. Дар ин шеър бандҳо панҷмисраӣ буда, «Ин кадомин боғ меояд?» ҳамчун мисраи охирин такрор мешавад ва танҳо дар охир як мисраи иловагӣ («Дар бувад ин боғро шояд?!») барои ҷамъбаст ва пурсиш омадааст. Қофиябандии чаҳорпора дар шаклҳои гуногун (банди аввал ба шакли абвба, дуюм – абвва ва ғайра) сохта шудаанд, ки ин худ як шакли нави шеър дар назми тоҷик маҳсуб мешавад: «Ин кадомин боғ меояд, // Ин кадомин боғ атри хешро

дар чанбари гесу-ш меорад, // Ин кадомин боғ бишкуфта бар парпарҳои домонаш // Чун ту меойӣ чамида, раҳ ба раҳ гулбарг меборад. // Ин кадомин боғ меояд» [12, с. 347]. Шеъри мазкурро чанде аз муҳаққиқон таҳлили шаклӣ ва маъноӣ кардаанд.

Пайдоиш ва рушди шеъри навро дар ашъори Аскар Ҳаким метавон аз соли 1987 донист. Дар ин давра шоир аз лирика ва тасвир бештар ба шеъри иҷтимоӣ рӯй овард. Яъне, пайдоиш ва шаклгирии шеъри нав дар ашъори ӯ бо шеъри иҷтимоӣ алоқаманд аст. Масалан, шеъри «Суруди фардо» [12, с. 132] аз ҷумлаи чунин ашъор мебошад, ки мавзуи он умед ба оянда аст, то минбаъд ҷанг рӯй надиҳад. Ҳамчунин, «Таънаи фариштa» низ шеъри иҷтимоӣ буда, дар он фариштa, ки аз азал поку бегуноҳ аст, аз мардум вақте интиқод менамояд, ки гуноҳи зиёд мекунанд, чунин ҷавоб мешунавад, ки он аз забони шахсияти ғиноӣ (яъне, фариштa) садо додааст:

Тавонӣ, одаме бишав байни мардум,
Бигӯямат, ки офарин.
Туӣ фариштаӣ замин! [12, с. 136].

Хулосаи шоир он аст, ки инсон новобаста ба каму косташ ашрафи махлуқот мебошад. Шеъри иҷтимоии «Армон» бо замони бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ҳамоҳангӣ дорад. Дар он аввал вазъи зиндагии халқи одӣ, махсусан деҳқонон тасвир шудааст, сипас, шоир изҳор мекунад, ки гарчанде мехоҳад шоири «базму тараб» бошад, вале афсус, наметавонад:

Нораки овозадорам
Мекунад сарчашмаи хуршедро ҳам хирасӯз;
Он гаҳе, ки пушти пушта
норакии ГЭС-дор
Бо чароғи пилта чун дар асри даҳ
Шоми худро мекунад бо дуд рӯз [12, с. 139].

Минбаъд, шеъри озод ба яке аз шаклҳои асосии ашъори Аскар Ҳаким табдил ёфтааст. То имрӯз шеърҳое, ки мазмунашон иҷтимоӣ ва ҳикматомезанд, аз тарафи шоир ба шакли озод сароида мешаванд.

Солҳои охир баробари рубоӣ ва дубайтӣ Аскар Ҳаким бештар ба шеъри озод рӯ овардааст. Масалан, дар шеъри «Биё, дар шеъри ман!» ӯ ба маҳбубаи хаёлӣ мурочиат мекунад ва таъкид менамояд, ки дар шеъри ӯ маҳбуба «зиндагии тоза» хоҳад ёфт. Шеър аз панҷ банд иборат аст, ки ҳар банд 6-8 мисраъ дошта, дар дарозӣ ва кутоҳӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва дар баҳри ҳазаҷ гуфта шудааст. Он аз рукнҳои солим ва шикаста иборат аст:

Биё, дар шеъри ман!..
Биё, дар шеъри ман чун маҳ, ки шабҳангом меояд [172].
Мафоӣлун фаъал
Мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун.

Ҳамзамон, шоир қимату эҳтироми инсонро аз ҳамаи офаридаҳои Худованд, ҳатто аз ҳуру малак боло ҳисобидааст: «Ва ҷамъи улвии ҳуру малак, к-аз ишқ маҳруманд, // Чу мебинанд асли одаму эъҷози ишқашро, // Ба пояш саҷда оварда, // Зи ҷамъи худ варо мумтоз мегиранд» [172].

Шеъри дар оғоз зикршудаи «Марде аз балкон...» аз ҷиҳати шаклу мазмун қобили таваҷҷуҳ аст. Дар он такрори калимаю ифодаҳо, масалан, «мекунад фарёд» таъсири нуткро тақвият додааст. Қофиябандиҳои гуногуни аааа, ааба, аабб дар ҳар банд ба муассирӣ ва ритми шеър замина фароҳам овардааст. Дар шеъри мазкур чанд ҳадаф баён шудааст: азоби танҳоӣ, меҳри фарзанд дар тақдири як мард ва ниҳоят, таҳаммулпазирӣ:

Мекунад фарёдҳо буду шудашро ӯ,
Ҳам писарро,
Ҳам занашро,
Ҳам худашро ӯ [12, с. 59].

Дар яке аз шеърҳои солҳои охирини Аскар Ҳаким «Паёме аз шаби маҳтоб» бо истифодаи чунин ифодаҳо шоир ҳолати устуравӣ, хаёлӣ ва руъёӣ эҷод кардааст:

«Садо меояд аз болу пари африштаҳо бар гӯш,
Ки аз истора бар исторае парвоз мегиранд...
Ки африштагон аз ишқи инсонҳо меовезанд

Ба гӯшу гардани исторагон овезаву марҷон
Ва мехонанд таҳсину сано
бар қудрати Яздон,
дили инсон,
ба асли ишқи ҷовидон!» [172].

«Достони ишқи ман» низ аз зумраи чунин ашъор ба шумор меравад. Ин шеър аз ҳафт банд иборат буда, мисраъҳояш каму зиёд ва дарозу кутоҳ мебошанд. Он дар вазни рамал суруда шуда, рукнҳои солиму шикаста дорад, ки хоси шеъри озод мебошад. Дар он ҳунари тасвиргарӣ ва истифодаи рангҳо барҷаста ва таъсирбахш ба назар мерасад:

«Рӯ ба рӯйи сафҳаи шоҳии рухсорат
Бо қаламчӯби сиёҳи шоирии хеш ҳайронам,
К-ин сапедиҳои симинро чӣ сон бо ранг омезам
В-он сиёҳиҳои шоми қиргуни гесувонатро
Дар сапедиҳои субҳи сафҳа чун резам.
Гарчи шабро бо умеди субҳи рӯят мебарам то рӯз,
Рӯзро бо ёди гесӯйи сияҳ то шоми рӯзафрӯз» [172].

Чи тавре ки мебинем, баробари калимаву ифодаҳои зебо, шоир аз истиора ва ташбеҳҳои аҷиб низ истифода кардааст. Ниҳоят, муаллиф хулоса мекунад, ки ҳамаи ин таҷассумот ва таҳлилҳо бояд аз нигоҳи ишқ ва муҳаббат баррасӣ шаванд, зеро асос ва пояи ин шеърҳо муҳаббати ростин ва пок мебошад:

Гар ҷаҳон ҷойе барои зиндагӣ дорад,
фақат оғӯши ишқ аст,
Гар ҷаҳон ҷойе барои бандагӣ дорад,
фақат оғӯши ишқ аст [172].

Оид ба манзумаи «Анӯшервон дар додгоҳи адл» М. Диноршоев зикр кардааст, ки «он дар таҷрибаи шеъри муосири тоҷик нодир аст... дар ин шеър ҳамаи воситаҳои шаклӣ, аз ҷумла, вазну қофия барои ифодаи матлуби муҳтаво созгор сохта мешаванд» [53, с. 162]. Яъне дар мисоли ин манзума метавон дид, ки шеъри озод ба шоир имконият медиҳад, мулоҳизаву андешаи иҷтимоии

хешро ба таври таъсирбахш ва ҳикматомез ифода намояд. Ин манзума дар нақди адабӣ низ мавриди гуфтугӯи зиёд, ҳатто танқид қарор гирифтааст. Зеро дар он фикри шахсии шоир Аскар Ҳаким дар мавриди он ки андешаи маъмули «одил» номидани Анӯшервон бори аввал зери шубҳа гузошта шудааст, тасвир ёфтааст:

Ҳар қадар
золимтар ӯ будаст,
номаш
он қадар
одилтар оварданд [13, с. 485].

Яке аз хусусиятҳои силсилаи ашъори «Санги ман – алмос» [12] истифодаи навъи шеъри озод мебошад. Маълум аст, ки то ба ин вақт А. Ҳаким дар истифодаи ин навъи шеър таҷрибаю малакаи хуб пайдо карда буд. Намунаи барҷастаи он «Гуфтугӯ бо руҳи падар» мебошад, ки аз нумуи услуби нав ва пурқувват шудани ашъори иҷтимоии шоир дарак медиҳад. Шоир аз он изҳори ҳайрат кардааст, ки падараш умри кутоҳ дид ва ӯ имрӯз ҳамсоли ӯст, вале баробари падар корҳоеро анҷом надодааст. Ба андозаи зиёд ин ҳолат шахсияти ғиноиро ба ҳайрат овардааст, ки рафиқаш ҳатто ба шӯхӣ мепурсад: «зиндаӣ то ҳол?». Ин шеър яке аз намунаҳои беҳтарин дар равияи шеъри нав буда метавонад:

З-ин сабаб
як ҷӯраи дерини ноогаҳдилам,
Бо тааҷҷуб гуфт ногаҳ,
дид чун дар маҳфилам [12, с. 266].

Шахсияти ғиноӣ ба худ савол мегузорад, ки оё бори гузаштагон ҳоло бар дӯши ӯст ё ӯ сарбории зиёдатии мардум аст? «Ё ки ман гаштаам имрӯз сарбори Ватан?!» [12, с. 257]. Ӯ дар айни замон имтиёзҳое дорад, ки падараш надошт, вале ҳамчунон аз чизе норозист:

З-ин сабаб
зери сарам гарчи бувад

болишти қу,

То саҳар

сад бор гардонам варо ман

пушту рӯ [12, с. 269].

Дар ин шеър хусусиятҳои хоси ашъори ӯ мушоҳида мешавад, ки иборатанд аз сюужетнокӣ, тасвири воқеияти зиндагии шахсӣ, фалсафа ва норозигии ҳамешагии инсон аз дастоварду нобарориҳо.

Ҳамчунин, шеърҳои нимоии Аскар Ҳаким баробари мисраъҳои дароз дар шакли кутоҳ низ эҷод шудаанд, ки намунааш ин аст:

Гул бе ту ғул аст

Ва

Хиёбон бе ту биёбон.

Дарё бе ту саҳрост

Ва

Саҳро бо ту дарёст [13, с. 42].

Ба қавли Н. Нодирпур «пояи асосии кор дар шеъри нав ин аст, ки шеърро бояст ба табиати наср наздик кунем» [94, с. 156]. Чи тавре ки дар фаслҳои боло мушоҳида шуд, дар шеърҳои озоди Аскар Ҳаким низ чунин ҳолат мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, дар мисоли ашъори таҳлилшуда пай бурдан мумкин аст, ки дар шеърҳои озоди шоир эҳсосот ба дараҷаи баланд мебошад. Шеъри озод дар назари Аскар Ҳаким на танҳо як шакли эҷодкорона ва озод аз банду бастҳои анъанавӣ – вазн ва қофия, балки таҷассумгари ниёзи амиқи ҷомеа ва поягузори тарзи нави баён мебошад. Шоир таъкид мекунад, ки ин шеър «вазн дорад ва ин вазн арӯз аст», яъне, шеъри нав ба талаботи замон ва эҳсосоти нави инсон посух мегӯяд. Аз ин рӯ, муқобилияти шеъри нав бо вазн ва қофия асосе надорад, зеро онҳо васоиле ҳастанд, ки дар шароити нав бо шаклу мазмуни нав метавонанд ҳамоҳанг шаванд ва шоирро дар ифодаи эҷодкорона ва амиқтари ғоя ва эҳсосоти худ кумак кунанд. Муҳим аст, ки дар баробари ин, ҳамеша дар шеъри нав нигариши шоир ва биниши ӯ аз олами атроф ҳалкунанда аст, на танҳо мавзуъ ё истифодаи васоили техникӣ. Чунонки Нодирпур фармудааст:

«нигоҳи шоир айнан нурест, ки аз равзанае дар як анбори торик метобад», яъне шеъри нав тавассути нигоҳи нав ва ҳиссиёти нав ҳаяҷону ҷилои тоза ва боэътимод пайдо мекунад. Ин андешаҳо дар асарҳои шоирон ва мутафаккирони назми нав ба равшанӣ ва пуррагӣ дода шудаанд. Масалан, Б. Собир низ барои баён ва тавсифи эҳсосоти амиқ ва паёмҳои бузург бештар ба шеъри озод рӯй овардааст. Дар мисоли Аскар Ҳаким низ эҳсосот ва паёмҳои пуркувват ва амиқ дар шеърҳои озод ба хубӣ мушоҳида мешаванд.

Дар ҷамъбаст метавон гуфт, ки шеъри нав дар адабиёти тоҷик ҳамчун як падидаи эҷодкорона ва ҷадид, ки ҳам аз расму одатҳои анъанавӣ истифода мебарад ва ҳам шаклҳои нави озодро мекушояд, таҳти таъсири замон ва ниёзи ҷомеа ва хислатҳои шахсии шоир густариш меёбад.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқ ва андешаҳои худи Аскар Ҳаким дар бораи шеъри озоду сафед метавон ба чунин натиҷа расид, ки рӯ овардани шоир ба шеъри нав маънои канор гузоштани комили суннатҳои шеъриро надошта, дар таҷрибаи эҷодии ӯ унсурҳои назми анъанавӣ, аз ҷумла, вазну қофия, вобаста ба зарурати баёни бадеӣ ҳифз шудаанд. Дар таҷрибаҳои нахустини шоир дар ин самт дарозу кутоҳ овардани мисраъҳо ва шикастани рукнҳо ба назар расида, ташаккул ва густариши шеъри озод дар эҷодиёти ӯ бештар ба тақвияти мазмунҳои иҷтимоӣ иртибот мегирад. Нахустин намунаҳои чунин ашъор ба соли 1987 рост меоянд. Аскар Ҳаким бештар мавзуъҳои иҷтимоӣ, ҳамосӣ, тасвирӣ ва ҳикматомезро дар шакли шеъри озод ифода намуда, имкониятҳои сохтории онро барои баёни фарохтару таъсирбахши андеша ва эҳсос ба кор гирифтааст. Шеъри озод, ҳамчунин, барои ворид шудани калимаву ифодаҳои тоза ва раҳоӣ аз маҳдудиятҳои баъзе воситаҳои шаклии назми суннатӣ имкони бештар фароҳам овардааст, зеро ба андешаи шоир, бархе аз воситаҳои шаклие, ки замоне таровату таъсирбахшӣ доштанд, бар асари истифодаи зиёд тадриҷан забонзад гардида, имкони навҷӯии шеърро маҳдуд мекарданд. Аз ин ҷиҳат, рӯ овардани Аскар Ҳаким ва дигар шоирони тоҷик ба шеъри озодро метавон ба зарурати ҷустуҷӯи имкониятҳои нави ифода, бахусус,

ҳангоми бозтоби эҳсосоту таассуроти амиқ ва масъалаҳои иҷтимоиву маънавӣ, алоқаманд донист.

3.3. Воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноии Аскар Ҳаким

Яке аз махсусиятҳои ашъори Аскар Ҳакимро метавон воқеиятнигорӣ донист. Маълум аст, ки воқеиятнигорӣ, сюжетнокӣ яке аз вежагиҳои асосии асари ҳамосӣ аст. Бо вуҷуди ин, вақтҳои охир омӯзиши усули воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноӣ низ яке аз мавзуъҳои таҳқиқ гардидааст. Зеро таваҷҷуҳи шоирони муосир ба шеъри воқеиятнигорона бештар гашта, мушоҳида мешавад, ки истифодаи унсури мазкур дар шеъри ғиноӣ афзудааст.

Аз муҳаққиқоне, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда ва дар ин боб чанд асари муҳимми назариявӣ таҳия кардааст, худи Аскар Ҳаким мебошад. Аз ҷумла, дар мақолаи «Тимсоли шеър ва шоир дар шеъри ғиноӣ» оварда, ки «дар ашъори шуарои бузург санади ҳаёти шахсии онҳо ба санаде мубаддал мегардад, ки ба дигарон ҳам тааллуқ гирифта, ҳиссиёту таассуроти онҳоро низ ифода менамояд» [15, с. 12]. Ба қавли Гулназар ҳам, умуман, «майлу иштиёқи шоири тоҷик ба шеърҳои сужетдор, ки бори муфиди панду ҳикматро ба дӯш доранд, зиёд аст» [74, с. 268]. Аз ин бармеояд, ки санади воқеӣ дар шеъри ғиноӣ танҳо порае аз рӯзгори шоир набуда, ба тамоми инсоният тааллуқ дорад. Қудрати шеъри ғиноӣ дар ҳамин аст. Шоир аз воқеаи тасвиркардааш натиҷа ва хулосае мебарорад, ки ҳам барои худ ва ҳам барои хонанда аҳаммият дорад. Дар чунин шеъри ғиноӣ воқеа дар либоси бадеият, ба таври муассир пешниҳод мегардад ва хонанда онро ҳамчун лаҳзаи зиндагии худ қабул менамояд. Дар ҳақиқат, «ба олами ашё рӯй овардан барои тасвиру ифодаи ҷаҳони ботину хориҷи фарди ғиноӣ имкони ба маротиб бештаре медиҳад» [14, с. 100].

Дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи истифодаи воқеият ва сюжет дар шеъри ғиноӣ, тарзи пешниҳоди он мавриди таҳлили алоҳида қарор нагирифтааст. Зеро муҳаққиқон то ин вақт дар асари бадеӣ на тасвири рӯйдодҳо, балки «баёни моҳият ва ҳалли дурусти он» [132, с. 31]-ро муҳокима мекарданд. Дар мавриди кадоме аз ин унсурҳо дар шеъри ғиноӣ муҳим

мебошад, баҳсе ба вуҷуд омадан мумкин аст. Аммо муҳим ин, ки дар шеъри ғиноӣ ҳам руҳия ва ҳам воқеиятнигорӣ вазифаи худро иҷро мекунанд ва дар омезиш шеъри баландро ба вуҷуд меоваранд. Шеъри воқеиятнигорона ҳам баробари тасвири олами берунӣ ҷаҳони ботинии инсонро бояд тасвир намояд.

Воқеиятнигорӣ дар илми адабиётшиносӣ аз ин пештар ҳам мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Баҳси байни шоирони рус В. Маяковский ва Б. Пастернак аз ҷумлаи онҳост. Дар як ҷумлаи В. Маяковский моҳияти масъала хеле хуб, маҷозан таъриф шудааст. Ӯ дар ҷавоб чунин як муқоисаро пешниҳод карда: «Шумо, Борис, дурахши баркро дар осмон дӯст медоред, вале ман онро дар дарзмоли баркӣ меписандам» [78, с. 31]. Яъне, вақте шоири ғиноисаро ба ҷанбаи ботинии ҳодисаҳо – «дурахши барқ дар осмон» таваҷҷуҳ мекунад, нигоҳи шоири воқеиятнигор ба замин, ашёи рӯзгор – дарзмол нигаронида шудааст. Шоири асил баробари назар дӯхтан ба дунёи ботинӣ ба ҳаёти воқеӣ низ чашм медӯзад. Муҳаққиқ О. Бухориев масъалаи мазкурро мавриди назар қарор дода, ба хулоса омадааст, ки «шоири воқеъгаро бештар ба масъалаҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда,.. ишқу хостаҳояшро аз матни зиндагӣ интихоб мекунад» [168].

Маълум аст, ки «шеър рӯйхати маҷмуи воқеаҳои таърихӣ нест» [14, с. 86]. Бинобар ин, аз насри бадеӣ ва эпос фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, мушоҳида мешавад, ки бисёр шоирон дар асари манзум, ҳатто, ғиноӣ ба тасвири воқеаҳое даст мезананд, ки хусусияти хоси асарҳои насрӣ ва эпосро дорост. Ба қавли Аскар Ҳаким, «дар шеъри ғиноии асил шахсияти шоир ҳамеша ҳузур дорад» [14, с. 29].

Аскар Ҳаким усули воқеиятнигориро дар ашъори ҳамкасбонаш мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосаҳои муҳим омадааст. Аз ҷумла, оид ба мавҷудияти падидаи мазкур дар шеърҳои ғиноии Лоиқ навиштааст, ки тасвирҳои офаридаи ӯ асосан хаёлпардозона буда, дорои унсурҳои воқеиятгароёна ҳам мебошанд. Лоиқ «ҳангоме ки шеъри нав, озод ва ё жанрҳои тозабунёд, монанди чаҳорпора мегӯяд, эҳсос ва суханаш бештар заминаи вуқуъгароёна пайдо мекунад» [14, с. 71]. Мушоҳида мешавад, ки агар унсурҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори Лоиқ

бештар дар чаҳорпораҳо истифода шуда бошад, дар шоирони дигар, аз ҷумла, худи Аскар Ҳаким онҳо дар тамоми намудҳои ашъор ба чашм мерасанд. Яъне, сухани ҳикоятӣ ва сюжетдор ба таркиби ашъори ғиноӣ ворид шавад ҳам, хусусияти ғиноии онҳоро коста намегардонад. Минбаъд муҳаққиқ сабаби ба шеъри лирикӣ ворид сохтани унсурҳои воқеият ва сюжетро аз тарафи шоирон таҳқиқ намуда, муайян кардааст, ки дар шеъри ғиноӣ истифода бурдани ҷанбаҳои воқеиятнигорӣ ва сюжетнокӣ бемақсад нест. Яъне он аз талаботи руҳии шоир бармеояд.

Воқеиятнигорӣ дар шеъри ғиноӣ одатан дар байту мисраъҳои алоҳида ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқ М. Шакурӣ танҳо дар як-ду байти як шеър мавҷудияти хусусияти воқеиятнигорӣ (реализм)-ро қайд карда, ҳадафи онро «истифода аз реализм» шуморидааст [164, с. 14-20]. Худи истилоҳи «реализм» (воқеят) ишора ба ҳақиқатнигорӣ, воқеиятнокии чизи тасвиршуда мебошад ва дар шеъри ғиноӣ вазифаи ифода кардани мақсади шоирро иҷро мекунад. Аҳаммияти шеъри воқеиятгароёнаро бо истифодаи санъати ҳунарварии шоир М. Аҷамӣ дар мисоли ашъори Аскар Ҳаким дуруст арзёбӣ кардааст: «Шеър аз аввал то охир як ҳуҷҷат аст, ки тоҷик дар масири таърих чӣ гуна зистааст, чӣ гуна аз нобудӣ худро чун қақнус боз эҳё кардааст, худро чӣ гуна кашф кардааст» [33, с. 395]. Ашъори Аскар Ҳаким зиндагии қаҳрамонҳои давронро тасвир мекунад. Аз ин рӯ, дуруст аст, ки «бисёр шеърҳои шоир очеркҳои манзумро мемонанд» [104, с. 197] ва дар онҳо воқеиятнигорӣ нақши намоён дорад.

Дар шеъри аввалини маҷмуаи осори Аскар Ҳаким манзумаи «Номаи фахру сипос», ки ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст, усули воқеиятнигорӣ шахсияти шоирро ифшо намудааст. Албатта, ҳар инсон, аз ҷумла, бе мушкилоту бе дарду доғ нест: «Ҳар чӣ гуфтам, фахри шоир будааст» – омадааст дар яке аз мисраъҳо. Ҳамчунин, шоир аз мушкилии ба сараш омада низ сухан ба миён гузошта, ки он бо кумаки беғаразонаи Президенти кишвар паси сар шудааст: «Аз қазоям сактаи дил шуд раво, // Ҳиммату меҳри ту кард онро даво» [12, с. 16].

Ҳамин тавр, дар ин манзума услуби воқеиятнигорӣ тавассути тасвири симои шахсияти ғиноӣ ба кор рафтааст. Ба ин масъала шоир аз ҷанбаи илмӣ таваҷҷуҳ намуда, дар асари пурмуҳтавои худ «Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ» ба масъалаи воқеиятнигории шеъри ғиноӣ боби махсус бахшидааст. Дар боби мазкур «Шеъри ғиноии ҳикоятӣ» масъалаҳои асосии корбурди усули воқеиятнигорӣ ва сюжетнокӣ дар шеъри ғиноиро мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаҳои муҳимми илмию назариявӣ баровардааст. Бо истифодаи онҳо назария ва амалияи усули мазкурро дар мисоли ашъори Аскар Ҳаким мавриди назар қарор додан мумкин аст.

Аксар муҳаққиқон бар онанд, ки шоир дар шеъри ғиноӣ, лирикӣ танҳо олами ботини инсон, психология, вазъи руҳии худро тасвир мекунад. Аммо ба қавли Аскар Ҳаким, ҳадафи «инъикоси шеъри ғиноӣ танҳо олами ботин набуда, олами воқеъ ҳам мебошад» [14, с. 32].

Аммо дар бораи шеъри ҳамосӣ гуфтан мумкин аст, ки ба он, пеш аз ҳама, воқеиятнигорӣ ва сюжетнокӣ хос буда, тасвири чигунагии ҳастии иҷтимоии инсон дар ҷойи аввал қарор мегирад. Чунин ҳолат дар шеъри ғиноӣ ҳам ба мушоҳида мерасад. Яъне, ба қавли Гегел «дар шеъри ғиноӣ тасвири олами воқеӣ ва шайъӣ тамоман рад карда намешавад» [14, с. 17].

Муҳаққиқон тасвири воқеиятгароёнаро дар ашъори бисёр шоирони тоҷик ба қайд гирифтаанд. Аз ҷумла, аз оғози шеъри «Қатли Восеъ»-и Муъмин Қаноат ҷойи айшу ишрат ва қатлгоҳи мардуми бегуноҳ будани қасри беки Балҷувон маълум мегардад, ки ин ҳам як мисоли шеъри ҳикоятӣ ва воқеиятгароёна буда метавонад:

Қаср,
Ишратгоҳи тобистони шоҳ,
Ҷои қатли «осиёни бегуноҳ».

Шеъри «Шаршараи Восеъ»-и Ғаффор Мирзоро низ дар ин бобат метавон мисол овард, ки ҳанӯз соли 1956 эҷод шудааст: «Дар даҳони ғор, поёни дара, // Мефарояд паҳну суфта шаршара» [75, с. 67]. Чӣ тавре ки мушоҳида мешавад, ҳар ду шоир, беихтиёр дар шеърҳояшон, ки ба як нафар қаҳрамон бахшида

шудааст, услуби мавриди назар – воқеиятнигориро кор фармудаанд. Яъне, дар шеърҳои аслан ғиноии хеш макони зуҳури воқеаро аниқ нишон додаанд: яке, дар назди чанор, дигаре, дар назди шаршара. Аз ҷумла, дар шеъри Муъмин Қаноат «Қатли Восеъ» «истиораи шаҳчинор аз Восеъ на танҳо марги сарбаландонаи қаҳрамони халқро ифода мекунад, балки баландии пояи ин қаҳрамонӣ ва пайванди қавии ӯро бо мардум ва диёраш бори дигар таъкид менамояд» [15, с. 131].

Муҳаққиқ А. Абдусаттор бисёр шеърҳои ишқии Аскар Ҳакимро дар «равияи тозаи вуқуъгароёна» [21, с. 148] номидааст.

Як навоварии Аскар Ҳаким дар назарияи шеъри ғиноӣ аз он иборат аст, ки ӯ шоиронеро, ки асосан шеъри ғиноӣ меофаранд, ба ду қисмат ҷудо кардааст: «Дарунгаро» ва «Бурунгаро».

Аскар Ҳаким шоиронеро, ки бештар ашъори ғиноӣ месароянд, «дарунгаро» номидааст.

Ӯ дар он қисмати таҳқиқоташ, ки ба «шеъри ғиноии ҳикоятӣ» бахшида шудааст, бештар ба истилоҳи «бурунгаро» таваҷҷуҳ намуда, қайд кардааст, ки шоирон аз воқеият ва сюжет ба андозаи дониш ва маҳорати худ истифода мебаранд. Шоироне, ки ашъори ҳамосӣ месароянд, «бурунгаро» мебошанд. Аз ин бармеояд, ки воқеиятнигорӣ хоси ҳамоса аст. Бурунгароиро Аскар Ҳаким хислати инсони «иҷтимоан фаъол» номида, фарди дарунгароро аксар вақт «дудил, мутафаккир ва муҳтот» номида, қайд мекунад, ки онҳо «худро ба уқёнуси шӯру қиёми зиндагӣ меандозанд» [14, с. 15]. Аз ин бармеояд, ки агар «дарунгароӣ» ба шеър сифати ғиноӣ бахшад, бурунгароӣ сифати ҳамосӣ мебошад.

Баррасии ашъори худи Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки ӯ дар ашъори ғиноии ишқӣ, тасвирӣ, аз ҷумла, ғазалҳо бештар дарунгаро буда, дар манзумаю достонҳояш хусусияти бурунгароӣ дорад.

Услуби воқеиятнигориро Аскар Ҳаким, аз қавли гузаштагон, «манзаранигорӣ» номида, таъкид кардааст, ки он «дар шеъри форсии тоҷикӣ решаҳои ҳазорсола дорад» [14, с. 204]. Аз ин рӯ, аз шеъри ғиноии шоирони

классикӣ низ мисолҳои зиёдро оид ба истифодаи воқеият ва сюжет овардан мумкин аст. Аз услуби мазкур шоирон ба дараҷаи дониш, маҳорат ва хусусияти афкору руҳияи худ истифода мебаранд. Собит гардидааст, ки санади воқеии дар шеъри ғиноӣ истифодашуда баъди ба дасти хонанда расидани он танҳо ба эҷодкор тааллуқ надошта, ба моли ҷамъият табдил меёбад. Бояд гуфт, ки воқеиятнигорӣ ва сюжетнокӣ яке аз хусусиятҳои назарраси шеъри ғиноии Аскар Ҳаким ба ҳисоб меравад. Чунин ашъор ба воқеаҳои гуногун, ҳодисаҳои тарҷумаиҳолӣ, воқеаҳои ҷомеа, таърихӣ ва ғайра ишора мекунанд ва вазифаю аҳаммияти махсус доранд.

Шеъри достонвораи «Ойинаву қайроқу шона» яке аз намунаҳои боризи шеъри сюжетдори воқеиятнигорона буда метавонад. Шаҳсаворе дар даст тухми нуру биноӣ бо аспе чобук ба пеш метозад то ба одамон нуру биноӣ барад, аз қафояш деви бадкор давидан дорад. Саддҳои азим пайдо мешаванд, ки шаҳсавор аз онҳо бо ақлу заковати хеш раҳо ёфта, ба сӯйи мақсад мешитобад, ниҳоят, неруи бадкор ба ӯ расида, даст бардошта, кулоҳашро аз сар мегирад, мебинад, бону будааст: «Чун набуд дар марзу буми мо ҷавонмарде, // Боядам бо духтарӣ паймуд ойини ҷавонмардӣ» [12, с. 361].

Шеъри тасвирӣ бисёр вақт аз хусусияти воқеиятнигорӣ бархурдор мебошад. Ин аст, ки дар шеърҳои тасвирии «Эъломияи ман», «Имтиёзи охирин», «Ду хоҳиш» хусусияти воқеиятнигорӣ барҷаста ба назар мерасад.

Дар шеърҳои тасвирӣ Аскар Ҳаким ҳамчун муҳаққиқ се хусусиятро таъриф намуда, ба қисматҳо ҷудо намудааст:

– ҷудо будани таассуроти объективӣ аз шахси шоир;
– таассуроти объективӣ ба тарзи объективӣ;
– ба воситаи субъект, шахси шоир тасвир шудани объект.

Ниҳоят, ба хулоса омадааст, ки шеъри тасвирӣ мавқеи худро нигоҳ доштааст ва «бо вуҷуди зиндагиро фаро гирифтани инқилоби илмию техникӣ пайванди инсон бо табиат аз он ҳам муҳимтар мебошад [16, с. 288, 290-291]».

Тасвири воқеа ва усули воқеиятнигорӣ дар манзумаи «Анӯширвон дар додгоҳи адл» ва достони «Нону имон» (соли 1986), ки аз силсилаи шеърҳо

иборат аст, баръало мушоҳида мешавад. Чунончи, аз ин силсила дар шеъри «Суфраи модар» воқеаи зиндагӣ чунин инъикос ёфтааст:

Нони модар медиҳад атфолро зӯру мадор,
Ман ба тифлиям нахӯрдам сер нони модарам.
Рӯзҳое, ки падар буд дар миёни корзор,
Шуд ба ҷурми нокасе барбод ҷони модарам.
Захмию ғамгин падар баргашт аз ҷанги шадид,
Хонаву ҷоро бидиду ҳамсари худро надид.
Чанд соле ғам кашиду баъд бахташро бикофт,
Ӯ ба худ зан ёфт, аммо тифли ӯ модар наёфт [13, с. 414].

Ба саҳифаҳои ҳаёти шахсии хеш рӯ овардан дар ашъори ғиноии Аскар Ҳаким зиёд мушоҳида мешавад. Зеро «шоире, ки бо воқеият сару кор дорад, табиист, ки ҳини ёдкарди кӯдакиҳои хору зор, ҷавонию ишқи нотакрор ва билохир – ин зинаи олии ангезаи эҳсосоти гарми шоир аст – мавриди бозгӯйи лаҳзаҳои дилфишори ҳаёти халқи хеш ҳазин мешавад ва ин ҳузн табиатан сурудаашро фаро мегирад» [65, с. 14]. Дар банди дигар шоир ёд меорад, ки чӣ тавр баъди аз ин «бигрифт момо дар барам». Баъди сари модар ва зани нав гирифтани падар тарбияи шахсияти лирикӣ, яъне, Аскар Ҳакимро модаркалон ба зимма мегирад. Бо вуҷуди ин, шахсияти ғиноӣ ҳеч гоҳ, ҳатто, ҳангоми калонсолӣ модари хешро аз ёд намебарорад. Ҳар гоҳ «Гар кунун духтарчаҳоям дастҳошонро ба ноз // Бо муҳаббат ҳалқ месозанд гирди гарданам», бӯйи модар ба машом мерасад. Муҳим он аст, ки ин воқеа аз сари худи шоир гузаштааст. Ба қавли мунаққиди рус В. Белинский «шеър инъикоси зиндагист ё дурусттараш худи зиндагист» [116, с. 63].

Истифодаи усули воқеиятнигорӣ аз тарафи шоирон «ҳодисаи тасодуфӣ» [164, с. 23] набуда, ба он дониста ва мақсаднок даст мезананд. Аскар Ҳаким низ ҳодисаи ба сари модараш омадаро бо мақсади муайян ёдовар шуда, бо ин роҳ эҳсосоти худро ба воқеоти зиндагӣ инъикос намудааст. Ин ҳодиса ва тасвири он дар шеъри Аскар Ҳаким аз назари Р. Ҳамзатов низ дур намондааст: «Эҳсоси тоқатнопазирӣ дар шоир ба ҳамаи он чизе, ки барои инсон ва умуман башарият,

ҳалокатовар аст, маҳз аз замони бачагӣ, бо сабаби аз тири силоҳбадасти маст ба марг расидани модар ташаккул меёбад» [149, с. 18].

Чунин ба назар мерасад, ки дар шеъри ғиноӣ истифода шудани воқеаҳои ҳаётӣ қувваи эҳсосот ва романтикаи онро суст мекунад, яъне, ба «бурунгароӣ» мебарад. «Ин ҳолат аз суст шудани диди романтикӣ ва қувват гирифтани биниши реалистӣ гувоҳӣ медиҳад» [164, с. 25]. Аммо намунаҳои мавриди назари Аскар Ҳаким ва шоирони дигари лирик нишон медиҳад, ки чунин нест. Дар шеъри классикон тасвири романтикӣ дар ҷойи аввал аст, аз ин рӯ, дар онҳо воқеияти зиндагӣ, ки хоси реализм аст, кам ба назар мерасад. Аммо сабку услуби ашъори Аскар Ҳаким хоси худаш аст, ӯ ба услуби анъанавии романтикии шоирони классикии тоҷик камтар сару кор гирифтааст. Сабаби чунин ҳолат, яъне, афзоиши таъсири реализм (воқеият)-ро ба ашъори шоирони давраи шуравии тоҷик, аз ҷумла, устод Айнӣ муҳаққиқон аз шароити иҷтимоӣ вобаста донистаанд: «Заминаи тамоюлоти реалистии шеъри Айнӣ шароити иҷтимоии замон буд» [164, с. 31]. Чунин шакли воқеиятнигориро муҳаққиқи озарбойҷонӣ Ориф Ҳоҷиев «реализми демократӣ» номида, яке аз хусусиятҳои онро аз он иборат донистааст, ки адабиёт «ба зиндагонии оммаи халқ рӯ меорад, қаҳрамон ва хонандаи он мардуми одист..., шоирон нобаробарии иҷтимоиро равшану возеҳ дарк кардаанд» [46, с. 33]. Сабаби ба воқеиятнигорӣ таваҷҷуҳ намудани Аскар Ҳаким низ шароити иҷтимоии солҳои ҳафтодум ва ҳаштодуми кишвар буд, ки маҳз дар ҳамин давра таҳкурсии шеъри ӯ гузошта шуд.

Такмил гардидани услуби воқеиятнигорӣ дар назм ва ҳам наср аз таъсири руҳии зиндагии муаллиф низ вобаста буда метавонад. Маълум аст, ки яке аз воқеоти фаромӯшнашавандаи давраи бачагии Аскар Ҳаким, ки ба руҳу равони ӯ таъсири ҷиддӣ расонид ва сабаби ҳамеша зидди шаробхорӣ гаштани шоир гардид, ин дар ҳолати мастӣ модари ҷавони ӯро тарсондан ва ба ҳолати марг расонидани як нафар посбони маст мебошад. Ин аст, ки то имрӯз дар шеъри ӯ ба истиснои мастии ирфонӣ ба тавсифи майу шароб вонахӯрдем. Аз ҷумла, дар дубайтӣ ва рубоиҳои Аскар Ҳаким, ки дар ин навъи шеър аз мастию шаробхорӣ

зиёд сухан меравад, ба майу шароб таваҷҷуҳ нашудааст. Ӯ бар мастии илоҳӣ гаравидааст. Баръакси бисёр шоирон, ба андешаи ӯ, шаробу майи ҳақиқӣ касро ба мурод намерасонад. Дар рубоии «Тиҳимағзӣ» ошкоро овардааст: «Эй масти шароб, дар раҳи рост малағз, // К-аз ҷому шаробат масале гӯям нағз. // Ҳар қадр шавӣ пур аз шароби шиша, // Шиша тиҳӣ аз май шаваду ту аз мағз» [13, с. 327].

Дар рубоии «Қул-қули бисёр» низ сухан аз мастӣ ва тиҳӣ шудани тану руҳи инсон аз он меравад:

Он шиша, к-аз он металабӣ рӯзи беҳӣ,
Дар маҳфили андеша куҷо ёфт меҳӣ.
Фарқе набувад, ки одамӣ ё шиша,
Аз қул-қули бисёр шавӣ зуд тиҳӣ [13, с. 398].

Шоир аз шишаву май ҳамеша изҳори нафрат кардааст: «Ман шиша наям, ки қул-қулам маст кунад, // Ман булбуламу канори гул мехоҳам» [13, с. 348]. Дар манзумаи «Санги ман – алмос» низ ҳодисаи мазкури ғамангез дар ҳаёти шахсии шоир тасвир шудааст, ки як сабаби аз машрубот ва мастӣ канора гирифтани ӯро ошкор менамояд:

Падарам зи ҷанги ватанӣ бозомад,
Модарам шуд, вале аз айби қаровул шабе
ин ҷой шаҳид [13, с. 463].

Дар сатрҳои таъсирбахш аз манфур будани шаробнӯшӣ, лаҳзаҳои ба оромгоҳ бурдани модар, барфу борон, азобҳои ятимӣ, ба модари қаҳрамон монанд будани духтарчаи худаш нақл шудааст:

Духтарам, ки гаҳе
Нусхаи модари ман мегӯянд,
Мезанад ҳалқа ба чашмонам ашк [13, с. 464].

Мастию пастӣ сабаб шуд, ки модаре аз дунё гузашт ва ба дили кӯдакон захми якумрӣ гузошт:

Шуд аз он рӯз яқин
мастию тиру туфангам манфур [13, с. 463].

Воқеятнигорӣ дар мисраъҳои зерини манзума низ ба чашм мерасанд, ки аҳаммияти тарбиявӣ доранд ва хонандаро ба андеша водор мекунанд:

«Буд адибе, ки ба ҳар меҳмонӣ,
Сари минбар ҳатто
Ба ғанаб рафтаву хур-хур мекард
Ва гумон мекардӣ,
К-ӯ чӣ донад чӣ бувад бедорӣ.
Лек хонӣ, агар имрӯз ту осорашро,
Ҳафт пуштат шавад аз хоби абад ҳам бедор...
Ва на ҳар дидаи боз
Муҳри тасдиқи дили бедор аст» [13, с. 465].

Роҳ ёфтани лаҳзаҳои зиндагии шахсиро муҳаққиқон дар шеърҳои нахустини устод С. Айнӣ низ мушоҳида кардаанд. Чунин шеърҳо «хислати биографӣ дошта, кайфияти аламангези шоирро аз тангдастӣ ва бехонумонӣ инъикос мекунанд» [69, с. 16]. Аз ҷумла, устод Айнӣ дар қасидае, ки соли 1901 сароидааст, чунин байтҳои воқеиятнигорона мавҷуданд:

Беҳуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор,
Бенуқлу маю чангаму бемунису ғамхор [1, с. 220].

Дар рубоие низ хусусияти воқеиянигории ашъори устод С. Айнӣ мушоҳида мешавад: «Дар мадраса ҳуҷраи қулай нест маро, // Дар майкада ваҷҳи нуқлу май нест маро. // То кай гӯям, ки ину вай нест маро, // Билҷумла, ба даҳр ҳеч шайъ нест маро» [1, с. 271-272]. Дар бораи махсусият ва аҳаммияти шеърҳои воқеиятгароёна дар ашъори пешазинқилобии устод С. Айнӣ муҳаққиқ М. Шакурӣ чунин изҳори назар кардааст: «Албатта, нахустин шеърҳои Айнӣ бештар мазмуни анънавии ишқӣ доштанд. Лекин дар баъзе аз онҳо то андозае шарҳи аҳволи худи ӯ роҳ ёфтааст, ки ба ин васила ин шеърҳо мазмуни ҳаётии конкрет пайдо кардаанд» [164, с. 16] ва муҳаққиқ дар ин маврид шеъри «Гули сурх» (соли таълифаш 1895)-ро намуна овардааст. Тасвири лаҳзаи ҳаёти шахсӣ дар ғазали «Гули сурх»-и Айнӣ имконият дода, ки «эҳсосот ва эҳтиросоти қаҳрамони лирикӣ хеле равшан ва конкрет ифода ёбад» [121, с. 4]. Маълум

мегардад, тасвири лаҳзаҳои ҳаёти шахсии шоир дар шеър аҳаммияти калон дошта, он қувваи эҳсосот ва таъсирбахшии шеърро афзун менамояд.

Воқеаҳои дар зиндагии шахсӣ рӯйдода ба шеър ба тарзҳои гуногун дохил шуда метавонанд. Аз мисолҳои боло маълум шуд, ки онҳо ба ашъори Аскар Ҳаким бештар ҳангоми баёни эҳтиросоти ғамангез, аз ҷумла, нобуд шудани модар дар асари як ҳодисаи мағшуш ворид гаштаанд. Шеър бунёди реалистӣ, воқеанигории асарро мустаҳкам менамояд.

Дар манзумаи «Санги ман – алмос» (соли 1997), ки қуллаи баландтарини ашъори фалсафии шоир мебошад, таъсири шахсияти шоир, воқеоти зиндагӣ хуб ба назар мерасад. Бисёр қисматҳои манзума, азбаски дар навъи шеъри озод аст, аз ҷиҳати шакл монанди насри мусаҷҷаъ равон ва пайиҳам мебошанд, ҳатто, метавон онро «шеъри мансур» (истилоҳи «Бухорои шариф») [39] номид:

Дӯстони бачагиям ҳама дар деҳ монданд,
Ман ба деҳ меоям,
Лек ҳамроҳи парастуҳо соле як бор [13, с. 450].

Дар манзума воқеият ва сюужет баръало мушоҳида мешавад. Чунончи, дар мисраъҳои «Медавидем, ки дар тоқиамон шабпараке дармонад» [13, с. 451]; «Чун шудам зода ба соли сагу бурҷи мизон» [13, с. 453]... Аммо афзалияти ин шеър на сюужет, балки тасвир аст, тасвири бадеии фалсафаи зиндагӣ. Ҳарчанд шахсияти ғиноӣ мисли ҳамаи дигари бачагон ба бозиву шӯхӣ машғул буд, аммо тақдир ӯро ба ҷойи дигар – кӯйи шеър, бурд: «Ман, ки андохтам аз шавқ кулоҳам боре, // Рафту дар хӯшаи Парвин овехт» [13, с. 451].

Тасвири воқеаи ғамангези зиндагӣ, дар шеъри «Чакомаи ризойи модар» (аз манзумаҳои силсилаи «Санги ман – алмос») пуртаъсир тасвир ёфтааст. Модар барои дидани фарзанди маҳбус ба зиндон меравад, вақте ӯро роҳ намедиҳанд, ҳамон ҷо канори дар шабро рӯз мекунад. Пагоҳ, вақте зиндонбон мебинад, ӯ нобуд шудааст, аз кирдораш пушаймон мешавад. Баъди ин асар хусусияти устуравӣ гирифта, баногоҳ модар аз нав зинда гашта, бе раҳнамоии касе ва бе мамониат ба назди фарзанд меравад ва ба ӯ насиҳат мекунад, ки зудтар баргардаду мурдаи модарашро соҳиб шавад:

– Гуфта будам, ки пойи тобутам,

Эй ҷигарбанди ман, ту бардорӣ,

Гарчи дар ин умед мазбутам,

Ту чӣ сониш, вале ба ҷой орӣ [13, с. 477].

Мушоҳида мешавад, ки «Чакомаи ризойи модар» дар асоси воқеаи риққатомез иншо гардидааст. Ба ин минвол модар васияти хешро ба писари маҳбусаш изҳор карда, баъди ин боз аз дунё мегузарад. Аз ин шеър то чӣ андоза таъсирбахш будани ашъори сюжетдор маълум мегардад. Аммо ин ба ҳунар ва маҳорати шоир вобаста аст, вагарна аз нақли хушки воқеа хонанда баҳраи эстетикӣ намебардорад. Ашъори сюжетдор ва воқеӣ дар шеър баробари аҳаммияти бадеӣ доштан баҳри ифодаи мақсад ва ҳадафи шоир кумаки калон мерасонад.

Ҳатто, дар шеъри хурди «Билети рафту омад» низ воқеиятнигорӣ ба кор рафтааст. Фурӯшанда ба қаҳрамони лирикӣ маслиҳат медиҳад, ки беҳтараш чиптаи ҳавопайморо барои ҳар ду тараф харад, то арзону манфиатнок шавад. Шахсияти ғиноӣ бо танз ҷавоб додааст, ки агар ба омадану рафтани инсон ҳам чипта медоштӣ, бо нархи гаронтар мехаридам:

Гуфтам ба диёри умри инсон,

Ин гуна билет дорӣ, оё? [12, с. 275].

Ба ин монанд дар шеъри хурди «Лутфи ширин» омадааст, ки шахсияти ғиноӣ аз маҷлис берун меояду бонуе шеърхонии ӯро таъриф мекунад. Шоир дарҳол ҷавоби хубе ёфтааст: «шеърам аз лабҳош ширин гашта буд» [12, с. 290].

Воқеиятнигории шеъри «Нимшӯхӣ, нимҷиддӣ» аз таҷрибаи зиндагӣ бармеояд:

Чу аз шеърам набошад дахлу сарфе,

Равам, гирам сари кори дигарро [12, с. 346].

Дар шеъри «Эъломияи ман» зикри тарҳи рӯй ва дигар махсусиятҳои чеҳраи инсон хусусияти воқеанигорӣ дорад. Дар он шоир бори аввал ба кашидани портрети худ кӯшиш кардааст: «Тарҳи рӯ: Хоси урупост, муғулӣ андак, // Осиёӣ, нақше ҳам дорад аз зангӣ» [12, с. 312].

Маълумоти марбут ба шахсият маъмулан дар қолаби тарҷумаиҳолӣ ё пурсишномаҳо пешниҳод мегардад. Аммо шоир дар ин маврид аз шеваи хоси бадеӣ кор гирифта, дар баробари зикри нишонаи зоҳирӣ, яъне, қадди яксаду ҳафтоду панҷсантиметраш, ба муаррифии сифатҳои ботинӣ ва муносибати худ ба ишқ низ мепардозад. Қаҳрамони лирикӣ хешро «чун насиме» муаррифӣ мекунад, ки аз канори зан «бе зиёну бе хиёнат» мегузарад ва бо ҳамин васила покии эҳсос, беозорӣ ва вафодориро аз хусусиятҳои маънавии худ мешуморад. Чунин тарзи худмуаррифии бадеӣ, ки дар он маълумоти воқеии шахсӣ бо тасвири ҳолати ботинӣ ва эҳсоси ошиқона омезиш меёбад, ба шеър хусусияти фардӣ ва ғайримаъмулӣ бахшидааст. Ҳадафи шоир дар ин маврид тавассути худшиносии лирикӣ муаррифӣ намудани симои маънавӣ ва ҷаҳони ботинии хеш ба хонанда мебошад.

Номаи ин эълом
Шояд ин ҷой шавад кард тамом,
Ман равам сӯйи шумо, хоста аз хеш суроғ,
Ва шумо сӯйи ман оед – маро чашму чароғ! [12, с. 313]

Дар шеъри дигар дар асоси тасвири воқеае дар бораи махсусияти инсонҳо ба андеша рафтааст: яке аз ҳамқаламонашро бо ҳайрат ба ёд овардааст, ки дар маҷлису маъракаҳо ҳамеша хоболуд менамуд, аммо вақте ашъорашро ба даст мегирӣ, «ҳафт пуштат шавад аз хоби абад ҳам бедор!» Ва ба хулоса омадааст:

Ва на ҳар дидаи боз
Муҳри тасдиқи диди бедор аст [13, с. 465].

Ба хулоса омадан мумкин аст, ки сухани ҳикоятӣ «дар таркиби асарҳои навъи ғиноӣ ба кор равад ҳам, хусусияти ғиноии онро тағйир намедиҳад» [14, с. 425]. Баръакс, чи тавре ки мушоҳида кардем, дар ифодаи ҳадаф ба шоир кумак расонида, таъсири руҳию равонии онро ба хонанда афзун менамояд.

Ба қавли Б. Шарифзода, «дар шеъри ғиноии шахсиятӣ «сухан аз шахсиятҳо меравад» [158, с. 113]. Аз ҷумла, шеъри муфассали «Талбаки талбидаам» ба шахсияти маълум, яъне, ҷавони 24-солаи данғарагӣ Талбак Лолаев, ки дар ҳодисаи сӯхтани гандумзор қаҳрамонона ҳалок гардид, бахшида

шудааст. Дар ҳар банди шеър аз номи модар мисраи «Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам» такрор гардида, ки андуҳ, таъсирбахшии шеърро афзун намудааст. Дар шеър қаҳрамонии ҷавони одие тасвир ёфтааст, ки ҳарчанд метавонист чун дигарон серу пурии ҷомеаро сабаб нишон дода, худро ба хатар наандозад, бебокона худро ба халос кардани гандумзор аз оташ зад. «Дар ҳамин даврони серию пурӣ... баҳри гандум... дар оташ сӯхтан ва ғайра тезию тундии мубориза ва сифатҳои олии инсонии қаҳрамони достонро падид меоранд» [96, с. 204]. «Дар ҳамин даврони сериву пурӣ, эй ҷони ман, // Баҳри гандум шарт буд оё дар оташ сӯхтан?» [13, с. 437].

Бинобар ин, яке аз махсусиятҳои шеъри мазкурро муҳаққиқ А.Сайфуллоев чунин баён сохтааст: «Шоир ба мавзуи Ватан вусъат мебахшад, умумигӯӣ накарда, фикру мулоҳизаҳояшро ба воситаи манзара ва образҳои конкрет ифода месозад» [96, с. 200]. Маълум мегардад, ки мақсад дар ин шеър танҳо аз тасвири гандумзор ва қаҳрамонии як нафар дар он иборат набуда, муносибати самимона ва хайрхонаи фарзандонро ба Ватан – Модар нишон додааст: «мазмун аз доираи бозгӯиҳои алами дил ва фироқномаи синаи абгори модар берун рафта, бори дигар аз эҳсосоти нозуки одамӣ, масъулиятшиносӣ, қадркунии нон ва меҳнати мушкили фаълаву деҳқон дарак медиҳад» [96, с. 200].

Шеъри «Дар ҳисори гушнагӣ» аз тасвири ҳодисаи мудҳиши замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ иборат аст. Кӯдаке дар Ленингради дар муҳосирамонда аз гушнагӣ ранҷ медид ва дар хона ба падараш мактуб менавишт, ки зудтар ғалаба кунаду ба хона баргардад. Азбаски дармон надошт, мактубро ба зудӣ навишта тамом накард, вақте ки рамақе пайдо мекард, сатре менавишт:

Номаро мехостам бо шеър орам бар қалам,
Оҷиз омад гаҳ қалам, гаҳ қалбам аз дарду алам [13, с. 443].
Дина рӯйи осмонро дида будам беғубор,
Осмони дидаи ман буд, аммо ашкбор [13, с. 444].

Муҳаққиқ Б. Шарифзода ба масъалаи шеъри шахсиятӣ ва вуқуъгароёна дар ашъори Аскар Ҳаким таваҷҷуҳ намуда, қайд кардааст, ки дар шеъри ғиноии

шахсиятӣ сухан аз шахсиятҳо меравад ва «таваҷҷуҳи шоирон ба ин ё он навъи шахсиятҳо аз марому манзури эҷодӣ, матлаби иҷтимоӣ, дилбастагиҳои шахсӣ ва монанди инҳо бармеояд» [158, с. 113-114]. Ба қавли муҳаққиқ, шеъри ғиноии ҳикоятӣ «бунёд бар воқеаву ҳодиса дорад» [12, с. 119].

Баррасии унсурҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ба хулоса меорад, ки унсурҳои воқеиятнигорӣ ва сюжетнок яке аз махсусиятҳои ашъори Аскар Ҳаким дар ашъори ғиноӣ мебошад. Ӯ зарурати истифодаи унсури воқеиятнигорӣ ва сюжетнокиро дар шеъри ғиноӣ дар назария ва амалия собит намудааст.

Ашъори сюжетдор ва воқеӣ дар шеъри ғиноӣ баробари аҳаммияти бадеӣ доштан воситаи асосии ифодаи мақсади шоир мебошад. Унсури мазкур дар шеъри ғиноии Аскар Ҳаким дар авҷи эҳсосот ба вуҷуд омада, ҳадафи асосии шахсият (қаҳрамон)-и лирикиро ифода кардааст.

Баррасии масъалаҳои боби сеюм – **«Поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким»** имкон медиҳад, ки натиҷаҳои зер ба даст оварда шаванд:

1. Таҳқиқи сабку услуби Аскар Ҳаким собит месозад, ки ташаккули сабки фардии ӯ марҳила ба марҳила сурат гирифтааст. Дар ашъори давраи аввали эҷодиёти шоир таъсири шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ ба мушоҳида мерасад, аммо бо такомули таҷрибаи эҷодӣ ин таъсир тадриҷан коҳиш ёфта, тарзи хоси баёну тасвири Аскар Ҳаким ташаккул ёфтааст. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши ашъори ӯ барои муайян намудани хусусиятҳои сабки фардӣ дар шеъри муосири тоҷик аҳаммияти назарӣ дорад.

2. Сабки фардии Аскар Ҳаким бештар дар тарзи интихоби мавзуъ, муносибат ба воқеият, шеваи тасвир ва баёни андеша зоҳир мегардад. Тасвири воқеиятҳои иҷтимоӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва майл ба андешаҳои ҳикматомез дар марҳилаҳои гуногуни эҷодиёти ӯ бо ҳам пайваста, тадриҷан нишонаҳои устувори шеъраш гардидаанд.

3. Санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ҷузъи муҳимми низоми тасвир буда, корбурди онҳо ба табиати мавзуъ ва ҳадафи эҷодии шоир вобаста аст. Аз миёни санъатҳои маънавӣ ташбеҳ, истиора, маҷоз, тазоду муқобала,

таҷоҳули ориф, талмеҳ, ирсоли масал, бароати истеҳлол ва мурооти назир бештар истифода гардидаанд. Ин воситаҳо дар ташаккули образ, тақвияти маъно ва таъсирбахшии баёни шоирона саҳм доранд.

4. Майли Аскар Ҳаким ба шеъри озод аз таҷрибаҳои нахустини эҷодии ӯ оғоз ёфта, дар дарозу кутоҳ овардани мисраъҳо ва шикастани рукнҳои вазнӣ ба назар мерасад. Ин ҷустуҷӯҳои шаклӣ минбаъд густариш ёфта, шеъри озод дар эҷодиёти шоир мавқеи муайян пайдо кардааст. Рӯ овардани ӯ ба ин шакли шеър бештар ба зарурати ифодаи озодонаи андеша ва фарохии имкониятҳои баён алоқаманд мебошад.

5. Мушоҳида мешавад, ки Аскар Ҳаким бештар мазмунҳои иҷтимоӣ, ҳамосӣ, тасвирӣ ва ҳикматомезро дар шакли шеъри озод ифода кардааст. Дар чунин ашъор интихоби шакл ба хусусияти мазмун вобаста буда, озодии сохтори мисраъҳо барои густариши тасвир, баёни андеша ва интиқоли ҳолати эҳсосии шоир имконияти бештар фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, дар шеъри озоди ӯ навҷӯии шаклӣ аз мазмун ҷудо набуда, ҳар ду ҷанбаи шеър дар иртибот бо ҳам ташаккул ёфтаанд.

6. Таҷрибаи шеъри озоди Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки навсозии шакли шеър ба имкониятҳои забонӣ ва тарзи ифодаи бадеӣ низ таъсир расонидааст. Озодии нисбии сохтор барои корбурди калимаву ифодаҳои тоза, раҳоӣ аз такрори воситаҳои забонзадаи назми суннатӣ ва мувофиқ сохтани тарзи баён ба мазмуну эҳсоси шоир мусоидат кардааст. Аз ҳамин дидгоҳ, шеъри озод дар эҷодиёти Аскар Ҳаким василаи таҷдиди забон, тасвир ва тарзи ифодаи андешаи шоирона низ ба шумор меравад.

ХУЛОСА

Пажуҳиши осори манзуми Аскар Ҳаким, баррасии марҳилаҳои фаъолияти эҷодӣ, доираи мавзуъҳо, шаклҳои шеърӣ ва вежагиҳои сабкии он имкон дод, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба тариқи зер ҷамъбаст карда шаванд:

1. Эҷодиёти Аскар Ҳаким ба даврае аз таърихи шеъри муосири тоҷик тааллуқ дорад, ки назми тоҷик дар фосилаи охири солҳои ҳафтодуми асри XX то замони Истиқлоли давлатӣ аз лиҳози мавзуъ, тарзи тафаккур, сохт ва шеваҳои ифода дигаргуниҳои ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Фаъолияти эҷодии шоир ба ду марҳилаи асосӣ, яъне, давраи шуравӣ ва давраи Истиқлоли давлатӣ ҷудо гардида, фарқи ин ду давра аз рӯйи муҳтаво, муносибат ба воқеият ва хусусиятҳои услубӣ мушаххас мегардад. Тағйири шеъри Аскар Ҳаким дар ин ду марҳила аз таҳаввулоти таърихию иҷтимоии ҷомеаи тоҷик ҷудо набуда, дар баробари тағйири ҷаҳонбинии эҷодкор дигар шудани нигоҳи ӯро ба инсон, ҷомеа ва вазифаи шеър низ фаро мегирад [1-М; 2-М].

2. Шинохти шахсияти адабии Аскар Ҳаким бе назардошти муҳити тарбия, рӯзгори кӯдакиву наврасӣ, фаъолияти илмӣ ва таҷрибаи давлатию ҷамъиятии ӯ комил нахоҳад буд. Пайвастагии ин соҳаҳо доираи мушоҳида ва таҷрибаи зиндагии шоирро фарох намуда, дар интихоби мавзуъ, мавқеи иҷтимоӣ ва табиати андешаҳои ӯ таъсири муайян гузоштааст. Ҳузури фаъоли Аскар Ҳаким дар ҳаёти илмию адабӣ ва ҷамъиятии кишвар, аз ҷумла, дар солҳои пурошӯби таърихи навини Тоҷикистон, ба шеъри ӯ низ роҳ ёфта, таваҷҷуҳ ба сулҳ, оромии ҷомеа, худшиносӣ ва масъулияти инсонро тақвият бахшидааст [1-М; 7-М].

3. Ташаккули шеъри Аскар Ҳаким ба марҳилае рост меояд, ки дар назми тоҷик таваҷҷуҳ ба масъалаҳои инсон, муҳити иҷтимоӣ ва маърифати фалсафии зиндагӣ меафзуд. Дар ашъори нахустини ӯ тасвири табиат, эҳсоси ватандӯстӣ, ишқ ва мушоҳидаҳои рӯзгор бештар ба назар мерасанд, вале аз солҳои ҳаштодуми асри XX мавзую масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ тадриҷан ба меҳвари андешаи шоир роҳ меёбанд. Аз ҳамин давра дар шеъри ӯ

тавсифи падидаҳо бештар бо тафсири маънавии онҳо пайваста, ҳикмат ва таҷрибаи зиндагӣ низ ҷойгоҳи устувортар пайдо мекунанд [2-М; 3-М; 6-М].

4. Давраи Истиқлоли давлатӣ дар эҷодиёти Аскар Ҳаким бо тағйири назарраси фазои маънавӣ ва доираи мавзуъҳои шеъри ӯ фарқ мекунад. Истиқлол, худшиносии миллӣ, ваҳдат, сулҳу осоиш, сарнавишти инсон, мушкилоти иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавӣ дар осори ин солҳо бо эҳсоси амиқтари масъулияти шаҳрвандии шоир пайванд мехӯранд. Дар ашъори солҳои муқовимати дохилӣ воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ бештар ба сурати тасвири мустақими воқеаҳо пешниҳод нашуда, мавқеи муаллиф тавассути даъват ба оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, созиш ва маҳкум кардани муқовимати иҷтимоӣ ифода ёфтааст [4-М; 9-М].

5. Таҳаввули мазмунии ашъори Аскар Ҳаким аз густариши пайвастаи доираи андешаҳои шоир шаҳодат медиҳад. Агар дар марҳилаи аввал тасвир, ватандӯстӣ ва эҳсоси лирикӣ бартарӣ дошта бошанд, дар даврaҳои баъдӣ масъалаҳои иҷтимоӣ, фалсафаи зиндагӣ, ахлоқ, панду ҳикмат, худшиносии инсон ва муносибати ӯ бо ҷомеа мавқеи бештар касб мекунанд. Ҳамин боис шуда, ки шеъри А.Ҳаким дар баробари нигоҳ доштани ҷанбаи эҳсосӣ, бештар ба ифодаи таҷрибаи фикрӣ ва маънавии инсон майл намояд [4-М; 5-М; 6-М].

6. Пайванди суннат ва навҷӯӣ аз вежагиҳои меҳварии эҷодиёти Аскар Ҳаким ба шумор меравад. Ӯ ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, қитъа ва дигар қолабҳои маъмули шеъри классикиро нигоҳ дошта, зарфияти онҳоро барои ифодаи мазмунҳои нави иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ ба кор гирифтааст. Таҷрибаҳои шоир дар сохтори чаҳорпора, аз ҷумла, шаклҳои дорои таркиби хоси банду басти ҷамъбастӣ, аз кӯшиши мутобиқ сохтани устухонбандии шеър ба табиати андеша ва тарзи нави баён дарак медиҳанд [2-М; 9-М].

7. Майли шоир ба шаклҳои кутоҳи шеърӣ дар марҳилаи дуюми эҷодиёти ӯ бештар гардида, рубоӣ, дубайтӣ, фард, қитъа ва масал воситаи муносиб барои ифодаи ҳикмат, таҷрибаи рӯзгор ва мушоҳидаҳои ахлоқию фалсафӣ гардидаанд. Фишурдагии сохтории ин шаклҳо ба табиати андешаҳои баъдии Аскар Ҳаким созгор омада, ба ӯ имкон додааст, ки як ҳолат, таҷриба ё хулосаи

зиндагиро дар доираи маъноии маҳдуд, вале пурбор баён кунад. Махсусан, рубоӣ дар солҳои баъдӣ дар эҷодиёти шоир аҳаммияти бештар пайдо карда, масъалаҳои инсон, зиндагӣ, ахлоқ ва шинохти маънавиро фаро гирифтааст [1-М; 6-М].

8. Панду ҳикмат дар осори Аскар Ҳаким бо таҷрибаи шахсии шоир, мушоҳидаҳои иҷтимоӣ ва дарки ӯ аз маънии зиндагӣ омезиш ёфтааст. Корбурди мақолу зарбулмасал, устура, ривоятҳои халқию динӣ ва маъниҳои масалӣ барои тақвияти андешаи ахлоқӣ ва фалсафӣ хидмат мекунад. Масалҳои манзуми солҳои охир, ки дар онҳо ҳайвонот ва наботот вазифаи рамзӣ мегиранд, низ ба ҳамин шеваи баёни ҳикмат тааллуқ дошта, далел ва майли шоир ба хулосаҳои маънавию тарбиявӣ мебошанд [1-М; 6-М].

9. Сабки фардии Аскар Ҳаким якбора шакл нагирифта, дар тули фаъолияти эҷодӣ аз марҳилаҳои гуногун гузаштааст. Дар ашъори нахустин таъсири Аминҷон Шукӯҳӣ ва баъзе хусусиятҳои шеъри ҳамзамонон эҳсос мешавад, вале тадриҷан тарзи хоси тасвир, оҳанги ботамкин, майл ба ҳикмат, ахлоқ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва баёни фалсафӣ аз аломатҳои устувори шеъри ӯ мешаванд. Дар марҳилаи камол баҳрагирӣ аз суннати классикии тоҷику форс ва таҷрибаи шеъри муосири форсизабон дар тарзи андеша, интихоби вожа ва сохти баён бештар мушоҳида мегардад [2-М; 8-М; 7-М].

10. Вусъати шаклҳои шеърӣ дар давраи дуюми фаъолияти Аскар Ҳаким бо фарохтар шудани доираи маъноии ашъори ӯ ҳамоҳанг аст. Дар ин марҳила дар канори ғазалу рубоӣ ва дигар анвои суннатӣ, шеъри озод, осори калонҳаҷм, ашъори фалсафию ирфонӣ ва шеърҳои дорои сохти озодтар бештар ба назар мерасанд. Тасвирофарӣ ва сувари хаёл дар ин давра вазифаи васеътар гирифта, ба ифодаи ҳолати руҳӣ ва маънии фалсафии шеър мусоидат кардаанд [2-М].

11. Шеъри озод дар эҷодиёти Аскар Ҳаким натиҷаи ҷустуҷӯи тадриҷии имкониятҳои нави шакл аст. Дар таҷрибаҳои аввал дарозу кутоҳ шудани мисраъҳо ва шикастани рукнҳои вазнӣ ба назар мерасад ва минбаъд ин ҷустуҷӯҳо ба истифодаи фарохтари сохтори озод анҷомидаанд. Шоир бештар мавзуъҳои иҷтимоӣ, ҳамосӣ, тасвирӣ ва ҳикматомезро дар чунин шакл баён

намуда, дар айни озодии сохтор аз имкониятҳои вазн ва қофия пурра даст накашидааст. Барои ӯ шеъри озод, пеш аз ҳама, имкони раҳо кардани андеша аз маҳдудияти қолаб ва мутобиқ сохтани тули мисраъ, таркиби ҷумла ва интихоби вожа ба ҳаракати табиии фикру эҳсос будааст [6-М].

12. Корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ба зарурати маъно ва тасвир тобеъ аст. Дар шеъри ӯ бештар аз санъатҳои лафзӣ истифода шуда, истиора, ташбеҳ, маҷоз, тазоду муқобала, талмеҳ, ирсоли масал ва дигар санъатҳои маънавӣ дар ташаккули образ, афзудани зарфияти маъноии вожа, пайвастани воқеият бо тахайюл ва муассир гардидани баёни эҳсосию фикрӣ саҳм мегиранд. Дар ин миён истиора аз воситаҳои серистеъмол ва муассири тасвирсозии шоир мебошад [3-М].

13. Воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким бештар дар пайванди лирика бо воқеа, ҷузъиёти зиндагӣ ва таҷрибаи шахсии муаллиф зоҳир мегардад. Ворид шудани унсурҳои сюжет, пайдарҳамии амал, лаҳзаҳои мушаххаси зиндагӣ ва ҳузури фаъоли шахсияти шоир доираи маъмули шеъри ғиноиро васеъ карда, имкони баёни масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳолатҳои руҳиро фароҳам овардааст. Дар чунин шеърҳо воқеа василаи кушодани ҳолати ботинӣ, мавқеи маънавӣ ва муносибати муаллиф ба воқеияти замон мегардад [5-М].

14. Баррасии мазмун, сохт, анвои шеърӣ, сабк ва воситаҳои тасвири бадеии осори Аскар Ҳаким муайян месозад, ки мақоми ӯ дар назми муосири тоҷик бештар ба қобилияти пайвастани суннати шеърии гузашта бо талаботи маънавӣ ва иҷтимоии замони нав вобаста аст. Густариши мавзуъҳои иҷтимоию фалсафӣ, тақвияти панду ахлоқ, таҷдиди имкониятҳои ғазалу рубоӣ ва дигар шаклҳои суннатӣ, таҷрибаҳои чаҳорпора ва шеъри озод, истифодаи воқеиятнигорӣ ва тасвирҳои маънофарин симои эҷодии ӯро муайян кардаанд. Аз ин нигоҳ, осори Аскар Ҳаким барои шинохти тағйироти шеъри тоҷик дар гузариш аз давраи шуравӣ ба замони Истиқлоли давлатӣ ва барои таҳқиқи сабки фардии шоирони нимаи дуюми асри XX ва оғози асри XXI маводи арзишманди адабиётшиносӣ фароҳам меорад [2-М; 5-М; 9-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Бо такя ба натиҷаҳои бадастомада тавсияҳои зер пешниҳод мегарданд:

1. Натиҷаҳои марбут ба марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули сабки фардии Аскар Ҳаким метавонанд дар таҳқиқи масъалаҳои сабкшиносии шеъри муосири тоҷик, махсусан, дар муқоисаи хусусиятҳои эҷодии шоирони нимаи дуюми асри XX ва давраи Истиқлоли давлатӣ, мавриди истифода қарор гиранд.

2. Ашъори дорои мазмунҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, сулҳу ваҳдат, ахлоқ, панду ҳикмат ва масъулияти маънавии инсон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, хрестоматияҳо ва дастурҳои омӯзишӣ оид ба адабиёти муосири тоҷик маводи муносиб ва судманд фароҳам меорад.

3. Хулосаҳои бадастомада оид ба тағйири мазмуну мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ метавонанд дар омӯзиши таъсири воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ба тафаккури бадеӣ ва таҳаввули мавзуъҳои шеъри муосири тоҷик ҳамчун асоси таҳқиқоти минбаъда хизмат намоянд.

4. Таҷрибаи Аскар Ҳаким дар истифода ва таҷдиди ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, фард, қитъа, маснавӣ, чаҳорпора ва шеъри озод барои таҳқиқи масъалаҳои жанр, сохтори шеър ва таносуби шаклу мазмун дар назми муосири тоҷик аҳаммияти назарӣ ва амалӣ дорад.

5. Ҷанбаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, воқеиятнигорӣ, устуравӣ ва масалгароии ашъори Аскар Ҳаким, вазифаи маъноиву тасвирии санъатҳои бадеӣ дар осори ӯ метавонанд дар пажуҳишҳои минбаъдаи поэтикаи шеъри муосири тоҷик боз ҳам амиқтар мавриди омӯзиш қарор гиранд.

6. Шеъри озоди Аскар Ҳаким аз ҷиҳати вазн, қофия, сохтори мисраъ, таркиби наҳвӣ, низоми тасвир ва муносибати шакл бо мазмун барои таҳқиқи муқоисавӣ бо осори дигар намояндагони шеъри нави тоҷик маводи арзишманд фароҳам меорад ва метавонад дар муайян намудани ҷойгоҳи таҷрибаи эҷодии ӯ дар таҳаввули шеъри озоди тоҷик мусоидат намояд.

7. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми таълифи таърихи адабиёти муосири тоҷик, таҳияи курсҳои махсуси «Шеъри муосири тоҷик»,

«Сабкшиносӣ», «Поэтикаи шеър» ва «Назарияи назм», дар пажуҳишҳои марбут ба таҳаввули шеъри тоҷик аз охири давраи шуравӣ то замони Истиқлоли давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (маъхазҳо)

А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Сарчашмаҳо

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 8 [Матн] / С.Айнӣ. –Душанбе: Ирфон, 1981. – 522 с.
2. Баёзи меҳр: намунаи шеърҳои тоҷикӣ-форсӣ дар садаи ХХ [Матн]. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 460 с.
3. Кайковус, У. Қобуснома [Матн] / Унсуралмаолӣ Кайковус. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 130 с.
4. Ҳаким, А. Раҳнавард [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 112 с.
5. Ҳаким, А. Тарозуи офтоб: Шеърҳо, достонҳо [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 176 с.
6. Ҳаким, А. Рӯзи умед [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Адаб, 1990. – 272 с.
7. Ҳаким, А. Илтиҷо аз уқоб: гузидаи ашъор [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1998. – 82 с. – Бо хатти форсӣ ва тоҷикӣ.
8. Ҳаким, А. Боз мерасад хуршед: китоби ашъор [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Адаб, 2002. – 288 с.
9. Ҳаким, А. Мунтахаби ашъор [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд, 2007. – 690 с.
10. Ҳаким, А. Замини сабзи боварҳо [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Адиб, 2008. – 284 с.
11. Ҳаким, А. Бо саломи шукуфаҳо [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Адиб, 2012. – 440 с.
12. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. I: Ашъор [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 424 с.
13. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. II: Ашъор [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 492 с.
14. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. III: Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми садаи ХХ) [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 512 с.

15. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. IV: Тадқиқоти илмӣ, нақди адабӣ, мақолаҳо [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 564 с.
16. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. V: Мақолаҳо, чеҳраҳои адабӣ, мусоҳибаҳо [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 с.
17. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. VI: Тарҷумаҳо [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 с.
18. Ҳаким, А. Маҷмуаи осор: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. VII: Гуфтор дар бораи худ. Дар бораи эҷодиёти Аскар Ҳаким [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 496 с.

II. Адабиёти илмӣ

19. Абдуллоев, А. Ҷӯяндаи роҳу тариқаи навин [Матн] / А. Абдуллоев // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 153–158.
20. Абдуманнонов, А. Сухан аз шеъру шеърият [Матн] / А. Абдуманнонов // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 212–217.
21. Абдусаттор, А. Назари тоза ба шеъри ғиноии тоҷик [Матн] / А. Абдушукур // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 139–152.
22. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб [Матн] / Муҳаммад Авфӣ. – Душанбе: Бебок, 2018. – 320 с.
23. Адибони Тоҷикистон: маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ [Матн] / таҳия ва танзими А. Сомонӣ ва М. Салим. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
24. Азимов, А. Инъикоси Ваҳдати миллӣ дар осори публитсистӣ [Матн] / А. Азимов // Садои Шарқ. – 2017. – № 7. – С. 147–152.
25. Акбарзода, Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Сурушан, 2004. – 198 с.
26. Акбарзода, Ю. Рисолати шоир ва шеър [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
27. Аристотел. Доир ба санъатҳои шеърӣ [Матн] / Аристотел // Фанни шеър. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
28. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2004. – 672 с.

29. Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ [Матн] / Х. Асозода // Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 39–79.

30. Асрорӣ, В. Нақши шеър [Матн] / В. Асрорӣ // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 190–194.

31. Атоуллоҳ, Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Маҳмуди Ҳусайнӣ Атоуллоҳ; бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 221 с.

32. Аҳмадӣ, Б. Ҳақиқат ва зебоӣ [Матн] / Б. Аҳмадӣ. – Теҳрон: Нашри Марказ, 1387. – 600 с.

33. Аҷамӣ, М. Нигоҳе кутоҳ бар қомати баланди шеър [Матн] / М. Аҷамӣ // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 385–407.

34. Бақозода, Ҷ. Одаме месоз аз худ ҳар даме [Матн] / Ҷ. Бақозода // Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Ҷ. VII. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 198–204.

35. Бароҳанӣ, Р. Тилло дар мис (Дар шеър ва шоирӣ) [Матн] / Р. Бароҳанӣ. – Теҳрон: Ковиён, 1347. – 655 с.

36. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / Маликушшуаро Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.

37. Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт (қисми 1) [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1992. – 374 с.

38. Бобоев, Ю. Одаме месоз аз худ ҳар даме [Матн] / Ю. Бобоев // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 205–211.

39. Бухорои шариф [Матн]: рӯзнома. – 1912. – Маҳфуз дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон.

40. Бухороӣ, М. Ш. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист [Матн] / М. Ш. Бухороӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.

41. Ватвот, Рашиддадин. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър [Матн] / Рашиддадин Ватвот; таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳи Х. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.

42. Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик (Дастури таълимӣ) [Матн] / Рустами Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.
43. Ваҳҳоб, Р. Айнӣ ва Нимо [Матн] / Р. Ваҳҳоб // Маърифати омӯзгор. – 2010. – № 4. – С. 18–20.
44. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш [Матн] / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 188 с.
45. Ваҳҳобзода, Р. Таносуб ва ҳунар дар шеър (рисолаи илмӣ-омӯзишӣ) [Матн] / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2019. – 200 с.
46. Гаджиев, А. Реализм в литературах советского Востока [Текст] / А. Гаджиев. – Баку: Язычы, 1978. – 264 с.
47. Гинзбург, Л. О лирике [Текст] / Л. Гинзбург. – 2-е изд., доп. – Ленинград: Советский писатель, 1974. – 408 с.
48. Гулназар. «...Ишқи туро ғазал кунам» [Матн] / Гулназар // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 265–270.
49. Дарси хештаншиносӣ: маҷмуаи мақолаҳо [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 272 с.
50. Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 400 с.
51. Демидчик, Л. Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 2 [Матн] / Л. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1978. – 308 с.
52. Денисова, И. Обсуждение новой поэмы А. Хакима «Мой камень – алмаз» на творческой встрече в Москве, в международном сообществе писательских союзов, 6 апреля 2000 г. [Текст] / И. Денисова // Памир. – 2000. – № 1–6. – С. 126.
53. Диноршоев, М. Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким [Матн] / М. Диноршоев // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 39–101.
54. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкуб. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 712 с.

55. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари арӯз [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2020. – 392 с.
56. Имомзода, М. С. Тараннуми садоқат ва муҳаббат (Маҷмуаи мақолаҳои публитсистӣ) [Матн] / М. Имомзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 244 с.
57. Кадканӣ, Ш. Мусиқии шеър [Матн] / Ш. Кадканӣ // Садои Шарқ. – 2024. – № 8. – С. 83–89.
58. Кадканӣ, Ш., Муҳаммад, Р. Мусиқии шеър: чопи панҷум [Матн] / Ш. Кадканӣ, Р. Муҳаммад. – Теҳрон, 1324.
59. Комилов, Р. Фалсафаи тоҷик аз аҳди бостон то имрӯз: китоби таълимӣ [Матн] / Р. Комилов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 304 с.
60. Кошифӣ, Ҳусайн Воъиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор [Матн] / Ҳусайн Воъизи Кошифӣ; бо муқаддима ва феҳристҳои Р. Мусулмонқулов. – Москва, 1977. – 236 с.
61. Келдиёров, Т. Шеър чун махсусият [Матн] / Т. Келдиёров // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 159–164.
62. Қазва, А. Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит [Матн] / Алиризои Қазва // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 249–253.
63. Қодирдухт, Б. Гавҳари шеър азалӣ ва адабист: мусоҳибаи хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо Аскар Ҳаким [Матн] / Б. Қодирдухт. – С. 519–532.
64. Қосим, Н. Меҳру сеҳри шеър [Матн] / Низом Қосим. – Душанбе: Маориф, 2016. – 336 с.
65. Қосим, Н. Аз ҳақиқат, аз маҳорат, аз ҷасорат [Матн] / Низом Қосим. – Душанбе: Дониш, 2022. – 208 с.
66. Қосимов, С. Рӯзгор ва осори Салими Хатлонӣ (Масъалаҳои назми тоҷик дар замони Истиқлолият) [Матн] / С. С. Қосимов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 192 с.
67. Лоҳутӣ, А. Оид ба озодии эҷодиёт [Матн] / А. Лоҳутӣ // Куллиёт: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. 7. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 113–114.

68. Лоҳутӣ, А. Дар бораи таҷрибаи эҷодии хеш [Матн] / А. Лоҳутӣ // Куллиёт: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. 7. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 150–167.
69. Маниёзов, А. Публисистика ва назми устод С. Айнӣ [Матн] / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 152 с.
70. Маҳмадалиева, М. Тарзи таълими дубайтӣ дар дарси назарияи адабиёт [Матн] / М. Маҳмадалиева // Сафинаи илм: маҷмуаи мақолаҳо / зери назари Р. Тағоймуродов. – Бохтар, 2024. – С. 122–126.
71. Маъсумӣ, Н. Оинаи дӯстӣ [Матн] / Н. Маъсумӣ // Садои Шарқ. – 2016. – № 3. – С. 89–99.
72. Межелайтис, Э. Лирические этюды. Ночные бабочки [Текст] / Э. Межелайтис // Собрание сочинений. – Т. 3. – Москва: Художественная литература, 1979. – 462 с.
73. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 244 с.
74. Меҳрдод, М. Аскар Ҳаким – шоири сохторгаро [Матн] / М. Меҳрдод // Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Ҷ. VII. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 421–426.
75. Мирзо, Ғ. Ашъори мунтахаб. Китоби аввал [Матн] / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 352 с.
76. Мирзоюнус, М. Аскар Ҳаким ва масъалаҳои таҳқиқи шеъри муосири тоҷикӣ [Матн] / М. Мирзоюнус // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 124–134.
77. Миршакар, М. Баъзе қайдҳо [Матн] / М. Миршакар // Садои Шарқ. – 2016. – № 3. – С. 100–105.
78. Михайлов, А. Я знаю силу слов... (Традиция Маяковского – вчера и сегодня) [Текст] / А. Михайлов. – Москва: Худож.лит., 1983. – 174 с.
79. Муродӣ, М., Салимзода, О. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе: Донишварон, 2022. – 360 с.
80. Муродӣ, М. Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 304 с.

81. Муродӣ, М. Нигоҳе ба публитсистикаи тоҷик дар садаи ХХ [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2025. – 264 с.
82. Мусулмонқулов, Р. Асрори сухан [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе, 1980. – 152 с.
83. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт (Китоби дарсӣ) [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
84. Набавӣ, А. Уфуқҳои шеъри инсон [Матн] / А. Набавӣ // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 218–230.
85. Наврӯззода, Д. С. Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ / Д. С. Наврӯззода. – Душанбе, 2025. – 160 с.
86. Назир, У. Ҷонам ҳузур кард [Матн] / У. Назир // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 371–384.
87. Нарзиқул, М. Перомуни «шеъри нав» ва «арӯзи озод» [Матн] / М. Нарзиқул // Пайванд. – 2016. – № 3 (25). – С. 65–75.
88. Нарзиқул, М. Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Аршам, 2022. – 406 с.
89. Нарзиқул, М. Шеъри арӯзи озод дар ҳавзаи адабии Тоҷикистон [Матн] / М. Нарзиқул // Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир. – Душанбе: Аршам, 2022. – С. 265–274.
90. Нарзиқул, М. Ҳадяи шоир чӣ бошад? Шеъри нав! (Масъалаи шеъри озод ва диди нав) [Матн] / М. Нарзиқул // Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир. – Душанбе: Аршам, 2022. – С. 275–286.
91. Насрулло, Камол, Шеър чист ва шоир кист? [Матн] / Камол Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2020. – 176 с.
92. Неъматзода, М. Сеҳри сухан (Мақоми байт, рубоӣ ва дубайтӣ дар назми шоир) [Матн] / М. Неъматзода // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 408–412.

93. Ниҳоли тоза дар баҳори матбуоти тоҷик [Матн] / таҳияи М. Рустам. – Душанбе: Адиб, 2014. – 280 с.
94. Нодирпур, Н. Куҳна ва нав [Матн] / Н. Нодирпур // Садои Шарқ. – 2016. – № 3. – С. 150–157.
95. Нозир, О. «Инсон бояд озод бошад!» Суҳбат бо Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким [Матн] / Одили Нозир // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 489–496.
96. Паҳлуҳои як истеъдод: маҷмуаи мақолаҳо ба муносибати 75-солагии Аскар Ҳаким [Матн] / зери назари Ф. Раҳимӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 590 с.
97. Раҳимзода, Б. Ғ. Аскар Ҳаким – шоир, мунаққид ва муҳаққиқи адабиёти муосири тоҷик [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ / Б. Ғ. Раҳимзода. – Душанбе, 2025. – 180 с.
98. Раҳимӣ, Ф. Паҳлуҳои як истеъдод [Матн] / Ф. Раҳимӣ // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 3–14.
99. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 336 с.
100. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Чопи дуюм. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 424 с.
101. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 132 с.
